**ПАЖУҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ**
**АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ**
**ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

**ТДУ 373+37.01:681.3**

**ТКБ 74.00+74.1**

**Н-92**

**РАҲИЛАИ НУРАҲМАДЗОДА**

# ТАШАККУЛИ ОМОДАГИИ НУТҚИИ КӮДАКОНИ СИННИ КАЛОНИ ТОМАКТАБӢ БА ТАҲСИЛ ДАР ЗИНАИ ИБТИДОӢ БО ИСТИФОДА АЗ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ-ИРТИБОТӢ

**Диссертатсияи**
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ
аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия
(13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ)

Роҳбари илмӣ:.д.и.п., дотсент,
мудири шуъбаи педагогика,
психология
ва методикаи таълими
Пажуҳишгоҳи
рушди маориф ба номи
Абдураҳмони Ҷомии АТТ

**Душанбе 2023**

МУНДАРИҶА


| | |
|---|---|
| **ТАВСИФИ УМУМИИ КОР** | 3-12 |
| **БОБИ 1. ҶАБҲАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ АМАЛИИ ОМОДАГИИ НУТҚИИ КӮДАКОНИ СИННИ КАЛОНИ ТОМАКТАБӢ БА ТАҲСИЛ ДАР ЗИНАИ ИБТИДОӢ** | **13-90** |
| 1.1. Таҳлили масъалаи омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ дар адабиётҳои психологӣ-педагогӣ ва методӣ............................ | 13-40 |
| 1.2. Ташаккули нутқи кӯдакони синни томактабӣ мавриди шиносоӣ бо муҳити атроф...................................................... | 41-65 |
| 1.3 Технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун воситаи босамари ташаккули нутқи кӯдакони синни калони томактаб.............. | 66-88 |
| Хулосаи боби якум................................................................... | 89-90 |
| **БОБИ 2. КОРҲОИ ОЗМОИШӢ-ТАҶРИБАВӢ ОИД БА ТАШАККУЛИ ОМОДАГИИ НУТҚИИ КӮДАКОНИ 5-7 СОЛА БА ТАҲСИЛ ДАР ЗИНАИ ИБТИДОӢ** | **91-160** |
| 2.1. Ташхиси инкишофи нутқи кӯдакони синни калони томактабӣ ва коркарди барномаи озмоишӣ-таҷрибавӣ....... | 91-114 |
| 2.2. Ташкили фаъолияти педагогии татбиқи Барномаи озмоишӣ-педагогӣ бо истифода аз технологияҳои педагогӣ...... | 115-141 |
| 2.3. Таҳлил ва арзёбии натиҷаи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ. | 142-154 |
| Хулосаи боби дуюм.................................................................... | 155-157 |
| **Хулосаи умумӣ ва тавсияҳо**.................................................... | 158-159 |
| **Руйхати адабиёти истифодашуд.....................................** | 160-175 |
| **Замимаҳо**........................................................................ | 176-189 |

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Ислоҳот дар соҳаи маориф зарурияти таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва самтҳои асосии мазмуни таълиму тарбияи томактабиро дар асоси ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи маориф, аз ҷумла талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2004), Стратегияи рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то солҳои 2030, Барномаи давлатии рушди соҳаи тарбияи томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-25, Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён овард.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсати давлатдорӣ маорифро дар мадди аввал гузошта, нақши муассисаҳои таълимии томактабиро ҳамчун зинаи нахустини низоми таълиму тарбия барои инкишофи ҷисмонию зеҳнӣ, ахлоқию маърифатии кӯдак мӯхим шуморида, чунин иброз намудаанд: “Вазифаи асосӣ имрӯз аз фаро гирифтани ҳамаи кӯдакони синни томактабӣ ба таҳсилоти томактабӣ, фароҳам овардани шароит барои инкишофи ҷисмонӣ, маънавӣ, зеҳнӣ ва фарҳангии онҳо, тарбияи ҳисси муҳаббат ба Ватан, ба одату анъанаҳои миллӣ, ба забони давлатӣ, ба арзишҳои миллии халқи худ ва миллати дигар, муносибати эҳтиромона ба оила иборат мебошад”.

Забон воситаи муҳими муомилаи байни одамон ва ифодаи фикр аст. Аз ин ҷиҳат ифодаи фикр ё нутқи кӯдакон бояд пурмазмун ва дурусту фаҳмо баён шавад. Аз ҷумла, инкишофи нутқ дар кӯдакистон ва таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ, аз бедор кардан, инкишоф додан, тавоноӣ бахшидан, ғанисозии захираҳои тафаккур, ҳосил намудани фикрҳои таҳлилию интиқодӣ, эҷодӣ ва созандаю офаранда иборат аст, яъне инкишофи тафаккур ва нутқи бурро мақсади машғулиятҳои таълимӣ дар кӯдакистон ва дарсҳои забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ мебошад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатӣ" омадааст: «Забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст. Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст забони давлатиро донад». Аз ин ҷо боз вазифаи дигари муҳим ба миён меояд, ки он нигоҳ доштан ва ҳифз кардани забони модарист, зеро он яке аз рукнҳои ҳуввияти миллист. Бинобар ин, дар шароити имрӯза барои дуруст ба роҳ мондани омӯзиши забонӣ модарӣ аз технологияҳои педагогии навине истифода бурдан лозим аст, ки инкишофи нутқи кӯдакро таъмин намоянд.

Имрӯз дар муассисаҳои таҳсилотии ҷумҳурӣ воридшавии технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар асоси татбиқи "Барномаи давлатии рушди соҳаи тарбияи томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-25" ва "Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022" мавриди корбарӣ қарор дорад. Дар муассисаҳои таълимии томактабӣ дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолии кӯдакон технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ - компютер, тахтаи электронӣ, телефони мобилӣ, проектор, аксгиранда (сканер), чопгар (принтер), компютерҳои кӯдаконаи "Ҳамадон" мавриди истифода қарор ёфтаанд, ки барои ташаккул ва бою ғанӣ гардидани нутқ, ташаккули сохти грамматикӣ ва мураттабии нутқи кӯдакон дар зинаҳои таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоӣ мусоидат мекунанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Дар хусуси таълиму тарбияи кӯдакон дар муассисаҳои томактабии Тоҷикистон таҳқиқотҳо гузаронида шудаанд, ки дар ин бобат, пеш аз ҳама, рисолаҳо ва воситаҳои таълимии Н.Насруллоева, В.А.Недоспасова, Б.Маҷидова, Л.Иматзода, М.Обидова, Н.Юнусова, Л.Тоҷибоева, М.Юнусова, Н.Ғуломова, М.Нарзуллоева, С.Раҳмонов, З.Қурбонова, Г.Қурбонова, М.Акрамова, Д.Каримова ва дигаронро метавон ном бурд.

Олимони тоҷик, педагог-методистон ба ҳалли масъалаҳои илми методикаи таълими забони модарӣ низ дар синфҳои ибтидоӣ ва болоӣ корҳои таҳқиқотиро ба субут расонида, бархе аз ин методистон М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, С.Аминов, С.Шербоев, Ф.Икромова, Э.Шарифов, Р.Мирзоев, Р. Давлатова, И.Абдуллоев, Б.Боронов, Б.Ғаниева, А.Байзоев, А.Аҳмадбекова муаллифони китобҳои дарсии забони модарӣ низ мебошанд.

Дар таҳқиқот хусусиятҳои педагогию психологии инкишофи нутқи шифоҳию хаттӣ ва таъсири тарафайни онҳо, усулҳои методии инкишофи нутқи алоқанок, роҳҳои ташаккули мафҳумҳои грамматикӣ ва бархе аз пахлӯҳои омӯзиши забони модарӣ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифта, хулосаҳои амиқу илмӣ бароварда шудаанд. Ин ҷо, вазифа аз фароҳам овардани шароит барои омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ дар кӯдакистон ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои педагогӣ иборат мебошад.

Масъалаи мазкур мубрамияти мавзӯъро ба миён овард, зеро он ҳам дар назария ва ҳам дар амалияи зинаи томактабӣ ва ибтидоӣ дар ҷанбаи омодагии нутқии кӯдак бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ мавриди таҳқиқ қарор наёфтааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ тибқи талаботи “Стратегияи рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, “Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025”, нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва синфҳои ибтидоии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба анҷом расида, мавриди таҳқиқи он масъалаҳои низоми муосири таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, ибтидоӣ ва ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани онҳо, махсусан анҷом додани корҳои илмию таҳқиқотӣ дар самти инкишофи нутқи кӯдакон ва омӯзиши

забони модарӣ, омӯзиши стандартҳои давлатии таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоӣ, нақшаю барномаҳо, таълифи дастуру китобҳои дарсӣ, дастурҳои илмию методӣ дар самти мавзӯи барассишаванда мавриди таҳқиқ қарор ёфтанд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Мақсади таҳқиқотро** аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва дар амалия татбиқ намудани раванди ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ташкил медиҳад

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

1. ташаккул додани қобилияти дарки масъалаҳои фонетикӣ, лексикӣ-грамматикӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ, ки дар азхудкунии забон, овозу калимасозӣ ва тартиб додани ибораю ҷумлаҳо нақши аввалиндараҷаро мебозад.
2. Ташаккули донишҳои гуногуни маърифатӣ, бозӣ ва дигар шаклҳои фаъолии кӯдакон мавриди шиносоӣ муҳити атроф;
3. Фароҳам овардани шароитҳои таълимию тарбиявӣ барои ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ.
4. Коркарди Барномаи “Ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ”;
5. Омӯзиши мураббиёни кӯдакистон ва омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бо методикаҳои назорати натиҷаи фаъолияти педагогии худ (истифода аз тест, супориш, ташхисгузаронӣ, пурсишнома, инчунин асбоҳои аёнӣ барои натиҷагирӣ).

**Мавзуи (предмети таҳқиқот).** Таҳқиқи масъалаи ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ дар зинаи гузариш ба зинаи таҳсилоти ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ.

**Объекти таҳқиқот:** раванди ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ дар давраи гузариш ба таҳсил синфи якум бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ.

**Фарзияи тадқиқот:** ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ дар зинаи гузариш ба зинаи таҳсилоти ибтидоӣ дар ҳамон маврид дар сатҳи зарурии назариявию амалӣ ба роҳ монда мешавад, ки агар:

- барои ташаккули нутқи кӯдакони синни калони томактабӣ дар зинаи гузариш ба таҳсилоти ибтидоӣ барномаи махсуси коркардшуда бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ мавриди истифода қарор ёбад:
- ташаккули нутқи кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шиносоӣ бо муҳити атроф вобаста ба мақсаду вазифаҳои интихобшуда ташкил карда шаванд.
- истифодаи босамари технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар рафти шиносоӣ бо муҳити атроф, ки барои инкишофи нутқи кӯдакон мусоидат мекунад, таъмин карда шавад.

**Баргузории кори таҳқиқотӣ се марҳилаи тавъам бо алоқамандро дар бар мегирифт.**

**Марҳилаи аввал (солҳои 2019-2020)** таҳлилу омӯзиши адабиёти илмию методӣ, таҳқиқотҳо оид ба мавзӯи таҳқиқшаванда, санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маорифи кишвар, стандарту барнома ва маводи методии зинаи таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоӣ дар чанбаи инкишофи нутқи кӯдакон ва омӯзиши забони модарӣ, муайян кардани мақсаду вазифа ва методҳои таҳқиқотиро дар бар мегирифт.

**Марҳилаи дуюм (солҳои 2020-2021)** идомаи таҳкиқоти илмӣ, роҳу воситаҳои истифодаи инкишфои нутқи кӯдакон дар муассисаҳои таълимии томактабӣ, коркарду пурра гардонидани дастгоҳи таҳқиқоти илмиро дар бар гирифта, таҳлили кори мураббиён, баргузор намудани марҳилаи аввали корозмоишӣ-таҷрибавиро дар бар мегирифт.

**Дар марҳилаи сеюм (солҳои 2021-2023)** натиҷагирӣ аз иҷри корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, пурсишномаҳои хаттию шифоҳӣ бо мураббиёну падару модарони дар кори таҳқиқотӣ ширкат намуда, баргузор гардид. Натиҷаҳои бадастомада ҷамъбаст шуда, хулосаи илмӣ ва тавсияҳои педагогӣ барои мураббиёну омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва падару модарон пешниҳод гардиданд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро** таълимоти файласуфон, педагогу равоншиносони ватанию беруна дар бораи инкишофи нутқи кӯдакони синни томактабӣ, истифодаи таълифоти онҳо дар ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ дар давраи гузариш ба зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ташкил медиҳад. Самаранокии таҳқиқоти мазкур дар татбиқи барномаи мукаммали ташаккули омодагии ну тқии кӯдакон ба таҳсил бо истифода аз технологияҳои педагогӣ дар ҳамгироӣ бо шинос намудани кӯдакон бо муҳити атроф, ҷойҳои таърихии кишвар ва дар ин радиф инкишоф додани нутқи гуфтугӯии кӯдакон ташкил гардида, инкишофи ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдакро таъмин менамояд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот:** нуктаи назари педагогҳо, психологҳо, дидактикҳо дар бораи алоқаи мутассилии ҳалқаҳои гуногуни таҳсилот, истифодаи роҳу усулҳои босамар дар инкишофи шахсияти кӯдак, дар бораи алоқамандии забон ва тафаккур, конуниятҳои ташаккули маҳорати нутқи модарии кӯдакони синни калони томактабӣ ва хурди мактабӣ ташкил намуд.

**Сарчашмаи маълумотро** санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи соҳа маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои

2018-2022, Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 202-2025 ва дигар маводи барномавӣ-методӣ ташкил медиҳад.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот дар асоси** таҳлили назариявии мавзӯъ, маълумоти аз пойгоҳҳои озмоишӣ бадастовардашуда, аз ҷумла пурсишномаю назарсанҷиҳо, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди таҳқиқот, таҳлили натиҷа, таркиб ва хулосабарорӣ аз баргузории озмоишҳои назоратӣ ва асосӣ бо нишондиҳандаҳои микдорӣ ва сифатии бадастомада гузошта шудааст.

**Пойгоҳи таҳқиқотиро** муассисаи таълимии томактабии № №159 ва МТМУ 71 н.Шоҳмансур, муассисаи таълимии томактабии №149ва МТМУ №35-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе, МТТ №1- и шаҳри Ваҳдат ташкил намуд. Ба раванди таҳқиқот 80 нафар кӯдакони синни калони томактаби муассисаҳои таълимии томактабии мазкур, 12 нафар мураббӣ, мушовирон ва кормандони дигари МТТ, 6 нафар омӯзгорони синфҳои ибтидоии МТМУ ва 60 нафар падару модари тарбиятгирандагон ҷалб карда шуданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот аз ин иборат аст:**

- вазифа, мазмун ва технологияи ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-педагогӣ дар ҷанбаи инкишофи шахсияти кӯдакон муайян гардидааст;
- истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-педагогӣ дар ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ дар давраи гузариш ба зинаи таҳсилоти ибтидоӣ мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст;
- барномаи махсуси ташаккули омодагии нутқии кӯдакон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ барои ташаккули нутқи кӯдакони синни калони томактабӣ дар зинаи гузариш ба таҳсилоти ибтидоӣ коркард ва мавриди озмоиш қарор ёфтааст:
- ташаккули нутқи кӯдакони синни калони томактабӣ тавассути шиносоӣ бо муҳити атроф, ҷойҳои таърихӣ ва фарҳангии кишвар, ки дар рафти онҳо ҳисси мансубият ба арзишҳои маънавии миллати тоҷик

ташаккул ёфта, омӯзиши забони модарӣ ва эҳтиром ба он ба роҳ монда мешавад, таҳқиқ гардидааст.

**Муқаррароти зерин барои дифоъ пешниҳод карда мешаванд:**

1. Шароити асосии инкишофи нутқи кӯдакон дар кӯдакистон ташкили дурусти муҳити нутқӣ; таълими махсус, ки дар раванди он хусусиятҳои психологии кӯдак ба инобат гирифта мешаванд; истифодаи жанрҳои фолклорӣ; методҳои корие, ки ба имкониятҳои кор бо кӯдакони синни калони томактабӣ ҷавобгӯ ҳастанд, мебошанд.
2. Асоси системаи таълимро муносибати комплекси – дар як машғулият ба инобат гирифтани паҳлӯҳои гуногуни масъалаҳои нутқӣ ва интихоби дурусти асарҳои бадеӣ, ки мазмуну мундариҷаи олӣ дошта, аз лиҳози бадеият ба шуури кӯдакон дастрас бошанд, ташкил медиҳад.

2. Барномаи “Ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ”, ки дар он таҳия мегардад, ки дар он пешбинӣ шудааст:
3. Муваффақияти ҷараёни кори таълиму тарбия аз маҳсули кори мураббия вобастагӣ дорад. Донистани забони модарӣ, ташкили дурусти машғулиятҳои таълимӣ, муносибати дуруст ба кӯдакон – шартҳои асосии инкишофи нутқи кӯдакон ба ҳисоб рафта, онҳо бояд дар бораи ин ҳама дониши мукаммал дошта бошад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ** аз ҷиҳати илмӣ асоснок будани мавзӯъ, дастрас будани он, аёният, шуурона аз худ намудани маводи таълимӣ, мустаҳкамии дониш, маҳорат ва малака, такрори пай дар пай, фаъолияти дарккунии кӯдакону хонандагон, мустақилиятнокӣ, алоқаи таълимбо ҳаёт, бо муҳити бачаҳо принсипҳои асосии рисолаи илмӣ мебошанд, ки риоя намудани онҳо дар ҷараёни машғулияти инкишофи нутқ ва таълими фанни забони модарӣ маҳсуб меёбад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро** истифода аз сарчашмаҳои илмӣ-педагогӣ ва муносибати мутассил ба таҳқиқи мавзӯи баррасишаванда; маҷмуи методу воситаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ, ки мувофиқ ба мавзӯи таҳқиқшаванда ва ҳадафҳои он ҷавобгӯ мебошанд, инчунин истифодаи технологияҳои нави иттилооти-педагогӣ дар мувофиқа бо мақсад ва вазифаҳои мавзӯъ; коркарди барномаи "Ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ", ки барои инкишофи нутқи пурмазмун ва мураттаби кӯдакон дар зинаи гузариш ба таҳсилоти ибтидоӣ мусоидат мекунад, ташкил медиҳад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ, мундариҷа ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (аз рӯи самт ва соҳаи фаъолият) 13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ, аз ҷумла ба банди 1 - Назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ ва банди 11 - Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии** довталаб ҷиҳати таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаи баррасишаванда, мутассилии мувофиқи таҳқиқоти назариявӣ бо амалӣ муайян карда мешавад. Дар методикаи таълими забони модарӣ аз руи нишондодҳои педагогика амал намуда, ба воситаи дастовардҳои дақиқ ягонаги ҷараёни таълиму тарбия ва инкишофи умуми кӯдакони синни калони томактабиро дар ҷабҳаи инкишофи нутқи гуфтугӯӣ бо истифодаи аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ нишон додааст. Барномаи "Ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ", ки бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ ташаккул додани қобилияти дарки масъалаҳои фонетикӣ, лексикӣ-грамматикӣ, ки дар азхудкунии забон, овозу калимасозӣ ва тартиб додани ибораю ҷумлаҳо мусоидат мекунад, таҳия гардидааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот чунинанд:** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар интишороти унвонҷӯ, аз ҷумла дар мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи рӯйхати тавсияшудаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар нашрияҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ чоп шудаанд, дарҷ гардидаанд. Дар рафти татбиқи Барномаи ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ” мавриди шиносоӣ бо муҳити атроф, баромад бо маърӯзаҳо дар конфренсияҳои илмию назариявӣ ва ҳисоботҳо дар шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва ибтидоии Пажуҳишгоҳи рушди маориф мавриди корбарӣ қарор ёфтанд.

**Интишорот аз руйи мавзӯи диссертатсия.** Унвонҷӯ оид ба мазмуну муҳтавои рисола илмӣ 9 мақола ба табъ расонидааст, ки 4-тоаш дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда аз рӯйхати тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тољикистон ба табъ расидаанд ва 5 мақола дар матбуоти даврӣ ва маҷмӯаҳои маводи конфронсҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ аз чоп баромадаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** дар ҳаҷми 189 саҳифа пешниҳод гардида, аз муқаддима, ду боб, хулоса ва тавсия, руйхати адабиёти истифодашуда ва замима иборат мебошад.

# БОБИ 1. ҶАБҲАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ АМАЛИИ ОМОДАГИИ НУТҚИИ КӮДАКОНИ СИННИ КАЛОНИ ТОМАКТАБӢ БА ТАҲСИЛ ДАР ЗИНАИ ИБТИДОӢ

## 1.1. Таҳлили масъалаи омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ дар адабиётҳои психологӣ-педагогӣ ва методӣ.

Навовариҳо дар мазмуни таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоӣ ба амал омада, ба сиёсати нави маориф ва ҳаёти тозаистиқлоли Тоҷикистон вобаста буда, ба эҳёи маънавӣ, фарҳангӣ ва нақши созандагии маориф дар ҷомеа равона гаштааст. Муносибатҳои нави иҷтимоию иқтисодии дар ҷумҳурӣ ба амаломада дар ташаккули насли наврас дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал овард. Муассисаҳои томактабӣ ҳамчун зинаи асосии таълим бояд шаклҳои навтарини таълиму тарбияро таъмин созад.

Ҷанбаи мазкур дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забон» (1989), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (2004), Конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» (2013),Консепсияи мактаби миллии тоҷик (1995), Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон (2003), Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарти синфҳои ибтидоӣ зикр гардидааст.

Маҳз қабул гаштани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забон» муносибати аҳли илм, ба хусус, мураббиёну омӯзгоронро ба омӯзиши забони модарию фарҳанги ниёгонамон дар ҳамаи сатҳу зинаҳои таълим ба куллӣ тағйир дод ва фаҳмиши онҳоро низ нисбат ба истифодаи мероси гузаштаи халқ, аз ҷумла забони миллиамон, дар раванди таълиму тарбия муайян намуд.

Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон(2015) ва Стандарти инкишоф ва омӯзиши барвақтии кӯдак (аз таваллуд то 7(6) солагӣ) (2012) – ҳуҷҷатҳои муҳиме дар мазмуни таҳсилоти томактабӣ мебошанд, ки талаботи ягонаро барои таъмини таҳсилоти томактабии кӯдакон аз рӯзи таваллуд то синни 7-солагӣ

муқаррар ва дараҷаи инкишофи кӯдакро дар мувофиқа бо хусусиятҳои фардӣ, суръати такомул, шавқу рағбат, инчунин маҳорати нутқӣ, сенсорӣ ва ҳаракатӣ муайян менамоянд. Инчунин, шароитҳои педагогӣ ва психологии амаликунии таҳсилоти пайдарпай муайян гардида, саҳми соҳаи томактабӣ дар инкишофи кӯдак ва омода намудани он ба мактаб, тавсифи хусусиятҳои синну солӣ барои давраи оғози соли таҳсил нишон дода шудаанд.

Оид ба инъикосу тавзеҳи масъалаи инкишофи нутқи кӯдакон ва мақоми омӯзиши забони модарӣ адабиёти рус басо ғанӣ буда, дар ин бобат таҳқиқоти зиёде бурда шудааст (К.Д.Ушинский, Е.И.Тихеева, Е.А.Флерина, А.Н.Гвоздев, А.М.Леушина, О.И.Соловева, А.П.Усова, Р.И.Жуковская, А.А.Пеневская, М.М.Конина, Н.С.Карпинская, Г.М.Лямина, Ф.А.Сохин, О.С.Ушакова, Т.А.Ладиженская, М.Р.Львов, Н.С.Рождественский ва дигарон).

Олими машҳур, педагог К.Д.Ушинский қатъӣ талаб карда буд, ки кӯдакони синни томактабӣ бояд дар аввал забони модарии худро омӯзанд, зеро вай сарчашмаи аввалини фикр аст. Ақидаҳои пешқадами К.Д. Ушинскийро бисёр олимон маъқул донистаанд. Дар байни педагогҳои асри Х1Х ҷойи асосиро асосгузори методикаи таълими томактабӣ К.Д. Ушинский ишғол мекунад.

Ӯ каломи модарро «мактаби бузурги тарбия» номида, ҳамеша кӯшиш ба харҷ додаст, ки фарзандон аз хурдӣ ба ин мактаб фаро гирифта шаванд. Дар ин маврид чунин қайд намудаанд: «Дар кӯдак бояд аввал нутқи шифоҳӣ ташаккул ёбад, то ки минбаъд барои нутқи хаттии он ҳамчун таҳкурсӣ хизмат кунад, ки маҳз дар ин замина ба онҳо грамматика таълим дода мешавад. Зеро омӯзиши грамматика ва имло аз кӯдакон тафаккури ташаккулёфта ва маҳорати баён намудани фикрро тақозо менамояд».

Ақидаҳои философии К.Д.Ушинский ба таълимоти материалистӣ равона карда шудааст. К.Д.Ушинский қайд мекунад,ки «Бо омӯзиши забони модарӣ кӯдак на танҳо бо худи калимаҳо, балки бо ашёҳо,

образҳои бадеӣ шинос мегардад». Ӯ маслиҳат медиҳад, ки барои инкишофи нутқи кӯдак шинос намудани онҳо бо муҳити атроф, истифодаи расмҳои гуногун, адабиёти бадеӣ шарт ва зарур аст. Дар таълиму тарбияи кӯдакон омӯзонидани эҷодиёти даҳонакии халқ, аз он ҷумла чистону зарбулмасалҳо, афсонаҳо ва бозиҳои халқиро мувофиқи синну соли кӯдакон тавсия менамояд.

Дар асарҳои худ «Дунёи бачагон ва хрестоматияи он» - 1861, «Забони модарӣ» -1864 ба таълиму тарбияи кӯдакон диққати ҷиддӣ дода, хусусан ба гурӯҳи тайёрӣ ба мактаб аҳамияти махсус медиҳад. Бисёр фикрҳои пешқадами К.Д.Ушинский доир ба омӯзонидани забони модарӣ дар ҷараёни таълими томактабӣ истифода бурда шуда, дурустии ақидаҳои ӯ исбот шудааст.

Ақидаҳои К.Д. Ушинский бисёр пайравонро пайдо намуд. Инҳо А.С.Симонович, Е.Н.Водовазова, Е.И.Тихеева ва дигаронанд. Дар соҳаи инкишофи нутқ А.С.Симонович методи аҷиберо кор карда баромад, ки онҳо дар кӯдакистонҳои Петебург ва Тифлис мавриди кор қарор ёфта буданд. Ӯ ба характери халқияти тарбия такя карда, дар кӯдакистонҳои бачагон бозиҳои ҳаракатнок, саёҳат дар табиат ва барои кӯдакон хондани асарҳои бадеиро тавсия намуда буд.

Аз ҷониби Е.И.Тихеева, Е.А.Флерина ва дигарон масъалаи хониши адабӣ ва тарзи ба кӯдакони синну соли калони томактабӣ омӯзонидани нақл намудан кор карда щудааст. Ба ҷуз ин, ӯ талаботро нисбат ба мазмун, сохти китоб ва баҳисобгирии хусусиятҳои идроки кӯдакро дар мавриди шиносоӣ бо адабиёти бадеӣ пешниҳод намудааст: “Ба воситаи мутолиаи китоби шавқовар кӯдак паҳлӯҳои завқовари ҳаёти иҳотакардаи худро таҳлил карда метавонад”.

Аз лиҳози он ки методикаи таълими забони модарӣ бо педагогикаи умумӣ алоқаи мустаҳкам дорад, забони модарӣ на танҳо маҷмӯи муайяни донишҳоро ба талабагон медиҳад, балки маҳорату малакаи заруриро ҳосил кунонида, ба инкишоф ва тарбияи хонандагон мусоидат менамояд.

Дар забон робитаи зиндае мавҷуд аст, ки наслҳои гузашта, ҳозира ваояндаро бо ҳам мепайвандад. Ба андешаи устод “ба воситаи забон одамон таҷрибаи чандинасраи фаъолияти меҳнатӣ ва ақлонӣ, натиҷаи ҳаёти маънавии худро аз насл ба насл ирсол медиҳанд, асосҳои ибтидоии тарбияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ, худогоҳии миллӣ, ахлоқию маънавӣ, маърифат, ҳуқуқию гуманистӣ, зебопарастӣ, касбу меҳнат, иқтисодӣ, экологӣ ва тоқатпазирӣ, таҳаммулу тафоҳум ва ғайраро зимни омӯхтани ҳамин фан аз худ мекунанд”.

Забон воситаи тавонои инкишофи фардият маҳсуб меёбад. Тавассути он кӯдак донишҳоро аз бар намуда, тафаккурашро инкишоф медиҳад ва бо одамон муошират менамояд.

Дар бахши методикаи таълими забони тоҷикӣ низ дар масъалаи инкишофи нутқи кӯдакон аз ҷониби олимон-методистон таҳқиқотҳое ба анҷом расонида шудаанд, ки инкишофи нутқи кӯдаконро дар марҳилаи таълими ибтидоӣ дар бар мегиранд /М.Лутфуллоев, Ф.Шарифзода, Р.Қурбонов, Р.Мирзоев, Ф.Икромова, С.Тағоев, И.Абдуллоев, Р.Давлатова, А.Байзоев, Ш.Котибова ва дигарон/.

Дар ин таҳқиқотҳо хусусиятҳои психологии инкишофи нутқи шифоҳию хаттӣ ва таъсири тарафайни онҳо, усулҳои методии инкишофи нутқи мураттаб, роҳҳои ташаккули мафҳумҳои грамматикӣ ва бархе аз паҳлӯҳои омӯзиши забони модарӣ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифта, хулосаҳои амиқу илмӣ бароварда шудаанд.

Тавре ки қайд намудем, дар бахши методикаи таълими забони модарӣ низ дар масъалаи инкишофи нутқи кӯдакон аз ҷониби олимон-методистон М.Лутфуллоев, Ф.Шарифзода, Р.Қурбонов, Р.Мирзоев, А.Байзоев, С.Тағоев, И.Абдуллоев, А.Байзоев, Р.Давлатова, Ш.Котибова ва дигарон таҳқиқотҳое ба анҷом расонида шудаанд, ки инкишофи нутқи кӯдаконро дар марҳилаи таълими ибтидоӣ дар бар мегиранд. Забони модарӣ дар мактаби ибтидоӣ пеш аз ҳама фанни таълимист ва нақши забони модарӣ ва таълими он қабл аз ҳама, аз он

иборат аст, ки дар ҷараёни омӯзиши он нутқи хонандагон мазмуннок, ифоданок, дуруст, фаҳмо ва бехато мегардад.

Дар низоми педагогии академик М.Лутфуллозода ва Ф.Шарифзода, И.Абдуллоев забони модарӣ, ҳамчун асоси таълим ва тарбияи кӯдакону хонандагон дар зинаи таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоӣ муайян шуда, онро махзани фаъолияти маърифатии наслҳои гузашта, ганҷинаи ҳамаи донишҳо ҳисобида, чунин таъкид менамоянд, “забон муҳимтарин воситаест, ки робитаи инсонро бо муҳит ва ҳақиқати воқеӣ таъмин менамояд”.

Аз ин рӯ диққати асосиро ба мазмун ва методикаи омӯзиши ибтидоии забони модарӣ ҳам дар кӯдакистон ва ҳам дар мактаби ибтидоӣ бояд равона кард. “Забони модарӣ ба мисли риштае сурхест, ки аз байни тамоми фаъолиятҳои кӯдакистон мегузарад”- таъкид менамоянд устод ва дар радифи он забони модариро фанни марказии таълимӣ ва асоси ҳамаи фанҳо дар мактаби ибтидоӣ меҳисобанд.

Методикаи таълими забони модарӣ, усули таълими савод, муайян ва мукаммал намудани мазмуни таҳсилоту инкишофи нутқи кӯдакону хонандагон дар китобҳои дарсӣ, васоити таълим ва дастурҳои методии “Субҳи дониш”, “Дастурамал оид ба таълими “Субҳи дониш””, “Алифбо”(1985,1989,2003,) , «Забони модарӣ барои синфи 1», «Забони модарӣ барои синфи 2», «Забони модарӣ барои синфи 3», «Забони модарӣ барои синфи 4», “Дастурамал оид ба таьлими забони модарӣ”, “Лафзи ширин”, «Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ», “Таълим дар синфи 1”,“Маҷмӯи нақлҳои хаттӣ”, “Маҷмӯаи имло дар синфҳои ибтидоӣ”, “Дастури фаъолияти омӯзгор” ва мақолаҳои зиёди илмию таҳқиқотӣ ҳалли худро ёфтаанд.

Устод М. Лутфуллоев дар осорашон «Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ» вазифаҳои асосии таълими забони модариро чунин муайян намудаанд:

- бунёдгузории малакаи хониш дар шогирдон;

- омӯзонидани сухан кардану сухан шунидан ба хонандагон;

- ёд додани хондану навиштан ва ташаккули тасаввуроти ахлоқию зебоиписан-дии хонандагон;

- инкишофи ҳавасмандии кӯдакон ба китоб, ки манбаи дониш ва таҷрибаи ҳаёт аст;

- бедор намудани шавқу ҳаваси бачаҳо ба омӯзиши забони модарӣ, ҳифзи тозагии забон, мушоҳидаҳои муҳит ва таҷрибаҳои ҳаёт;

- ташаккули ҷаҳонфаҳмии ибтидоии талабагон ва бой намудани нутқи онҳо;

- рушди зеҳн ва ақли мактабиёни хурдсол;

- пайдо кунонидани маҳорати таҳлили маводи омӯхта, муқоиса, хулоса, ҷамъбаст ва дарёфти фикр ва чизи асосӣ дар талабагон.

Устод роҷеъ ба методикаи забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ, вазифаҳои таълими ибтидоии забони модарӣ, усулҳо (инкишофи нутқи кӯдакон) ва ғайра мулоҳизаҳои ҷолибеḣј возеҳу равшан пешниҳод кардаанд. Ба андешаи он кас “методика системаи таълими ибтидоии забони модарӣ буда, ҳамчун усули фаъолияти муаллиму талабаҳо илмест дар бораи роҳ, тарз ва воситаҳои омӯхтани дониш, ҳосил намудани маҳорату малака, ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон, тарбия ва инкишофи онҳост”.

Дар мавриди мавқеи омӯзиши забон дар ташаккули шахсияти хонанда М.Лутфуллозода чунин иброз намудааст: «Дар дарсҳои забони модарӣ нутқи алоқанок бояд мавқеи асосиро ишғол кунад. Аввал ин ки, нутқи алоқанок омӯхтани грамматикаро барои бачаҳо фаҳмо мегардонад, талабагон мавқеи қоида ва шаклҳои грамматикаро дар нутқи худ ҳис кардан мегиранд. Дуюм ин ки, нутқи алоқанок ба инкишофи малакаҳои грамматикии бачаҳо ва нутқи хаттию даҳонакии онҳо кӯмак расонда саводи имлоияшонро баланд мебардорад. Сеюм ин ки, нутқи алоқанок асосан маҳсули кори эҷодӣ ва мушоҳидаҳои бачагон мебошад. Муаллим метавонад онро аз рӯи матнҳои хониши эзоҳӣ низ супорад».

Инкишофи нутқи талабагон асоси таълими забони модариро дар синфҳои ибтидоӣ ташкил менамояд, ки дар назди он вазифаҳои «ба таври амалӣ аз худ кардани меъёри забони адабӣ, малакаи хондану навиштан ва такмили маданияти нутқ меистад».

Дар хусуси таълиму тарбияи кӯдакон дар муассисаҳои томактабии Тоҷикистон таҳқиқотҳо гузаронида шудаанд, ки дар ин бобат, пеш аз ҳама, рисолаҳо ва воситаҳои таълимии Н.Насруллоева, В.А.Недоспасова, Б.Маҷидова, Л.Иматзода, М.Обидова, Н.Юнусова, Л.Тоҷибоева, М.Юнусова, Н.Ғуломова, М.Нарзуллоева, С.Раҳмонов, З.Қурбонова, Г.Қурбонова, М.Акрамова, Д.Каримова ва дигаронро метавон ном бурд.

Натиҷаи тадқиқотҳои онҳо дар маҷмӯаи мақолаҳои илмӣ-методӣ «Инкишофи нутқи кӯдакони синни томактабӣ (Душанбе,1977)», «Мусассисаҳои томактабии деҳот» (маҷмӯаи мақолаҳо барои кормандони муассисаҳои томактабии деҳот. Душанбе, 1979), «Масъалаи омода намудани кӯдакон ба мактаб» (бо забони русӣ «Проблема подготовка детей к школе», зери таҳрири номзади илми психологӣ В.А.Недоспасова, Душанбе, 1985). «Масъалаҳои таълим ва инкишофи равонии кӯдак» (бо забони русӣ «Проблема обучения и психическое развития, муаллиф В.А.Недоспасова, Душанбе 1986») ва ғайраҳо ҷамъбаст ва дастраси хонандагон гардид.

Маҳз ҳамин ҳамкориҳо буд, ки устодони кафедраи тарбияи томактабии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Точикистон ба номи Садриддин Айнӣ Тоҷибоева Л.М., Деревянко Р.И., Землянухина Т.В., Маҷидова Б. ва устоди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб Иззатова М. тадқикотҳои худро ба анҷом расонида дар пешрафти илми педагогикаи томактабӣ ҳиссагузорӣ намуданд. Доктори илмҳои педагогӣ, профессор Иззатова М.И. оид ба мавзӯи «Ташаккул ва рушди муассисаҳои таълимии томактабӣ дар Тоҷикистон» (1924-2004) дифоъ намуданд.

Китоби таълифнамудаи доктори илмҳои педагогӣ, профессор Б.Маҷидова «Педагогикаи томактабӣ» иборат аз 2 қисм нашр ва дастраси кормандони муассисаҳои тарбияи томактабӣ ва волидон гардида, дастури рӯимизии онҳо мебошад.

Инчунин, роҷеъ ба натиҷаи таҳқиқотҳо аз тарафи муаллифон дастурҳои методӣ бо номи «Забони модари- калиди ганҷинаи илму дониш» (Душанбе, 1996). «Истифодаи зарбулмасалу мақолҳо дар тарбияи кӯдакони синни томактабӣ» ва хрестоматия барои мураббиён «Лафзи ширин» (дар ҳаммуаллифӣ бо академик Лутфуллоев М.) ва як қатор мақолаҳои дигари илмию методӣ нашр гардиданд. Инчунин натиҷаи ин тадқиқотҳо дар таҳияи барномаи таълиму тарбиявии кӯдакистон «Роҳнамои мураббӣ» (Душанбе, 2002), «Рангинкамон» (2012) мавриди истифодабарӣ қарор гирифтанд.

Дар корҳои Н.Насруллоева ва В.А.Недоспасова, Б.Маҷидова, Л.Иматзода паҳлӯҳои инкишофи нутқ, аз қабили масъалаи таъсири мазмуни афсонаҳои халқӣ ба нутқи кӯдакони синни калони томактабӣ, инкишофи нутқ дар раванди бозӣ мавриди омӯзиш гардидаанд.

Н.Насруллоева интихоби афсонаҳои халқии тоҷикиро барои инкишофи нутқи томактабиён муайян карда, аз як тараф, таркиби ҳар як афсонаро таҳлили морфологию синтаксисӣ намуда бошад, аз тарафи дигар, чӣ андоза таъсири мусбат расонидани мазмуни афсонаҳои халқиро ба нутқи кӯдакони синни калони томактабӣ нишон додааст.

Дар кори дигари худ - “Бой намудани захираи луғавии кӯдакон дар протсеси шинос намудани онҳо бо адабиёти бадеӣ” Н.Насруллоева чунин ақида дорад, ки инкишофи нутқ, донистани боигарии забон барои ташаккул ёфтани шахсияти ҳар як шахс ниҳоят зарур аст, бинобар ин, инкишофи нутқро дар кӯдакон аз синни томактабӣ вусъат додан зарур аст. [ 87]

Яке аз воситаҳои муҳими ғанисозии захираи луғавии кӯдакон ва инкишофи нутқи онҳо адабиёти бадеӣ мебошад. Танҳо дар адабиёти бадеӣ ҳодисаю воқеаҳои табиату ҷамъият ва муносибатҳои

байниҳамдигарӣ ба воситаи забони бойи образнок инъикос гардидаанд. Аз ин рӯ, Н. Насруллоева жанрҳои гуногуни адабиёти бадеиро таҳлил намуда, аҳамияти онҳоро дар инкишофи нутқи кӯдакон нишон додааст. Аз ҷумла, Б.Маҷидова дар ин хусус чунин қайд менамояд: "Махсусан, адабиёти бадеӣ дар тарбияи ҳисси хештаншиносӣ нақши муҳимро мебозад, чунки он дар тамоми асру замонҳо воситаи муҳими таълиму тарбия ва ташаккулёбии шахсияти кӯдакон аст. Он ба ҳар як фард аз тифлӣ то пирӣ сарчашмаи таасуроту дониш ва лаҳзаҳои гуворои хушнудию хурсандиро ато месозад. Китоб кӯдакро бо олами пурасрор ҳиссиёту ҳаяҷони инсонӣ, кирдору рафтор ва муносибатҳои иҷтимоиву маънавӣ дохил менамояд. Асарҳои бадеӣ доираи донишу тасаввуротҳои кӯдаконро оиди гирду атроф васеъ намуда ҳисси қаноатмандӣ ва хушҳолӣ мебахшад". [78]

Тадқиқотҳои илмии солҳои охир, ки аз тарафи Маҷидова Б. оид ба нақши одату анъанаҳои миллӣ дар ташаккулёбии сифатҳои ахлоқии кӯдакон дар оила, Иззатова М. , Қурбонова З.Ш. роҷеъ ба ташаккулёбии донишҳои экологии кӯдакони синни калони томактабӣ, Қурбонова Г. оид ба истифодаи бозиҳои миллии серҳаракат дар тарбияи сифатҳои ахлоқӣ-иродавии кӯдакони синни калони томактабӣ, Акрамова М. оид ба ташаккули тасаввуроти ахлоқӣ-маънавии қудакони синни калони томактабӣ дар аоси одату анъанаҳои халқи тоҷик дар пешрафти назария ва амалияи тарбияи томактабӣ нақши муҳим доранд.

Дар пешрафти тадқиқотҳои илмӣ- методии соҳаи тарбия, таълим ва таҳсилоти томактабӣ саҳми Майрамхон Нарзуллоева хеле назаррас аст. Бори аввал бо забони тоҷикӣ маводҳои таълимӣ бо номи «Асосҳои психологияи синнусолӣ ва педагогӣ» (1993), «Баъзе хусусиятҳои психологии бачагони синни томактабӣ» (1995), «Психологияи бачагона» (иборат аз 2 қисм, 2007) ва як қатор дастурҳои методӣ «Бозиҳои миллии тоҷикӣ дар боғчаи бачагон» (1993), «Машғулиятҳо оид ба тарбияи маданияти сенсории кӯдакони 3-4 сола» (2004), «Шинос намудани

кӯдакони синни томактабӣ бо фаслҳои сол» (дар ҳаммуаллифӣ бо Н.Ғуломова, 2006), «Камолоти томактаби ё худ омодагӣ ба мактаб» (2007) ва ғайраҳоро таълиф намудааст. Инчунин мақолаҳои зиёди илмӣ, методӣ ба қалами ӯ тааллуқ доранд, ки ба воситаи матбуоти даврии педагогӣ дастраси хонандагон гардидаанд.

Тадқиқотҳои олимон нишон медиҳанд, ки дар кӯдакон ташаккул додани маҳорати интихоби дурусти синонимҳо, антонимҳо, калимаҳои гуногунмаъное, ки ба зерманти(контекст) ҳолати нутқи мувофиқат мекунанд, маҳорати калимаро вобаста ба маънояш дуруст ва дар ҷои муайян маънидод намудан, инкишофи хамаи тарафҳои нутқро (сохти грамматикӣ, маданияти овозӣ, алоқанокиро) таъмин мекунад. Чунки сарфаҳм рафтан ба маънои калима луғати кӯдаконро фаъол гардонида, дар як вақт ба онҳо интихоби дурусти калимаҳоро барои сохтани намудҳои гуногуни ҷумлаҳо меомӯзонад. Инчунин, қайд мегардад, ки кор барои фаҳмида гирифтани тобишҳои маъногии мазмуни калима бояд дар якҷоягӣ бо инкишофи ҳама тарафҳои нутқ, дар алоқаманди бо истифода аз роҳу воситаҳои гуногун гузаронида мешавад.

Сухан, ки воситаи муоширaт аст, дар мархилаи муайяни инкишофи муошират пайдо мешавад. Ташаккули фаъолияти нутқ як раванди мураккаби ҳамкории кӯдак ва одамони гирду атроф мебошад, ки бо истифода аз воситаҳои моддӣ ва забонӣ амалӣ карда мешавад. Сухан аз табиати кӯдак ба вуҷуд намеояд, балки дар раванди мавҷудияти ӯ дар муҳити иҷтимоӣ ташаккул меёбад. Ба вуҷуд омадан ва инкишофи он эҳтиёҷоти муошират, эҳтиёҷоти ҳаёти кӯдак ба миён меояд.

Аз ҷумла, таҳқиқотҳои Л.Иматзода дар тадқиқотҳои худ оид ба бароҳмонии раванди мутассилӣ дар таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоӣ нишон додааст, ки мутассилӣ яке аз шароитҳои муҳими таҳсилоти пайдарпайи кӯдак маҳсуб ёфта, барои гузаштан ба зинаи дигари таҳсилот мусоидат намуда, инкишофи босамари пешравии кӯдак, алоқамандӣ ва мувофиқгардонии хар як қисмати системаи таҳсилотро

(мақсад, вазифа, мазмун, метод, восита, шакли ташкил) таъмин менамояд.

Нутқ ҳамчун воситаи фаҳмида гирифтани ҳамин воқеият ва ҳақиқати олами атроф аз кӯдак инкишофи муайяни ақлиро талаб мекунад. Зеро истифодаи калимаҳои ҷудогона на танҳо асоси дониши мушаххас дар бораи ашё, ҳодиса ва воқеаҳои ҷудогона, балки воситаи дарк карда тавонистан ва фаҳмидани алоқаи мавҷудаи байни ашёи ҳамин муҳит дониста мешавад. Аз ин рӯ, кӯдак баробари дидан, мушоҳида намудан ва омӯхтан доираи муайяни калимаҳоро, ки тадриҷан зиёд ва фаъол шудан мегиранд, ба нутқи худ ворид кардан мегирад.

Маҳз дар кӯдакони синни калони томактабӣ бедор кардани шавқу ҳавас, ҳисси мушоҳидакорӣ нисбат ба ҳодисаҳои табиат, воқеъаҳои ҷамъиятӣ, меҳнати бевоситаи одамон, маданият ва ахлоқу одоби онҳо ва ба ин восита ғанӣ гардонидани тассавурот, дониш, забон ва нутқи онҳо яке аз шартҳои асосии ба таълим тайёр кардани онҳо мебошад. Иҷрои вазифаҳои зерин асосан дар машғулияти забони модарӣ ва инкишофи нутқ, шиносоӣ бо муҳити зист ва табиат, бо адабиёти бадеӣ иҷро карда мешавад. Дар ин маврид барои он ки кӯдак бурро, дуруст нутқ карданро омӯзад, бояд аз рӯи чизҳои шунавидаву дидааш бисёртар нақл намояд.

Дар замони муосир дархост ба омодагии босифати кӯдак ба мактаб дар асоси талаботҳои ягонаи мактабу кӯдакистон ба миён омадааст. Тадқиқотҳои зиёди равонию педагогӣ нишон медиҳанд, ки мақсади пешбарандаи омодагии кӯдакон ба мактаб бояд ташаккули он сифатҳое бошад, ки барои аз худ кардани фаъолияти таълимӣ заруранд.

Вазифаи ба мактаб омода кардани кӯдакон дар ҳамаи гурӯҳои сину соли тадриҷан иҷро карда шавад ҳам, дар гурӯҳи омодагӣ ба мактаб масъулияти ҷиддиро талаб менамояд.

Иҷрои ин мақсад барои мутахассисон, коркунони муассисаҳои томактаби ва мурабиён вазифаи хеле мураккаб аст. Дар ташкил ва гузаронидани машғулиятҳо мураббия хусусиятҳои руҳию ҷисми

кудакони 6- соларо аз ҳар ҷиҳат: мондашавӣ, ашёию бадеияти тафаккур, нақши бозӣ дар инкишофи ҷисмонии онҳо ба назар мегирад.

Дар кӯдакони ин синну сол бедор кардани шавқу ҳавас, ҳисси мушоҳидакорӣ нисбат ба ҳодисаҳои табиат, воқеъаҳои ҷамъиятӣ, меҳнати бевоситаи одамон, маданият ва ахлоқу одоби онҳо ва ба ин восита ғанӣ гардонидани тассавурот, дониш, забон ва инкишофи нутқ яке аз шартҳои асосии ба мактаб тайёр кардани онҳо мебошад, ки он асосан дар машғулияти забони модарӣ ва инкишофи нутқ, шиносоӣ бо муҳити зист ва табиат иҷро карда мешавад.

Донистани забон ва инкишофи нутқ асоси ҳама гуна донишҳоро таъмин менамояд. Инкишофи нутқ бо инкишофи тафаккур вобастаги зич дорад. Забон ва тафаккур просесси ягона аст. Ба воситаи шуур инсон ҷаҳони ҳастиро дарк менамояд, ҳодисаю воқеаҳои табиату ҷамъият ва вобастагии онро меомӯзад; ба воситаи забон бошад, дар бораи он фикр меронад, муҳокима мекунад. Хулас, забон ифодаи бевоситаи фикр мебошад. Инкишофи забони кӯдак ба дарк кардани ашёҳои муҳити зист вобастагии зич дорад. Кудак ашёро мушаххас дида, баъд дарк мекунад. Бинобар ин, забони кудак бо роҳи айёнӣ, бо амалиёти айёнӣ инкишоф меёбад.

Заминаи асосии инкишофи нутқ дар кӯдакистон аз ташкили дурусти шароит барои дар кӯдакон пайдо кардани ҳавас ба мушоҳидаи ашёҳои муҳити зист, шинохтани онҳо ва дар бораи ин чизҳо гуфтугӯ кардан иборат аст, то ки забони кӯдакон дар вақташ аз лӯғат ғанӣ гардад. Бинобар ин инкишофи нутқ яке аз вазифаҳои асоси кори тарбиявии мураббиён ва падару модарон мебошад. Забони рангину раворо барои ҳар як шахс дар ҳамаи сину сол зарур буда, дараҷаи дониш ва маданияти уро нишон медиҳад.

Инкишофи нутқро дар сари вақт аз синни томактаби бояд вусъат дод, зеро он омили асоси минбаъд дар мактаб осон таълим гирифтани кӯдак мебошад, ки инро замони имрӯза ва барномаҳои муассисаҳои таълимии томактабӣ ва ибтидоӣ талаб менамояд. Чӣ тавре ки маълум

аст, инкишофи нутқи кӯдакони сини томактаби ҳамчун пойдевори ояндаи нутқи хаттӣ дар мактаби ибтидоӣ муҳим аст ва он аз нутқи шифоҳӣ иборат мебошад.

Агар нутқи кӯдакро инкишоф надиҳем, ӯ дар мактаб ба душвориҳо дучор мешавад: сухани муаллимро пурра намефаҳмад, чизи шунида ва хондаашро гуфта дода наметавонад. Ин ҳолат ба инкишофи равандҳои маърифатии кӯдак зарар мерасонад, сабаби беҳавасии ӯ ба мактаб ва таълим гардад. Аз ин рӯ, инкишофи нутқ ва камолоти фикрии кӯдакони синни томактабӣ чӣ дар кӯдакистон чӣ дар оила эътибори махсусеро талаб менамояд.

Талабот ва вазифаҳои машғулияти забони модарӣ ва инкишофи нутқ дар кӯдакистон ниҳоят мураккабанд, аксар вақт мурабиён дар иҷрои он душворӣ мекашанд. Зеро маводи таълими забони модарӣ ва инкишофи нутқ аз талаботи ҷудогона иборат аст. Дар машғулияти забони модарӣ ва берун аз он мураббия ҳангоми мушоҳидаи табиат, шиносоӣ бо муҳити зист, бо адабиёти бадеи (шунидани афсона ва нақли он, саволу ҷавоб аз рӯи расм), саводомӯзӣ ва ғайра ба луғати кӯдакон эътибор дода, ба воситаи таҳлили овозии калимаҳо қобилияти шунавоӣ, биноӣ ва нутқи кӯдаконро инкишоф медиҳад. Вай ҳар як лаҳзаи корро чӣ дар машгулият, чӣ дар мавриди бозӣ ба мақсади инкишофи нутқ истифода мебарад.

Диққати асосӣ ба инкишофи самтҳои афзалиятноки нутқи кӯдакон равона карда шуда, инкишофи нутқи кӯдакон дар асоси ба ҳисоб гирифтани паҳлӯҳои гуногуни нутқ - бой намудани луғат, тарбияи маданияти овозии нутқ, ташаккули нутки грамматики ва нутки мураттаб дида баромада шуда, омодагӣ ба саводомӯзӣ ҳамчун зинаи гузариш ба омӯзиши забони тоҷикӣ дар мактаби ибтидоӣ ба ҳисоб мераванд.

Тадқиқотҳои психологҳо ва психолингвистҳо тасдиқ мекунад, ки азхудкунии нутқ ба инкишофи кӯдак чизеро дохил кардан набуда, балки шуур, тамоми фаъолияти ӯро дигаргун сохтан мебошад. Ин ҷо мақсади асосии кор оид ба инкишофи нутқи кӯдакон ин ташаккул додани нутқи

даҳонӣ ва малакаҳои муошарати нутқӣ дар асоси азхудкунии забони адабии тоҷик ба ҳисоб меравад.

Дар методикаи ватанию хориҷӣ яке аз мақсадҳои асосии инкишофи нутқ - ин инкишофи қобилияти нутқии кӯдакон ба ҳисоб мерафт, ки он маҳорати аниқ ва ғанӣ баён намудани мазмуни матнро дар нутқи даҳонӣ дар бар мегирифт.

Муддати зиёде барои муайян намудани мақсади инкишофи нутқ, махсусан талабот ба нутқи дуруст ва аниқи кӯдакон гузошта мешуд. Мақсади ин талабот чунин вазифаро дар бар мегирифт, "Омӯзонидани кӯдакон ба тоза ва дуруст сухан рондан ба забони модарӣ, яъне бе ягон мушкилӣ дар муошарат бо якдигар ва бо калонсолон аз нутки дурусти забони модарӣ истифода бурдан аст, ки ба синну соли томактабӣ хос аст".

Дар зери мафҳуми "нутқи дуруст" а) талаффузи дурусти овозҳо ва калимаҳо; б) вобаста ба мазмун дуруст истифодабарии калимахо; в) махорати дуруст иваз намудани калимахо вобаста ба грамматикаи забони модари, г) тартиб додани нақл дар назар дошта шудааст. \О.Соловёва\.

Дар барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ «Рангинкамон» барнома қисмати "Инкишофи нутқ" чунин вазифаҳоро дар бар мегирад:

- тарбияи маданияти овозии нутқ;
- инкишофи луғат;
- ташаккули сохти грамматикии нутқ;
- инкишофи нутқи мураттаб.




**Тарбияи маданияти овозии нутқ** асосан инкишофи дарккунии овозҳои забони модарӣ ва талаффузи дурусти онҳоро мувофиқи меъёрҳои муайяншудаи забони адабии ҳозираи тоҷик дар бар мегирад. Инкишофи қобилияти шунавоӣ, ки дар асоси он дарккунӣ ва фарққунии воситаҳои фонетикии забон (фарқ намудан ва дуруст талаффуз намудани овоз), риояи воситаҳои ифоданокии нутқ (оҳанг, лаҳни овоз, суръат, зада, қувваи овоз) ташаккул дода мешаванд, барои ҳосил намудани диксияи бурро ва аниқ равона гардидаанд.

Синну соли томактабӣ - давраи бомуваффақияти тарбия намудани маданияти овозии нутқ ба ҳисоб меравад. Азхудкунии талаффузи дуруст ва аниқи овозҳои забони модарӣ бояд дар синни панҷсолагӣ ба анҷом расонида шаванд. Тарбияи маданияти овозии нутқ инчунин инкишофи қобилияти шунавоӣ, ки дар асоси он дарккуни ва фарққунии воситаҳои фонетикии забон (таълими тарзи дурусти талаффузи овоз), соҳиб шудан ба воситаҳои пурмаъноии овозии нутқ (оҳанги нутқ, зада, диксия, нафаскашии дуруст, назорати суръати овоз, бурро талаффуз кардани овоз) дар бар мегирад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки синну соли томактаби - давраи бомуваффакият тарбия намудани маданияти овозии нутк ба хисоб меравад. Азхудкунии талаффузи дуруст ва аник бояд дар синни панҷсолаги ба анчом расонида шавад.

**Азхудкунии захираи луғавӣ** асоси инкишофи нутқи кӯдаконро ташкил медиҳад. Дар луғат мазмуни нутқ инъикос меёбад. Калима – хусусият, сифат, хислат ва амалиётҳои ашёро мефаҳмонад. Асоси инкишофи луғатро азхудкунии мазмуни калима ва дар ҷои муайян вобаста ба матни гуфтугӯӣ истифода бурдани он ташкил медиҳад.

Ҳар як калима мафҳумеро ифода мекунад. Яъне луғат ин номи предмет, сифати он, хусусияти он, амали он, ҳиссиёт, ҳолат, воқеа, ҳодиса ва ғайраро мефаҳмонад. Луғат, яъне калима маводи асоси забон аст. Бинобар ин, кушидан баҳри луғатомӯзии кӯдакон кори савобест. Луғати кӯдакон аз ҳисоби калимаҳое, ки мустақилона фаҳмидан барои онҳо душвор аст.

Қисми асосии луғатро ҳиссаҳои мустақили нутқ (исм, сифат, феъл, шумора, зарф, ҷонишин) ташкил мекунанд. Онҳо дар ҷумла ҳамчун мубтадо, хабар, муайянкунанда, пуркунанда, барои пурра ифода кардани фикр хизмат мекунанд. Бинобар ин, захираи луғавии кӯдаконро аз ҳисоби ҳамин ҳиссаҳои нутқ ташаккул додан мувофиқи мақсад аст. Барои дар нутқ фаъол кардани луғат аз ҳар гунна бозиҳои дидактики истифода бурдани мураббия зарур аст, зеро ки хусусиятҳои синусолии кӯдакон такрори зиёдро талаб мекунад, чунки хотираи онҳо мустаҳкам нест. Вазифаи луғатомӯзи дар кӯдакистон дар нутқ фаъол кардани он мебошад. Мувофиқи хусусиятҳои синусолии кӯдакон луғатомӯзӣ аз мушоҳидаи ашёҳои мушаххас, муҳити зист сар карда мешавад. То ҳадди имкон дар аввал аз омӯзонидани мафҳумҳо худдори карда мешавад. Баътар ҳолатҳои ҳиссӣ, рӯҳи инсон (хурсандӣ, шоддӣ, махзунӣ, хафагӣ, далерӣ чолокӣ, ғамгинӣ, ғолибӣ, тарс…)- амалан аз номи қаҳрамонҳои асар ҳангоми нақли афсона, ҳикоя, шеър равшантар фаҳмонидан мумкин аст.

Инкишофи луғат ҳамчун раванди тӯлонии азхудкунии захираи луғавӣ мебошад. Дар синни 7- солагӣ захираи луғати кӯдак то 6-7 ҳазор калимаро фаро мегирад. Минбаъд кор аз рӯи бойгардонии захираи

луғавӣ давом меёбад. Дар ин синну сол бачаҳо номи ашёҳои навро дар раванди фаъолияти ҳаррӯза бо осонӣ аз бар менамоянд.

Ташаккули ҷиҳати морфологӣ ва синтаксисии нутқи кӯдакон ба ғанӣ гардонидани захираи луғавии кӯдакон бо калимаҳое, ки сифат ва ҳаракати ашёҳоро ифода менамоянд, равона гардидаанд. Истифодаи аниқи калимаҳо вобаста ба мазмун, муайянкунӣ ва номгирии ҷои ашёҳо (дар болои миз, дар рафи ҷевон, дар назди тиреза ва ғ.), вақти шабонарӯз (субҳ, пагоҳӣ, бегоҳӣ, шом, шаб), фаҳмидани ҳолати рӯҳии одамон (ғамгин, хурсанд, хушҳол, гирён), омӯзонидани истифодаи калимаҳои муқобилмаъно (антонимҳо) – дароз-кӯтоҳ, гарм-хунук, сафед-сиёҳ; ҳаммаъно (синонимҳо) - ватан, меҳан, гетӣ, ҷаҳон; омонимҳо - пар, шаст, дар, пул ва ғайра таркиби луғати кӯдаконро дар ин синну сол ташкил медиҳанд.

Луғатомӯзӣ бо системаи муайан гузаронид мешавад. Луғатомӯзӣ аввало доир ба предметҳои зарурии муҳити зист (хона, роҳ майдонча, дар тиреза, девор, барф, об, тӯб, қалам), амал, ҳаракат, сифат ва аломатҳои предмет (барф борид, об рехт, хонаи хиштин, хонаи баланд, оби соф, зулол, сурх), номи предметҳои рӯзгор, касбу кор ва ғайра гузаронида мешавад. Истифодаи бозиҳои гуногун: «Ҷумларо ба охир расон», «Калимаи баръаксашро ёб», «Ҷуфти калимаҳоро муқоиса намо», «Дар ҷумла калимаҳои ҳаммаъноро номбар кун» барои фаъол намудани луғати кӯдакон равона карда мешаванд.

**Дар қисми “Сохти грамматикии нутқ”** Дар гурӯҳи калонсол инкишофи шунавоии фонематикӣ ва такмили алоқаи нутқ давом дода мешавад. Ташаккули сохти грамматикии нутқ ташаккули сохти морфологии нутқ, (маҳорати мувофиқ гардонидани исм бо шумора, исм бо сифат ва ғайра) ва воситаҳои калимасозиро (тартиб додани калимаҳои якреша, дар нутқ истифода бурдани чумлаҳои мураккаби сохташон гуногун) дар бар мегирад.

Кӯдакон сохти грамматикии нутқро дар амал, бо роҳи тақлид намудан ба нутқи калонсолон аз худ мекунанд. Диққати асосиро ба аз

худ кардани ҳиссаҳои нутқ ва воситаҳои калимасозӣ равона кардан зарур аст. Кӯшиш кардан лозим аст, ки кӯдакон маҳорат ва малакаи грамматикии худро дар нутқи гуфтугӯӣ ва нутқи мураттаби худ дуруст истифода баранд.

Дар ин қисмат ташаккули сохти морфологии нутқ ва мустаҳкам кардани маҳорати мувофиқ гардонидани шумора бо исм (чор нок, панҷ китоб), исм бо сифат (духтари зебо), маҳорати кӯдакон оиди тартиб додани калимаҳои якреша (бомазза, бемазза, ширинтар), ) исм бо пасвандҳо (сол – солҳо), феъл бо бандакҳо (рафт-рафтам), дараҷаҳои сифат, ширин, ширинтар, ширинтарин ва ғ. ба нақша гирифта шудааст. Маҳорати мувофиқи маъно дуруст истифода намудани калимаҳо дар нутқ истифода бурдани чумлаҳои мураккаби сохташон гуногун такмил дода мешавад.

Шавқу ҳаваси кӯдакон ба донистагирии маънои калима ташаккул дода шуда, муқоиса намудани ашёҳо, дуруст номбар кардани хусусиятҳои фарқкунандаи онҳо омӯзонида мешавад. Шавқу ҳаваси кӯдакон ба донистагирии маънои калима ташаккул дода шуда, муқоиса намудани ашёҳо, дуруст номбар кардани хусусиятҳои фарқкунандаи онҳо омӯзонида мешавад. Диққати асосиро мавриди калимасозӣ ба истифодаи васеи ҳиссахои нутқ ва тартиб додани ҷумлаҳои сохташон содда ва мураккаб равона намудан зарур аст.

**Дар қисми “Инкишофи нутқи мураттаб»”** бошад давом додани омӯзиши мустақилона, ифоданок, пайдарҳам, бе такрор нақл намудани матн, истифодаи воситаҳои бадеият ва ифоданокии нутқ, тартиб додани хикояҳои начандон калон муайян карда шудааст.

Нутқи мураттаб инкишофи нутқи диалогӣ (муколамавӣ) ва монологиро низ дар бар мегирад. Нутқи диалогӣ воситаи муҳими муоширати кӯдакон дар синну соли томактабӣ мебошад. Кӯдаконро ба гуфтугӯи муколамавӣ водор намудан, дар онҳо маҳорати гӯш кардан ва фаҳмида гирифтани мазмуни нутқи дигаронро инкишоф додан, ба саволҳо ҷавоб додан ва мустақилона пурсиданро омӯзонидан лозим аст.

Ҳаминро қайд кардан лозим аст, ки маҳз ба воситаи нутқи диалогӣ гузаштан ба нутқи мураккабтар – нутқи монологӣ ба амал меояд, яъне дар асоси нутқи диалогӣ нутқи монологӣ инкишоф меёбад. Инкишофи нутқи монологии алоқанок дар кӯдакон ташаккул додани маҳорати гӯш кардан ва фаҳмида гирифтани матнҳои алоқанок, мустақилона тартиб додани наклҳои гуногунро дар бар мегирад.

Ташаккул додани дарккунии оддии падидаҳои забонӣ ва нутқӣ омодагии кӯдаконро ба омӯзиши савод таъмин менамояд. Дар гурӯҳи омодагии пешазмактабӣ мавриди таълими асосҳои саводомӯзӣ нутқ аввалин маротиба ҳамчун маводи таълимӣ зери омӯзиш қарор меёбад. Мураббӣ-омӯзгор диққати кӯдаконро ба нутқи даҳонӣ ҳамчун ҳақиқати забонӣ равона намуда, онҳоро ба омӯзиши таҳлили ҳиҷогии калимаҳо (овозҳои садонок, ҳамсадо, аз чанд ҳиҷо иборат будан) ва ба таҳлили сохти ҷумла водор менамояд.

Дар ин маврид вазифаҳои инкишофи нутқ бо якдигар зич алоқаманд гардида, ҳалли дастаҷамъонаи он барои инкишофи маҳорату малакаи нутқӣ ва таҳсили бомуваффақияти кӯдак дар мактаб заминаҳо фароҳам меорад.

Оид ба паҳлуҳои инкишофи нутқ, аз қабили масъалаи таъсири муҳити атроф ба нутқи кӯдакони синни калони томактабӣ, инкишофи нутқ дар раванди фаъолиятҳои гуногунро муҳаққиқон Н.Насруллоева, Б.Маҷидова, В.А.Недоспасова ва Л.Иматзода мавриди омӯзиш қарор додаанд. Аз ҷумла, Н.Насруллоева, Л.Иматзода интихоби асарҳои бадеиро барои инкишофи нутқи томактабиён муайян карда, чӣ андоза таъсири мусбат расонидани мазмуни онҳоро ба нутқи кӯдакони синни калони томактабӣ нишон додаанд. Умуман, дар ҷараёни кори мураббия на фақат инкишофи нутқи кудак, дониш ва захираи луғавии онҳоро доир ба муҳити зист инкишоф медиҳад, инчунин мувофиқи талаботи педагогикаи томактабӣ кори зарури тарбиявиро иҷро мекунад. Баробари таълим мураббия дар кӯдакон ҳиссиёти донишдӯстӣ, мушоҳидакорӣ, зиракӣ, инкишофи тафаккур, қувваи

ҳофиза, эҳсосот ва қобилияти идрокро тарбия менамояд. Бағайр аз ин, ба тарбияи хушахлоқӣ, муташаккилӣ, коллективизм, ҳурмат нисбат ба калонсолон, ғамхори дар ҳақи хурдтаракон диққати махсус медиҳад, зеро ин хислатҳо ба мактаббача ниҳоят заруранд. Ҳамаи ин воситаи рушди забон, тасаввурот ва инкишофи тафаккур мебошад.

Аз нигоҳи педагогӣ аз худ намудани забони модарӣ барои инкишофи кӯдак ва ташаккули шахсияти ӯ аҳамияти калон дорад. Инкишофи нутқ бо инкишофи шуур, дарки мухити атроф ва инкишофи шахсият алокаи зич дорад. Забони модариро аз худ намуда, кӯдак бо мафҳумҳои зиёд, андешаҳо, образҳои бадеӣ шинос гардида, худшиносии фардиашро ташаккул медиҳад.

Ба ҳамин тариқа, забони модарӣ аз бисёр ҷиҳатҳо кӯдаконро дар рӯҳи беҳтарин хислатҳои инсонӣ-иттифоқ будан, муҳаббат ба Ватан, ба падару модар, хештаншиносӣ тарбия мекунад. Педагоги барҷаста Ушинский К.Д. чунин қайд карда буд: «Каломи модарӣ асоси инкишофи фикри кӯдак, калиди омӯзонидани ҳамаи фанҳост. Бо омӯзонидани забони модарӣ бачагон ба ҳама чиз сарфаҳм мерафтагӣ мешаванд, бо вай ба пеш меравамд ва боз аз нав ба вай мурочиат менамоянд». Бо омӯзонидани забони модарӣ кӯдак як чизро аз чизи дигар фарқ карда метавонистагӣ мешавад ва хусусиятҳои ҳар як чизро меомӯзад.

Методисти соҳаи омӯзиши забони модарӣ И.Абдуллоев чунин фикру мулоҳизаронӣ намудааст: «Дар инкишофи нутқи мураттабу пурмазмуни талабагон адабиёти бадеӣ, эҷодиёти даҳонакии халқ хусусан, асарҳои хурди фолклорӣ саҳми назаррасро доранд. Адабиёти бадеӣ воситаи тавонои тарбияи маънавӣ, ахлоқӣ ва зебоипарастӣ буда. дар инкишофи нутқи талабагон нақши аниқ мегузорад. Асарҳои бадеӣ ҳиссиёт, хаёлоти талабагонро рангин ва пуробуранг намуда, онҳоро бо намунаҳои барҷастаи маводи забони модариашон шинос менамоянд. Дар инкишофи нутқи алоқаноку пурмазмуни талабагон адабиёти бадеӣ, эҷодиёти даҳонакии халқ хусусан, асарҳои хурди фолклорӣ саҳми

назаррасро доранд. Адабиёти бадеӣ воситаи тавонои тарбияи маънавӣ, ахлоқӣ ва зебоипарастӣ буда, дар инкишофи нутқи талабагон нақши амиқ мегузорад. Асарҳои бадеӣ ҳиссиёт, хаёлоти талабагонро рангин ва пуробуранг намуда, онҳоро бо намунаҳои барҷастаи маводи забони модариашон шинос менамоянд».

Кӯдакон ба воситаи калима ҳиссиёт, талабот ва хоҳиши худро ифода мекунанд. Ба воситаи забони модарӣ бо ҳаёт, фарҳанг, адабиёти бачагона, эҷодиёти даҳонии халқ шинос шуда, тасаввуроти оддитарин пайдо мекунанд. Забони модарӣ аз тарафи мураббия чун воситаи муносибат ва таъсиррасонӣ ба кор бурда мешавад.

Дар инкишофи зеҳнӣ ва ташаккули инкишофи шахсии кӯдак таълим ва тарбия нақши асосӣ мебозад. Машғулият шакли асосии таълим дар кӯдакистонҳо дониста шудааст.

Дар ҳар як гурӯҳ мувофиқи синну соли кӯдакон ҳар рӯз аз ду то се машғулият гузаронида мешавад, ки он ба системаи овозии забон, луғатомӯзӣ ва сохти грамматикии забон, шиносоӣ бо мӯхити атроф, шиносоӣ бо табиат, санъати тасвирӣ, тартибдиҳӣ, тарбияи ҷисмонӣ, тарбияи мусиқӣ ва ғайраҳо бахшида шудааст.

Махсусан, машғулиятҳои инкишофи нутқ, шиносоӣ бо адабиёти бадеӣ барои пешрафти бачагон аҳамияти калон дорад. Дар машғулиятҳои инкишофи нутқ, ки қисми таркибии фанни забони модарӣ ба шумор меравад, аз гурӯҳи аввали тифли то гурӯҳи омодагӣ ба мактаб асоси кори мураббияро инкишофи луғат ташкил мекунад, ки он минбаъд асоси забондонии кӯдакон мегардад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи масъалаи мазкур роҳҳои босамартар гардонидани омӯзиши мутассили (пайдарпаи) забони модариро дар таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоӣ талаб менамояд.

Масъалаи мутассилӣ дар таълим ва тарбия гуногунмазмун аст. Ҳамчун категорияи фалсафӣ мутассилӣ дар асарҳои Г.Гегел, Э.Баллер, В.Т.Мещеряков ва дигарон дида баромада шудаанд. Ҳамчун категорияи дидактикӣ зери назари тадқиқоти олимон Ю.К.Бабанский,

Ш.И.Ганелин, В.В.Давыдов, Л.В.Занков, В.Н.Максимова, Д.П.Элконин қарор ёфта буд.

Мутассилӣ маънои алоқаи байни давраҳо ва ё зинаҳои гуногунро дошта, моҳияти ин алоқа дар нигоҳдории ин ва ё он ҷузъиётҳо, тарафҳои алоҳидаи он мавриди тағирдиҳии томи он ҳамчун система буда, маънои гузаштан аз як ҳолат ба ҳолати дигарро дорад.

Дар илми педагогика мавқеи муҳимро тадқиқотҳое ишғол менамоянд, ки ба алоқаи мутассилии ҳалқаҳои гуногуни таҳсилот, аз ҷумла байни мактаби ибтидоӣ ва кӯдакистон (Гончарова И.И., Должикова Р.А., Опалева И.В., Сурнина М.В., ЗотоваТ.Н.), зинаҳои алоҳидаи мактаб, мактаби олӣ ва мактабҳои миёнаи махсус (Огарев Е.И., П Тазаккур мебояд, ки дар ҷумҳурии мо як гурӯҳ методистон, олимон-таҳқиқотчиён М. Лутфуллоев, Р. Қурбонов, Ф. Шарифзода, С.Шербоев, Ф.Икромова, Б.Бойев, Р.Мирзоев, Р.Давлатова, И.Абдуллоев., Ш.Котибова, Б.Боронов ва дигарон ба масъалаи инкишофи нутқи хурдсолон ва омӯзиши забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ шуғл варзида, корҳои таҳқиқотиро ба субут расонидаанд. Дар ин таҳқиқотҳо хусусиятҳои педагогию психологии инкишофи нутқи шифоҳию хаттӣ ва таъсири тарафайни онҳо, усулҳои методии инкишофи нутқи алоқанок, роҳҳои ташаккули мафҳумҳои грамматикӣ ва бархе аз пахлӯҳои омӯзиши забони модарӣ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифта, хулосаҳои амиқу илмӣ бароварда шудаанд.

Педагогикаи муосир муайян кардааст, ки таълими забони модарӣ ва инкишоф додани нутқи кӯдакон барои бачагони сини томактабӣ яке аз вазифаҳои асоси муассисаҳои томактабӣ ба шумор меравад. Таълими томактабӣ пояи ташаккули шахсияти кӯдакон, таҳкурсии минбаъдаи омӯзиш мебошад. Омӯзонидани забони модарӣ ба кӯдакони хурдсол аз рӯзҳои аввалини ба кӯдакистон ворид гаштани онҳо оғоз ёфта, он торафт инкишоф меёбад. Аз ин лиҳоз омӯзонидани забони модарӣ дар

пешрафти ақливу зеҳнии кӯдакони синни томактабӣ мавқеи махсус дорад.

Инкишофи нутқ, донистани боигарии забон барои ташаккул ёфтани шахсияти ҳар як шахс ниҳоят зарур аст, бинобар ин, инкишофи нутқро дар кӯдакон аз синни томактабӣ вусъат додан зарур аст. Забони модарӣ воситаи муҳими муомила ва ифодаи фикр буда, вазифаи асоси таълими забони модарӣ инкишофи нутқ, такмил ва бой намудани захираи луғавии кӯдак, аз худ намудани қоида ва шаклҳои грамматикии калимаю ҷумлаҳо, инчунин фаҳмидани мазмуни ҳар як калимаю ҷумла мебошад.

Дар мавриди мавқеи омӯзиши забон дар ташаккули шахсияти хонанда М.Лутфуллоев чунин иброз намудааст: «Барои аз худ намудани забон лозим аст, ки таркиби равонии шахсияти талаба ташаккул дода шавад ва бояд таъкид намуд, ки дар синну соли хурди мактабӣ аксар равандҳои маърифатӣ ба таври ихтиёрӣ ба амал меоянд. Бинобар ин имкони дар талабагон муносибати бошууронаро нисбат ба нутқ бо сухан рондан ташаккул додан вуҷуд дорад».

Инчунин мақсади умумии таҳсилоти пайдарпайии кӯдакони синну соли томактабӣ ва хурди мактабӣ мавриди барассӣ қарор ёфтааст, ки ҳаллу фасли чунин вазифаҳои аввалиндараҷаро муайян менамояд:

- шинос намудани кӯдакон бо муҳимияти тарзи ҳаёти солим;
- таъмини хушҳолии эмотсионалии ҳар як кӯдак, инкишофи худэҳсоскунии мусбати ӯ;
- ташаккули донишҳои гуногун дар бораи муҳити атроф, ҳавасмандии робитавӣ, маърифатӣ, бозӣ ва дигар шаклҳои фаъолии кӯдакон дар намудҳои гуногуни фаъолият;
- инкишофи босалоҳиятӣ дар ҷанбаи муносибат ба олам, бо одамон.
- ворид намудани кӯдак ба шаклҳои гуногуни ҳамкорӣ бо калонсолон ва кӯдакони синну соли гуногун;
- хоҳиш ва маҳорати таҳсил намудан, омодагӣ ба таълим дар зинаи аввалини мактаб;

- такмили дастовардҳои инкишофи томактабӣ дар давраи таълими мактабӣ.

Ҳамин тариқ мо гуфта метавонем, ки мутассилӣ яке аз шароитҳои муҳими таҳсилоти пайдарпайи кӯдак маҳсуб ёфта, барои гузаштан ба зинаи дигари таҳсилот мусоидат намуда, инкишофи босамари пешравии кӯдак, алоқамандӣ ва мувофиқгардонии ҳар як қисмати системаи таҳсилотро (мақсад, вазифа, мазмун, метод, восита, шакли ташкил) таъмин менамояд.

Устод нақши забон, эҷодиёти даҳонии халқ, адабиётро дар тарбияи ҳисси ватандӯстӣ, муҳаббат ба диёр, халқи худ, ба одату анъанаҳо, санъат, маданият, таърих таъкид намуда, дар кӯдакон тарбия намудани нексириштӣ, ростқавлӣ, таҳаммулгароӣ, пок нигоҳ доштани забони модариро зарур дониста, чунин мефармоянд: “Нутқи мураббия ва дигар ашхоси калонсол бояд холӣ аз ҳар гуна суханҳои қабеҳ, дашном, таҳқиру писханд бошад. Риояи маданияти нутқ дар ҳар як вазъият шарт ва зарур аст».

М.Лутфуллоев мақсаду вазифаи асосии таълиму тарбияи томактабиро дар омода намудани кӯдакон ба мактаб меҳисобад. Зеро зарурати фаъолонидани истифодаи калимаҳо ва ба низом овардани нутқ маҳз дар ҳамин давра ба миён меояд. Дар ин маврид бояд диққати асосиро ба инкишофи самтҳои афзалиятноки нутқи кӯдакон равона карда, ба тарбияи маданияти овозии нутқ, ташаккули сохти грамматикии нутқ ва инкишофи нутқи мураттаб таваҷҷӯҳ намуд.

Натиҷаи ниҳоӣ аз он иборат аст, ки дар охири синни 7 солагӣ, мавриди гузаштан ба таҳсил дар мактаби ибтидоӣ кӯдак бояд маҳорату малакаи муайянро аз бар карда бошад.

Таълими «Забони модарӣ» шартан ба ду давраи муҳим вобаста мебошад:

1.Давраи омодагӣ ба таълими савод дар синни калони томактабӣ.

2. Давраи таълими савод.

Давраи таълими савод нимсолаи аввали синфи якумро фаро мегирад. Ин давра аз марҳилаҳои тоалифбо, алифбо ва баъди алифбо иборат аст, ки ҳар якеашон вазифаҳои муайяни худро доранд:

- марҳилаи тоалифбо, ё омодагӣ: ба синфи 1 фаро гирифтани бачагони синнусоли мактабӣ ва бедор намудани майлу рағбати онҳо ба фаъолияти таълимӣ, аз ҷумла инкишофи ҳисси овозию шунавоӣ, дарки моҳияти овоз ҳамчун унсури хониши калима ва моҳияти ҳарф ҳамчун аломати овоз барои ифода (навиштан), инкишофи даст ва панҷаҳо; омӯхтани унсурҳои асосии хат (пур кардани қолабҳои тайёр, расм, хат бурдан аз руйи раххо, риояи рахи дафтар); инкишофи нутқи мураттаб, зиёд намудани захираи луғат, аз бар кардани шеърҳо, дарки унсурҳои қолаби ҷумла, калима, ҳиҷо, овоз ва ҳарф)».

Дар асоси таҳлилу баррасии масъалаи мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки омӯзиши забони модарӣ дар синни калони томактабӣ ва давраи тоалифбо муттасилии таълимро дар ин ду давра таъмин менамояд.

Тарбияи кӯдак масъалаи хеле мураккаб буда, барои дуруст ва пурра ҳал кардани он ҳамкории кӯдакистон ва оила ниҳоят зарур аст, ки беин расидан ба мақсади таълиму тарбия душвор хоҳад буд. Аз баски аксарияти падару модарон дониши педагоги кофи надоранд, аксар вақт дар тарбияи фарзандон хато мекунанд. Бинобар ин, кӯдакистон вазифадор аст, ки барои баланд бардоштани савияи дониши педагогии падару модарон кушиш намояд, ба онҳо маслиҳатҳои педагоги диҳад.

Масъалаи рушди забон ва инкишофи нутқи кӯдакони сини томактаби ба шароит ва муҳити зиндагии онон вобаста аст. Зеро кӯдак ҳар як суханро танҳо аз калонсолон мешунавад ва ёд мегирад. Чи қадаре ки одамони муҳити зист бо забони пурғановат боодобона гуфтугуй кунанд, забон ва нутқи кӯдак ҳамон қадар фасеҳ ва болиғ мегардад. Ҳар як сухани нек ва бадро кӯдак аз калонсолон ёд мегирад.

Мушоҳида нишон дод, ки аксар вақт калонсолон ба инкишофи

нутқи кӯдакон дуруст эътибор намедиҳанд. Онҳо хотир ҷамъ мешаванд, ки кӯдакон худ аз худ гапзаниро меомӯзанд. Нутқи дурусти кӯдаконро танҳо дар натиҷаи муташакилонаи оила ва мураббиёни кӯдакистони бачагон, дар натиҷаи дуруст ба роҳ мондани фаъолияти ҳарузаи он дар бози, меҳнат ва машғулиятҳои гуногун, сайру саёҳат ва монанди ин инкишоф додан мумкин аст.

Аз ин сабаб, баланд бардоштани савияи дониши педагогӣ ба падару модарониз зарур аст. Ҷустуҷӯи роҳу равиши тарбия, омухтани таҷрибаи педагогӣ баъзе падару модарон, бо мурабия ва педагогҳои богчаю мактабҳо дар алоқаи зич истода маслиҳатҳо гирифтан ба беҳтар шудани кори тарбия ёрӣ мерасонад.

Падару модарони ботаҷриба ба бачагони худ дар бораи ҳодисаҳои табиат, воқеаҳои ҷамъияти, меҳнат ва касбукори одамон, маданият ва ахлоқу одоби онҳо, манзараҳои дилрабои табиати зебои Ватанамон, инчунин муваффақиятҳои ҳаёти сотсиалисти нақл мекунад, бо кӯдакон саволу ҷавобҳои шавқовар гузаронида, нисбат ба он қобилияти мушоҳидакории фарзанди худро бедор менамояд. Мавридан дар бораи касбу кори худ, олоти истеҳсолоти худ (асбобҳои истеҳсолот), номи асбобҳои рузгор ва ғайра ва кӯдакон саволу ҷавоб гузаронидан аҳамияти калон дорад.

Кӯдакон дар ин сину сол худ аз худ бо донистани ҳарфҳо, хондани китоб шунидани афсона, шеър, чистон, навиштан, расм кашидан ва ғайра рағбат пайдо менамояд.

Мақсади пешбарандаи тамоми зинаҳои таълим, аз ҷумла таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ, аз бедор кардан, инкишоф додан ва тавоноӣ бахшидан ба захираҳои тафаккур – фикри таҳлилию танқидӣ, эҷодӣ ва созандаю офаранда иборат аст, яъне, инкишофи тафаккур ва нутқи мактаббача нуқтаи баланди мақсади дарсҳои забони модарӣ дар синфҳои ибтидоист, ки дар ин нуқта тамоми равандҳои азхудкунии асрори забони модарӣ, аз ҷумла инкишофи нутқ, ба вуқӯъ мепайвандад.

Дар заминаи фаҳмидану донистан инсон офарандаи сухани бомақсаду бомазмун мегардад ва аз ҳама махлуқоти олам фарқ мекунад. Таълиму омӯзиши мақсаднок, муттасил ва муназзами забони модарӣ, аз ҷумла дар синфҳои ибтидоӣ, ба ташаккули шахсияти суханфаҳму сухандон замина мегузорад.

Хусусияти дигари таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ аз он иборат аст, ки омӯзиши ҳамаи унсурҳои нутқ (овоз ва ҳарф, калима, ҷумла ва нутқи алоқанок) дар ҳамбастагӣ сурат мегирад.

Бо назардошти хусусияти муҷаррад (абстраксия) доштани таъриф ва қоидаҳои забон дарсҳо асосан бо асбоб ва воситаҳои аёнӣ таҷҳизонида мешаванд.

Дар дарсҳои забони модарӣ истифодаи унсурҳои нутқи зиндаи худи талабагон, калонсолони оила, атроф, телевизион, радио…, таҳлили дастоварду камбудии онҳо раванди омӯзиши забони модариро шавқовару босамар мегардонад, ҳисси мушоҳидаи забон ва кунҷковиро ривоҷ медиҳад.

Ба инкишофи ақлу хиради бачаҳо кӯмак расонидан дар талабагон маҳорати таҳлили маводи омӯхташуда, муқоиса, хулоса, ҷамъбаст ва дарёфт кардани мақсади асосиро пайдо кунонидан. Муҳимтарин вазифаҳои дарсҳои забони тоҷикӣ инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ, таъмини маҳорати мустақилона ба қалам додани фикр ва тарбияи маънавии хурдсолон мебошад.

Ҳамин тавр, барои ба даст овардани дарки маъно чунин корҳоро бояд сомон диҳем:

- Қаблан аҳамияти дарки маъно ё фаҳмидани маънои матнро ба шогирдон фаҳмонем ва таъкид кунем.
- Пеш аз хондани ҷумла ё матн бояд калимаҳои душвори (номафҳуми) матнро ҷудо карда, шарҳу эзоҳ диҳем, ки инро шинохти калима номанд.

- Қабл аз оғози қироати ҷумла, порча ё матн диққати бачаҳоро барои фаҳмидани маъно ҳатман ҷалб намоем.
- Ибораҳои душворфаҳмро аз матн ҷудо карда бо ҷалби диққати аҳли синф шарҳу эзоҳ диҳем.
- Он бачаҳоеро, ки матн ё ҷумларо мехонанд, вале маънояшонро намефаҳманд, ба такрорхонӣ ҳидоят мекунем.
- Дар давоми таҳсил кӯшиш мекунем, ки таркиби луғавӣ ё худ захираи луғавии шогирдонро ғанӣ гардонем.
- Ба шогирд таъкид мекунем, ки онҳо аснои нақли мазмуни чизи хондашуда аз худ метавонанд калима ё ибораи навро илова кунанд, лекин аз мавзӯъ берун набароянд.
- Гоҳо матнро шогирдон барои хуб фаҳмидан бояд хомӯшона ҳам хонанд.
- Хонандагонро ба мустақилхонӣ низ бояд талқин кард.
- Барои дурусттар дарк кардани маънои матн қаблан бояд ба луғатҳои дар зери матн додашуда таваҷҷӯҳ кард.
- Аз рӯзҳои нахустини таълим диққати бачагонро ба порчаи наср ва шеъразёдкунӣ ҷалб бояд кард.
- Ба қадри имкон аз панду ҳикматҳо, мақол, чистон, зарбурмасал ва тезгӯякҳо самаранок истифода бурд.

Хулоса, мувофиқи муносибатҳои наву замонавӣ ба таълими забони модарӣ бо назардошти таҳаввулоти сиёсӣ, фарҳангӣ, иқтисодию иҷтимоии ҷомеа ва эҳтиёҷи талаба мурожиат карда мешавад. Ин гуна муносибат имконият фароҳам меоварад, ки раванди таълими забони модарӣ, ки хусусияти муҷаррад (абстрактӣ) дорад, зинда ва мушаххасу шавқангез яъне ба фаҳмиши бача наздик ва ҳаётӣ шавад.

## 1.2. ТАШАККУЛИ НУТҚИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ МАВРИДИ ШИНОСОӢ БО МУҲИТИ АТРОФ

Таълими бомуваффақияти кӯдакон дар мактаби ибтидоӣ ба сатҳи инкишофи нутқ ва тафаккури мантиқии кӯдак, қобилияти умумӣ ва ба низом даровардани дониши онҳо, ҳалли эҷодкоронаи масъалаҳои гуногун вобаста аст. Суханронии мураттаб инкишофёфта на танҳо ба кӯдак кӯмак мекунад, ки дар ҷаҳони муосири гирду атроф фаъолият кунад ва боварӣ пайдо кунад, балки ба рушди умумии равонии ӯ мусоидат мекунад.

Аз ин ҷост, ки талаби асосӣ нисбат ба шакли ташкили таълиму тарбия — то ҳадди имкон самарабахш гардондани машғулият оид ба ташаккули нутқи гуфтугӯӣ мебошад, то ки ба кӯдак дар ҳар як давраи синну сол донишҳои ҳадди дода аққал дода шавад.

Муҳимияти мавзӯъ аз он иборат аст, ки ташаккули нутқикӯдакон яке аз вазифаҳои марказии кори ташаккулдиҳанда дар фаъолияти таълимӣ мебошад. Махсусан, нутқи мураттаб нишондиҳандаи он аст, ки кӯдак то чи андоза боигарии луғавии забони модарии худро азхуд мекунад ва дараҷаи инкишофи зебоипарастӣ, ақлию эҳсосии кӯдак дар кадом сатҳ қарор дорад. (О.С. Ушакова, Ф.А. Сохин).

Тадқиқотчии машҳур Ф. Сохин се самти инкишофи нутқро муайян кардааст:

– сохторӣ (ташаккули сатҳҳои гуногуни сохтории системаи забон - фонетикӣ, лексикӣ, грамматикӣ);

– функсионалӣ, ё коммуникативӣ (ташаккули малакаи забонӣ дар вазифаи коммуникативии он, инкишофи нутқи мураттаб, ду шакли муоширати шифоҳӣ – муколама ва монологӣ);

– маърифатӣ, тарбиявӣ (ташаккули қобилияти огоҳии ибтидоӣ аз падидаҳои забон ва нутқ). [111]

Дар таълими муосири томактабӣ нутқ ҳамчун яке аз асосҳои тарбия ва таълими кӯдакон ба ҳисоб меравад, зеро таҳсили

бомуваффақият дар мактаб, қобилияти муоширати бо одамон ва рушди умумии зеҳнӣ аз сатҳи азхудкунии нутқи гуфтугӯӣ вобаста аст. Мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки дар аксари кӯдакон то синни панҷсолагӣ сатҳи инкишофи нутқ аз сатҳи муқарарӣ пасттар аст.

Аз ин лиҳоз, инкишофи нутқи мураттаб яке аз вазифаҳои асосии тарбияи нутқии кӯдакони синни томактабӣ буда, ҳалли масъалаҳои зеринро дар бар мегирад:

- кори луғавӣ: кӯдакон захираи васеи калимаҳо ва қобилияти истифодаи онҳоро инкишоф медиҳанд, ин ба кӯдаки синни томактабӣ кӯмак мекунад, ки фикрҳоро дақиқ ва дуруст баён кунад;

- ташаккули сохти грамматикии нутқ, қобилияти баён кардани андешаи худро дар ҷумлаҳои содда ва мураккаб, дуруст истифода бурдани шаклҳои грамматикӣ дар бар мегирад;

- тарбияи маданияти овозии нутқ, ташаккули нутқи равшан, фаҳмо ва пурмазмунро дарбар мегирад.

Мақсади пешбарандаи таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ, инкишоф додан ва тавонаи бахшидан ба захираҳои тафаккур – фикри таҳлилию эҷодӣ ва созандаю офаранда иборат.

Бояд тазаккур дод, ки муҳимтарин ва асоситарин вазифаи дарсҳои забони модарӣ инкишофи нутқи шифоҳӣ ва таҳрирӣ (хаттӣ), таъмини маҳорати мустақилона ба қаламдиҳии фикр ва тарбияи маънавии хурдсолон мебошад. Вазифаҳои таълимӣ ва тарбиявии қисмати забони модарӣ дар барномаи таълим чунин муайян карда шудаанд:

1. Бунёдгузории асосии малакаю маҳорати хониши хонандагон, омӯзиши малакаи сухан кардану қобилияти сухан шунидан, хонишу навиштанро ёд додан, ташаккули тасаввуроти ахлоқию зебопарастӣ.
2. Инкишоф додани ҳавасмандӣ ба китоб, ки манбаи дониш ва таҷрибаи ҳаёт мебошад.

3. Нисбат ба забону қироат шавқу ҳаваси бачаҳоро бедор намудан, пайваста ба дарсҳои хонишу навиштан мушоҳидаҳои муҳит ва таҷрибаи ҳаёт ҷаҳонфаҳмии талабагонро дуруст ташаккул дода, фикр ва нутқи онҳоро ғанӣ намудан зарур аст.
4. Ба инкишофи ақлу хиради бачаҳо кӯмак расонидан, дар талабагон маҳорати таҳлили маводи омӯхташуда, муқоиса, хулоса, ҷамъбаст ва дарёфт кардани чизи асосиро пайдо кунонидан ва ғайра зарур аст.

Чи тавре, ки мо медонем забон ин воситаи муҳими муомилаи байни одамон ва ифодаи фикр аст. Аз ин ҷиҳат ифодаи фикр ё нутқи хонандагон бояд пурмазмун ва дуруст ва фаҳмо баён шавад. Асоси чунин нутқи саҳеҳу бомантиқ аввал дар оила, баъд дар мактаб гузашта мешавад. Забони модарӣ барои он дар мактаб таълим дода мешавад, ки онро бозҳам воситаи муҳими муомила ва ифодаи фикр қарор диҳем. Ва вазифаи асоси таълими забони модарӣ ҳам аз ҳамин иборат аст, яъне инкишофи нутқ, такмил ва бой намудани захираи луғави кӯдак ба мактаб меояд, аллакай сухан ронда метавонад. Танҳо ҳангоми суханронӣ бо шеваю лаҳҷа ва нутқи хеле содда ҳарф мезанад. Акнун нутқи ӯ мунтазири луғатҳои зиёд, тартибу ҷумласозиҳои дурусту системанок, азхуд куни нормаҳои забони адабӣ ҳаст ки ин вазифаҳоро мактаб ба ҷо оварда мешаванд, зеро мактаб аз оила дида, бартариҳои зиёд дорад. Тарбияи кӯдак масъалаи хеле мураккаб буда, барои дуруст ва пурра ҳал кардани он ҳамкории кӯдакистон ва оила ниҳоят зарур аст, ки беин расидан ба мақсади таълиму тарбия душвор хоҳад буд. Аз баски аксарияти падару модарон дониши педагоги кофи надоранд, аксар вақт дар тарбияи фарзандон хато мекунанд. Бинобар ин, кӯдакистон вазифадор аст, ки барои баланд бардоштани савияи дониши педагогии падару модарон кушиш намояд, ба онҳо маслиҳатҳои педагогӣ диҳад.

Масъалаи рушди забон ва инкишофи нутқи кӯдакони синни томактабӣ ба шароит ва муҳити зиндагии онон вобаста аст. Зеро

кӯдак ҳар як суханро танҳо аз калонсолон мешунавад ва ёд мегирад. Чи қадаре ки одамони муҳити зист бо забони пурғановат боодобона гуфтугуй кунанд, забон ва нутқи кӯдак ҳамон қадар фасеҳ ва болиғ мегардад. Ҳар як сухани нек ва бадро кӯдак аз калонсолон ёд мегирад.

Мушоҳида нишон дод, ки аксар вақт калонсолон ба инкишофи нутқи кӯдакон дуруст эътибор намедиҳанд. Онҳо хотир ҷамъ мешаванд, ки кӯдакон худ аз худ гапзаниро меомӯзанд. Нутқи дурусти кӯдаконро танҳо дар натиҷаи муташакилонаи оила ва мураббиёни кӯдакистони бачагон, дар натиҷаи дуруст ба роҳ мондани фаъолияти ҳарузаи он дар бози, меҳнат ва машғулиятҳои гуногун, сайру саёҳат ва монанди ин инкишоф додан мумкин аст.

Нутқи шифоҳӣ бо дигар самтҳои нутқ, аз ҷумла луғат, нутқи грамматикӣ ва мураттаб дар айни як вақт инкишоф меёбад.

Нутқи шифоҳӣ ба 3 давра ҷудо мешавад:

- аз 1 солагию 6 – моҳа то 3 – сола;
- аз 3 – сола то 5 – сола;
- аз 5 – сола то 7 – сола.

Давраи охирро давраи калони томактабӣ ва тайёрӣ ба мактаб меноманд. Дар ин давра аз бозиҳои гуногуни дидактикӣ, сӯҳбат, нақл, шеъразёдкунӣ васеъ истифода бурда мешавад. Мазмуни асосии кор дар давраи тайёрӣ ба мактаб оид ба нутқи шифоҳӣ аз он иборат аст, ки мураббия хусусиятҳои фардии инкишофи нутқи кӯдаконро бояд ба ҳисоб гирад.

Кӯдакони 5 – 7 - сола ҳамаи овозҳои забони тоҷикиро дуруст, калимаҳоро фаҳмою бурро талаффуз карда метавонанд, вобаста ба мазмун овозро баланду паст менамоянд, инкишофи нутқи шунавоии зарурӣ доранд.

Вале дар ин синну сол баъзан кӯдаконе вомехӯранд, ки қисме аз овозҳои калимаҳои серҳиҷодорро дуруст талаффуз карда наметавонанд. Онҳо овозҳои аз ҷиҳати талаффуз ба ҳам наздикро омехта талаффуз

менамоянд. Масалан, ба ҷои ш – с, в – ф, з – с, б – п, д – т, г – к; овози «р»-ро «л» талаффуз мекунанд. Бинобар ин барои нутқи кӯдаконро дуруст кардан мураббия вазифадор аст, ки ба хурдсолон артикулятсияи (тарзи талаффузи) овозҳои нутқро омӯзонад. Масалан, ҳангоми ёд додани талаффузи овозҳои «с» ва «ш» мураббия артикулятсияи ин овозҳоро дар муқоиса тавассути оинача ё рӯ ба рӯ нишон медиҳад: вақте ки мо овози «с»-ро талаффуз мекунем, забон дар миёнҷои дандонҳои болою поён ҷо мегирад, дар талаффузи овози «ш» бошад, забон дар ковокии даҳон меистад ва овоз ба воситаи ҳаво аз зери забон мебарояд.

Ҳамин гуна корҳои амалӣ ба кӯдакони кундзеҳн, ба инкишофи шунавоии онҳо аҳамиятноканд. Барои инкишофи нутқи шифоҳии бачаҳо машғулиятҳои мусиқӣ аҳамияти калон доранд. Вазифаҳои алоҳидаи машғулиятҳои мусиқӣ ва нутқи шифоҳӣ бо ҳам мувофиқат мекунанд, аз ҷумла инкишофи қувваи овоз, нафаскашӣ, нутқи мавзун ва монанди инҳо. Ташкили дурусти кори ҳамҷояи мураббия ва омӯзгори мусиқӣ барои ба даст овардани натиҷаҳои хуб дар инкишофи нутқи шифоҳии кӯдакон ёрӣ мерасонад.

Нутқи даҳонӣ асоси нутқи хаттӣ мебошад. Маданияти нутқ дараҷаи ташаккули шахсияти одамро нишон медиҳад. Чи қадаре, ки инсон ба одоби сухан доро бошад, маданияти нутқи вай баланд бошад, дар ҷамъият ҷои сазовореро ишғол менамояд. Тарбияи маданияти нутқро аз давраи кӯдакӣ оғоз додан зарур аст ва он мувофиқи программа талаб карда мешавад. Қисми майдатарини нутқ овоз аст, ки он маводи асосии забон мебошад.

Маданияти нутқ мафҳуми хеле васеъ ва гуногун аст. Дуруст, бурро, гӯё талаффуз намудани овозҳои нутқ дар калима, ҷумла, риоя намудани элементҳои нутқи ифоданок, задаҳои мантиқи, ҳиҷои, интонацияи (ифоданокии) нутқ, талаффуз, тақлидкори, одоби сухан ин хама маданияти нутқи гуфтугуиро таъмин менамояд. Маданияти нутқи ҷиҳати овозии онро ташкил менамояд.

Баробари мустаҳкам кардани талаффузи дурусти тамоми овозҳои нутқ дар кӯдакон талаффузи равшану гӯё, идоракунии қувваи овоз, ифоданокии он, хотири овози инкишоф дода мешавад.

Доир ба ҳар яки ин ҷузъиёти нутқ машқҳои махсус гузаронидан зарур аст. Овозҳои нутқро гӯё нашунида, онро аниқ дарк накарда, дуруст сухан кардан мункин нест. Барои ифодаи дурусти фикр мо бояд ба сохти грамматики чумла низ риоя кунем. Мо фикро бо як ва ё якчанд ҷумла ифода мекунем. Ҷумлаҳо бошанд, аз калим, ибора, ҳиҷо ва овозҳо иборатанд. Бинобар ин, ба кӯдакон овозҳои нутқро аввал дар дохили калима (авали калима, мобайн, охир) баъд онро якчанд маротиба алоҳида ба таври фардӣ ва умумӣ дароз талаффуз карда нишон медиҳем. Кӯдакон ба овозҳои шинохтаашон дар машғулият ва берун аз он калимаҳоеро фикр мекунанд, ки аввалаш бо он овоз сар шавад. Бо ҳар гунна бозиҳои дидактикӣ онро мустаҳкам менамоянд.

Мураббия ҳар як кӯдакро санҷида мефаҳмад, ки ӯ дар кадом дараҷа овозро мешунавад. Баъзе кӯдакон овозро шунида наметавонанд, зеро ҳисси шунавоии кӯдакон низ ҳар хел аст. Инро ба ҳисоб гирифта мураббия кӯдаконро ба мизи пеш ё қафо мешинонад. Бо чунин кӯдакон талаффузи овозро наздик такрор мекунад. Агар кӯдак овозро хато шунавад, онро хато талаффуз мекунад. Бинобар ин, ба ин масъала эътибор додан зарур аст.

Кӯдакон ҳамаим овозҳои нутқи забони тоҷикро дар дохили калима ва берун аз он (алоҳида) бояд дар асоси машқ ёд гиранд, пурра, дуруст талаффуз карда тавонанд. Мураббия ба ифоданокии нутқ эътибор диҳад. Дар ин маврид мураббия вазифадор аст, ки ба кӯдакон одоби сухан (тарзи гуфтугӯ, на баланд, на паст, бо овози форам, гӯё, пурра, ифоданок, саросема нашуда, самимӣ гап задан) - ро тарбия намояд. Худи мурабия бояд бо оҳанги махсуси таъсирнок, ифоданок ором сӯҳбат намояд. Ба

оҳанги сухан, ифоданокии он риоя кардани мураббия ба кудакон аз ду ҷиҳат бештар таъсир мерасонад:

1. Диққати кӯдаконро ба худ ҷалб менамояд, сухани ӯ ба кӯдакон шавқовар, таъсирбахш мегардад.

2. Тарзи чунин ифодаи нутқро кӯдакон низ меомӯзанд, балки мураббия бояд ба он муваффақ шавад.

Маҳорати мураббия дар он аст, ки ҳамаи тобишҳои овози худро кор фармуда тавонад, зеро дар самаранокии машғулиятҳо шавқоварии он, санъати он сухан саҳми босазое мегузорад.

Таҷриба нишон дод, ки мураббия бо кӯдак муомилаи ғамхорона ва муносибати нағз дошта бошад, дар он сурат, кӯдак ҳамаи гуфту фармонҳои мураббияи дӯстдоштаи худро иҷро мекунад. Дар чунин ҳолат мақсадҳои таълиму тарбия низ ба осони амали шуда, оҳиста – оҳиста иҷрои гуфту фармонҳои мураббия одати доими кӯдак мегардад.

Ҳамин тавр, дар оянда худи кӯдак ҳар як ҳаракату амалиёти ба мақсади муаян равона карда, мушкилиҳои кори худро ҳал кардагӣ мешавад. Бо таъсири мураббия дар шароити муайян хислати кӯдак ташаккул меёбад. Бояд гуфт, ки рӯҳи тоза, бардами, вақти хуш, табъи чок хаваси кӯдаконро зиёд мекунад. Кӯдаки табъаш хира ба ҳар чиз бодиққат рафтор карда наметавонад. Муомилаи дағали мураббия, машғулиятҳои якрангаи дилгиркунанда ҳаваси кӯдакро нисбат ба дониш паст намуда, дар он норозиги пайдо менамояд, самараи идроки ӯро паст карда, ба тараққиёти тафаккури кӯдак монеъ мешавад. Бинобар ин, мураббӣ бояд кӯшиш кунад, ки машғулиятҳои ӯ хушсифат ва шавқовар гузаранд. Барои ин бояд мураббия пешакӣ нақшаи машғулиято тартиб дода мувофиқи он асбобҳои аёниро таёр намояд. Ӯ бояд ба асбобҳои аёнӣ аҳамияти ҷидди диҳад.

Педагоги бузурги рус Ушинский дар ин бора гуфта буд: «Табиати кӯдак аёниятро талаб менамояд, кӯдак таълими ибтидоиро

ба шакл, ранг ва овозҳо қабул мекунад, бинобар ин, то имкон аст, дар машғулиятҳо аёниятро бештар истифода бояд кард». Ин суханҳои пурқимат, ки кайҳо дар таҷриба исбот шудаанд, бештар ба кори мураббиёни кӯдакистонҳо дахл доранд.

Мураббияе, ки бо кӯдакони 6-солаи кӯдакистони бачагон кор мебарад, барои ба муваффақият гузаронидани машғулиятҳои забони модарӣ хусусан дар боби таёрӣ ба омӯхтани савод бояд бо Барномаи синфи якум шинос бошад. Зеро он ба мураббия имконият медихад, ки дар бораи ба кадом масъалаҳо бештар эътибор додани худ хулосаи зарури барорад.

Мақсади охирини таҳқиқоти мазкур дар кӯдакон ташаккул додани дарки унсурҳои оддитарини ҳақиқати нутқӣ мебошад, ки ин нукта дар ҷараёни шинос намудани кӯдакон бо муҳити атроф мавриди аз худ намудани боигариҳои луғавии забони тоҷикӣ, истифодаи дурусти сохти грамматикӣ ва таркибҳои синтаксисӣ, буррогӣ ва пуробурангии гуфтугӯи мустақилонаи кӯдакон бояд зоҳир гардад.

Дар забони тоҷикӣ ҳодисаҳои грамматикӣ хеле бисёр аст. Масалан, дар нутқ тағир ёфтани ҳамсадоҳо, тағйир ёфтани ҳамсадоҳо дар охири калима, монандшавии овозҳо талаффуз нашудани ҳамсадоҳо, баландшавии овозҳо ва ғайра.

Дар кӯдакон ташакул додани нутқи аз ҷиҳати грамматикӣ дуруст муҳим аст. Дар ин қисми кор нутқи кӯдакон ҳам аз ҷиҳати морфологӣ, ҳам аз ҷиҳати синтаксисӣ ташаккул дода мешавад. Нутқи аз ҷиҳати грамматикӣ дуруст аз риоя кардани мувофиқати мубтадою хабар, мувофиқати ҷонишинҳо, бандакҷонишинҳо, ки асосан қисмати грамматикии забонро ташкил мекунад, иборат аст.

Кӯдакони 6 – 7 сола шакли дурусти ҷумласозиро намедонанд. Бинобар ин, доир ба ин мавзӯъҳо маводи шавқовар интихоб карда, машқ гузаронидан лозим аст. Зеро кӯдакон бояд дар нутқ ба маъно мувофиқ, дар ҷои худ кор фармудани калима, ба гуфтани ҷумлаҳои аз ҷиҳати грамматикиӣ дуруст малака пайдо кунанд.

Кӯдакон нутқи аз ҷиҳати грамматикӣ дурустро аз аввали таҳсил то охир пай дар ҳам мунтазам машқ мекунанд ва он тадриҷан мураккаб мегардад. Мураббия на фақат нутқи дурустро дар машғулият, балки онро дар давоми фаъолияти ҳаррӯзаи кӯдакон меомӯзад, мушоҳида мекунад ва эҳтиёткорона хатои онҳоро ислоҳ менамояд. Дар ҳолатҳои эмотсионалӣ ва шавқи эҷодии кӯдак ислоҳ кардани нутқи ӯ мумкин нест. Ҳангоми ислоҳ кардани нутқи кӯдак шакли нодурусти онро такрор накарда, танҳо шакли дурусти ҷумла ба аҳли гурӯҳ шунаво такрор карда мешавад.

Нутқи аз ҷиҳати грамматикӣ дуруст давоми кор бо луғат ва маданияти нутқ мебошад. Яъне дар ин қисми кор дар нутқ мувофиқи маъно кор фармудани калима ва овозҳои омӯхташуда ҳангоми ҷумласозӣ машқ карда, бо ин восита захираи луғавии кӯдакон фаъол карда мешавад. Мавриди мувофиқи маъно дар ҷумла кор фармудани калимаҳое, ки ҷой, макон, замон аломатҳои амалу ҳаракат (феъл, зарф) – ро ифода мекунанд, беҳеҷ гуна қоида танҳо дар натиҷаи машқ ба кӯдакон фаҳмонида мешавад.

Масалан: Мураббия

- Шаб борон чӣ хел борид?
- Шаб борон бошиддат борид.

Мураббия ба Мавлуда мефармояд, ки оҳиста гап занад, баъд аз кӯдакон мепурсад:

- Мавлуда чӣ хел гап зад?.
- Мавлуда оҳиста гап зад.

Кӯдакони 6 – 7 сола одатан дар нутқи худ пешояндҳоро кор фармуда метавонанд. Лекин онҳо аксар вақт дар ифодаи пешояндҳое, ки макон, натиҷа, сабаб, сарчашмаи амал ва ҳолатро нишон медиҳанд, хато мекунанд.

Шакли дурусти онро кӯдакон танҳо дар натиҷаи машқ ёд мегиранд. Масалан, барои ин мураббия чунин суолро ба кор мебарад:

- Ҳамаамон ба саҳро рафтем. Кӯдакон аз ҷой хеста иҷрои ҳаракатро тақлид мекунанд.

- Ба чӣ савор шудем? Кӯдакон - «кудакон ба автобус савор шудем», - гуфта тақлиди онро иҷро мекунанд.

- Ана, ба саҳро расидем, аз чӣ мефароем?

Кӯдакон - «аз автобус мефароем», - ҷавоб медиҳанд.

- Меваҳоро чидем. Ба чӣ андохтем?

– Меваҳоро ба сабадҳо андохтем.

- Сабадҳо пур шуданд. Мо меваҳоро аз чи холӣ кардем?

– Мо меваҳоро аз сабад холӣ кардем.

- Мо дар лаби ҷуй будем, шишаҳоро пур кардем.

- Мо шишаҳоро аз чӣ пур кардем?

- Мо шишаҳоро аз об пур кардем.

Агар мураббия дар саволҳои худ пешояндро нодуруст кор фармояд кӯдакон ҳам ба ин хато мераванд. Пешояндҳо ва пасояндҳо ҳиссаи номустақили нутқ буда, дар дар ҷумла алоқаи грамматики байни калимаҳо ва вобастагии онҳоро ифода мекунад. Онҳо дар ҷумла бо ёрии дигар ҳиссаҳои нутқ (исм, ҷонишин, шумора ва калимаҳои исмгардида) маъноҳои гуногунро ифода мекунанд. Бинобар ин, хатои кӯдакон ҳам дар ифодаи ҳамин маъноҳои гуногуни он сар мезанад.

Кӯдакон бо пешояндҳои аз, ба, дар, то, бе, барои ва пасоянди «ро» аз рӯи расм ё ашё ҷумла сохтанро машқ мекунанд. Мураббия бо саволҳои «ба куҷо», «бо кӣ», «дар чӣ», «барои чӣ», ва ғайраро ба кӯдакон ёрӣ мерасонад.

Масалан:

Мураббия: - Лола, ту ба саёҳат бо кӣ рафтӣ?

Лола: - Ман ба саёҳат бо падарам рафтам.

- Ту бо падарат ба куҷо рафтӣ?

- Ман бо падарам ба саёҳат рафтам.

– Ба кӯҳ барои чи рафтӣ?

- Ба кӯҳ, барои лолачинӣ рафтам.

- Модарат лӯхтакро барои кӣ овард?

- Модарам лӯхтакро барои ман овард.

Ба кӯдакон амалро иҷро намуда, ҷумла сохтан фаҳмотар ва шавқовартар мегардад. Ба кӯдакон зарур мешавад, ки баъзан ҷумлаҳои мураккабро низ кор фармоянд, лекин шакли грамматикии онро вайрон мекунанд. Бинобар ин, машқи сохтан ҷумлаҳои мураккаб низ зарур аст. Масалан: Падарам аз кор дер омад, барои ҳамин ба кино нарафтем. Модарам боронӣ пӯшид, чунки ҳаво хунук буд. Тирезаҳоро пӯшидем, зероки шамоли сахт шуд. Мо ба ҳавлӣ баромадем, токи аз барф одамча созем.

Пас аз он ки кӯдакон гуфтани якчанд ҷумлаи мураккабро машқ карданд, мураббия ба воситаи бозиҳои дидактикӣ малакаи онҳоро равнақ медиҳад. Мураббия сарҷумларо гӯяд, кӯдакон ҷумлаи пайрави онро мегӯяд. (Чӣ хел ки маълум аст, ҷумлаҳои пайрав сабаб, мақсад, макон, замон, натиҷаи фикри дар сарҷумла гуфташударо мефаҳмонад).

Масалан: - Палосҳоро ғун доштем, - мегӯяд мураббия.

Кӯдакон фикр карда сабаби онро мегӯянд: зеро ки борон сар шуд. Ё ин ки шамоли сахт вазид. Ҳамаҷо равшан шуд, зеро ки офтоб баромад.

Маҳкам - Мо ба майдон баромадем,… «барои чӣ баромадем» - мепурсад мураббия.

Мунаввара ҷавоб медиҳад: Мо ба майдон баромадем, ки бозӣ кунем. Ҳамаи кӯдакон ин ҷумларо пурра такрор мекунанд.

Қаюм: - Барф борид.

Мураббия: - Ҳама ҷо чи хел шуд?

Муқадас: - Ҳама ҷо сап – сафед шуд. Ё ин ки мурабия ҷумлаи пайравро гӯяд, кӯдакон сарҷумларо мегӯянд:

Мураббия: - Тирамоҳ шуд. (Дар тирамоҳ чикор мекунанд? Барги дарахтон чи хел мешавад? - илова мекунад вай?).

Рустам: - Тирамоҳ шуд, барги дарахтон зард шуд.

- Ҳамаи кӯдакон ҷумлаҳои мураккабро пурра такрор мекунанд.

Воҳид: - Тирамоҳ шуд, меваҳоро ғӯндоштем.

Раъно: - Борон монд. Марҳабо: - Борон монд, ҳама ба хонаи худ рафтем.

Кӯдакон ба воситаи чунин бозиҳо ба машғулият ҳавасманд мегарданд. Мураббия як ё якчанд калима ва ашёро ба кӯдакон мегӯяд, онҳо ҷумла месозанд: - Харгӯш (расм ё бозичаро нишон медиҳад). Кӯдакон: - Харгӯш тез медавад. Аз пӯсти харгӯш телпак месозанд. Телпаки манн аз пӯсти харгӯш аст. Мо харгӯш дорем. Харгӯши мо 5 – то бача кард. Ман ба харгӯшчаҳои хурдакак хӯрок додам. Ман ба харгӯшчаҳо хонача сохтам ва ғайра.

4) Дар кӯдакон ташаккул додани нутқи мураттаб.

Дар нутқи мураттаб дар бораи ин он ашё, воқеа, ҳодиса фикри пайдарҳами мантиқан бо ҳам вобаста ифода мегардад. Нутқи мураттаб ба инкишофи тафаккур вобастааст. Аз ин сабаб, нутқи мураттаб яке аз шартҳои баланд бардоштани тарбияи ақлии кӯдак ба ҳисоб меравад.

Нутқи мураттаб кӯдаконро дар оянда дар макбаб ба навиштани иншо, нақли хаттӣ омода мекунад. Кӯдакон ба нутқи мураттаб ба воситаи малакаи нақлкунӣ таёр мешавад. Мураббия дар машғулиятҳои гуногун ва берун ва аз он ворид менамояд, ки дар бораи чизҳои дидаю шунидаашон, мушоҳидаи табиат, сайру саёҳат, аз рӯи расм, ашёҳои алоҳида ( ба якдигар, ба падару модар, ба мураббия) бисёртар нақл кунанд.

Дар кӯдакон инкишоф додани нутқи мураттаб вазифаи асосии кӯдакистон дар машғулияти забони модарӣ мебошад. Нутқи мураттаб аз нутқи диалогӣ ва монологӣ иборат аст. Нутқи

диалогӣ гуфтугӯи байни ду шахс буда, яъне саволу ҷавоби онҳоро ифода мекунад. Нутқи диалогӣ барои муайян кардани ягон мақсад доир ба мавзӯи мушаххас равона карда мешавад. Инкишофи нутқи диалогӣ ба боигарии захираи луғавии кӯдак, қобиляти дуруст сотани ҷумлаҳо, фаъолияти тафаккур, хлотира ва диққати ӯ вобастааст. Азбаски ин хусусиятҳо дар кӯдакон ҳархеланд, мураббия бо роҳҳои гуногун ба нутқи онҳо бояд таъсир расонад. Нутқи гуфтугӯӣ дар машғулиятҳои гуногун ва берун аз он ташаккул дода мешавад. Мураббия мавзӯи сӯҳбатро бо мақсади муайян пешакӣ доир ба қисмҳои программа: шиносоӣ бо муҳит, бо табиат, бо ҳаёти парранда, ҳайвонот, бо оила, меҳнати одамон, нақлёт, зисту зиндагонӣ («Иди мо», «Кӯдакистони ман», «Саги мо», «Хонаи бобом», «Дар саҳро») ба нақша гирифта, онро аз рӯи расмҳо, ашёҳо бо саволу ҷавоб мегузаронад.

Нутқи монологӣ аз ҷиҳати психологӣ ба нутқи диалогӣ як қадар мураккабтар аст, зеро ки гӯянда дар бораи ин ё он ҳодиса, воқеа фикри пурраи бо ҳам алоқамандро ба шунаванда бояд бояд фаҳмонад. Барои ин хотираи мустаҳкам, қобилияти дарк карда тавонистан, фикрро аз ҷиҳати грамматикӣ дуруст ифода кардан зарур аст. Нутқи монологӣ инкишофи қобилияти нақлкуниро талаб мекунад. Ҳамаи ин ба инкишофи тафаккур, мантиқ, боигарии забони кӯдак вобастааст. Қобилияти нақлкунии ҳар як кӯдак гуногун аст. Яъне хеле хуб, пайдарҳам, форам нақл мекунад, дигаре ба тартиб, нофаҳмо нақл мекунад. Кӯдакон аз рӯи расм, ё хотираашон нақлҳои шифоҳӣ, афсонаҳо, ҳикояҳо тартиб медиҳанд. Ҳолатҳои психологи худ ё қаҳрамонҳои афсонаро ифода мекунанд.

Асосан образнокӣ ва ифоданокии сухани кӯдакон дар нутқи мураккаб зоҳир мегардад ва он бояд инкишоф дода шавад. Образнокӣ ва ифоданокии нутқ ба ҳисси қабулкунӣ, эҳсосоти ӯ вобастааст. «Барномаи тарбия, таълим ва инкишоф дар кӯдакистон «Рангинкамон» талаб менамояд, ки кӯдакон образнок, ифоданок,

пайдарҳам, ботамкин пураю гӯё нақл карда тавонанд, ба он малака ҳосил намоянд. Кӯдакон нутқи образноку ифоданокро дар натиҷаи шунидан ёд мегиранд. Барои ин мақсад аз воситаҳои техникӣ истифода бурдан зарур аст. Кӯдакон ифоданок хондани шеър, афсона ва инсенировкаҳоро аз аз наворҳои видеоӣ, сабти овозӣ ва мавриди иштирок дар иду дилхушиҳо ёд мегиранд. Албатта, намунаи аввал ба кӯдакон нутқи мураббия мебошад. Бинобар ин, мураббия бояд ифоданок, образнок нақл кунад.

Маводи асосӣ барои нутқи мураттаб адабиёти бадеӣ - афсона, ҳикоя, достон мебошад. Зеро нутқи монологӣ, диалогӣ суханҳои образнок, ҳиссиёти лирикир дарбар мегирад. Кӯдакон ҳангоми нақли афсонаю ҳикояҳо барои ифода намудани ҳолатҳои психологии қаҳрамонҳо кушиш меккнанд.

Дар ин раванд захираи луғавии кӯдакон бой мегардад ва тафаккури онҳо тараққӣ меёбад. Кӯдакон ба воситаи машқ овозҳоро мешиносанд, аз ҳамдигар фарқ мекунанд, овозҳои садоноку ҳамсадоҳоро меомӯзанд, калима месозанд, ба ҳиҷоҳо онро тақсим мекунанд; доир ба калима ва номи ашёҳо, ашёҳои, ҷондору беҷон, ҳаракат ва аломати ашёҳо дар охир доир ба ҷумла машқҳо гузаронида дар бораи онҳо маълумоти ибтидоӣ ҳосил менамояд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки бисёр мураббияҳо ба тарзҳои ташкилии машғулият эътибори ҷиддӣ намедиҳанд. Баъзан мураббиён мавзуъҳои шиносоӣ бо муҳити атроф, табиат, саводомӯзӣ ва инкишофи нутқро аз мавзӯъҳои адабиёти бадеӣ тамоман алоҳида, беалоқамандии якдигар мегузаронанд.

Заминаи асосии инкишофи нутқ дар кӯдакистон аз ташкили дурусти шароит барои дар кӯдакон пайдо кардани ҳавас ба мушоҳидаи ашёҳои муҳити зист, шинохтани онҳо ва дар бораи ин чизҳо гуфтугӯ кардан иборат аст, то ки забони кӯдакон дар вақташ аз лӯғат ғанӣ гардад. Бинобар ин, инкишофи нутқ яке аз вазифаҳои асоси кори тарбиявии мураббиён ва падару модарон мебошад.

Барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ “Рангинкамон” талаботро нисбат ба паҳлӯҳои гуногуни нутқ ва хусусиятҳои синну солии инкишофи нутқ инъикос намуда, барои иҷрои вазифаҳои инкишофи луғат, истифодаи дурусти сохти грамматикӣ ва таркибҳои синтаксисӣ, буррогӣ ва пуробурангии гуфтугӯи мустақилонаи кӯдакон мусоидат менамояд.

Маълум аст, ки таълимро аз тарбия ҷудо тасаввур кардан мумкин аст. Махсусан, забон аз ҳар ҷиҳат воситаи тарбия мебошад. Забони адабиёти бадеи, нутқи мураббия, нутқи одамон , падару модар, инчунин, ҳамаи ашёҳои муҳити атроф ба тарбияи ҳаматарафаи кӯдак сахт таъсир мерасонад. Расми 1.




Аз ҳамин сабаб, аз мураббияҳо, дояҳо, коркунони кӯдакистон, падару модарон нутқи дуруст талаб карда мешавад. Лекин, махсусан, машғулияти забони модари барои ба кӯдакон омӯхтани нутқи равон, гӯё ва бурро талаффуз кардани овозҳо, шинохтани ҷумла, калима ва ҳиссаҳои он (ҳиҷо), шинохтани овозу ҳарф, аз калима ҷудо кардани он, малакаи навиштану хонда тавонистан, нақл, кардан, инкишофи нутқи мураттаб, нутқи диалогӣ, монологӣ вазифадор аст.

Барномаи таълиму тарбия дар кӯдакистон талаб менамояд, ки кӯдакони гурӯҳи тайёрӣ ба мактаб бояд бозиро аз машғулият ва меҳнат фарқ карда тавонанд, суханони мураббия ва рафиқони худро

гӯш кунад, кори супурдашударо дар вақташ иҷро намуда, масъулиятнокии худро ҳис намояд.

Бояд қайд кард, ки кӯдаконро танҳо мураббияи хуби ҳамешагӣ ба корҳои нек ҳидоят карда, ба шиносоӣ бо муҳити атроф сафарбар карда метавонад. Кӯдакони синни томактабӣ бо ашёҳои атроф, ҳодисаю воқеаҳои табиату ҷамъият, инчунин бо донистани сиру асрори муносибатҳои байниҳамдигарии одамон хеле барвақт мароқ зоҳир мекунанд. Ин шавқу рағбат ва хоҳиши донистагирӣ дар саволҳои беохиру бешумори онҳо оид ба мақсад, вазифа, сабаб, оқибат, натиҷаи муносибатҳои байниҳамдигарии одамони синнусол ва касби кори гуногун ифода мегардад. Ҷавоб додан ба саволҳо, қонеъ гардондани талаботҳои донистагирӣ, барқарор намудани муносибатҳои дӯстона, хайрхоҳона ва адолат пазироӣ дар назди волидон, мураббиёни кӯдакистон як қатор мушкилотҳоро ба вуҷуд меорад.

Пеш аз ҳама калонсолон аз саволҳои хурдсолон боз ба худ суол медиҳанд; ба саволҳои онҳо чӣ тавр бояд посух дод:

Ҳангоми ҷавоб додан ба саволҳо бо кадом ҷиҳати масъала бояд диққат дод; ба саволҳои кӯдак бояд ҷавоб дода кадом вазифаҳои тарбиявиро иҷро намудан мумкин аст; оё ба ҳамаи пурсишҳои бача ҷавоб додан ҳатмӣ аст ва ғайраю ва ғайраҳо.

Мақсади ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни томактабӣ мавриди шиносоӣ бо муҳити атроф мавриди барассӣ ҳаллу фасли чунин вазифаҳои аввалиндараҷаро муайян менамояд:

- ташаккули донишҳои гуногун дар бораи муҳити атроф, ҳавасмандии робитавӣ, маърифатӣ, бозӣ ва дигар шаклҳои фаъолии кӯдакон дар намудҳои гуногуни фаъолият, ташаккули тафаккури кӯдак.
- тарбияи маънавии хурдсолон, унсурҳои худшиносии миллӣ, дӯст доштани забон, Ватани худ, шарафу ифтихори ватандорӣ, ҳусни тафоҳум, таҳаммул;
- инкишофи босалоҳиятӣ дар ҷанбаи муносибат ба муҳити атроф, шиносоӣ бо муқаддасоти миллӣ, ҷойҳои таърихии кишвар. Ворид

намудани кӯдак ба муоширaт бо калонсолон ва кӯдакони синну соли гуногун;

- майлу хоҳиш ва маҳорати таҳсил намудан, омодагӣ ба таълим дар зинаи аввалини муассисаи таълимӣ;

- такмили дастовардҳои инкишофи нутқии кӯдак дар давраи таълим дар синфи якум.

Махсусан, иҷрои вазифаҳои таъмин намудани омодагии кӯдак ба мактаб ба олами пурасрори муносибатҳои инсонӣ дохил гардидани ӯро талаб мекунад. Гузаштан ба зинаи камолоти томактабӣ, ки он давраи 5-7 солагии кӯдакро дар бар мегирад, аз ӯ на танҳо аз худ намудани ҳаҷми муайяни дониш, маҳорату малакаҳо, инчунин ташаккули ҳиссиётҳои иҷтимоии худшиносӣ, худбаҳодиҳӣ, хештаншиносӣ, худогоҳӣ, ватандустӣ, некандешиву некхоҳӣ, накукорию инсондӯстӣ, рафоқат, ёрии байниҳамдигарӣ ва дигар сифатҳои шахсиро талаб мекунад.

Ҳиссиётҳои эмотсионалӣ – ахлоқӣ ва сифатҳои мусбати шахсӣ имконият медиҳанд, ки кӯдак дар мактаб ба доираи нави муносибатҳои иҷтимоӣ, ки дар он ба ҳисобгирии манфиатҳои шарикмашғулиятон, мактаб, таҳсилу тадрис мавқеи хоса дорад, тез дохил гардад ва мавқеи устувори худро ишғол намояд.

Дар давраи синни калони томактабӣ ангезаҳои баланди иҷтимоӣ ва ҳиссиёти аҷиб, хислатҳои мусбате ташаккул меёбанд, ки ӯро бо халқи худ, кишвари худ ноаён мепайвандад. Решаи ин таъсир дар забони мардуме, ки кӯдак ӯро аз худ мекунад, дар сурудҳои мардумӣ, мусиқӣ, бозиҳо, бозичаҳо, таассуроти зодгоҳаш, кору оин ва урфу одатҳои мардуме, ки дар байни онҳо зиндагӣ мекунад, мебошад.

Барои давраи калони томактабӣ ва омодагӣ ба мактаб 5-7 сола, бошад сайқал додани ҳисси ватандӯстӣ, ҳурмату эҳтиром нисбат ба оила, зодгоҳ, маҳали зист, ёдгориҳои таърихӣ, фарҳанг, донистан ва риоя намудани расму анъанаҳои оилавӣ ва миллӣ, иду дилхушиҳо, эҳтироми

калонсолон, ғамхорӣ дар ҳаққи хурдсолон, риояи одоби муоширот ва ғайра мувофиқат мекунад.

Мақоми баланди панҷ муқадассоти миллии мо – Парчам, Нишон, Суруди миллӣ, Забони давлатӣ ва Пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – шаҳри Душанбе мувофиқи синну сол ва имконятҳои ақлию зеҳнии кӯдакон мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор меёбанд. Ҳар як мавзӯъ суҳбат, хондан ва шарҳи моддаҳо, қироати шеър, нақл намудани порчаҳо аз асарҳои бадеӣ, тамошои расму мусаввараҳо, сайругашт, саёҳат, бозӣ ва дигар усулҳои таълиму тарбияро дар бар мегирад.

Тарбияи муҳаббат ба пойтахти тоҷикони тамоми ҷаҳон, дӯст доштани Ватану ҳифзи ҷойҳои таърихӣ ва фарҳангӣ бо роҳҳои фаҳмондадиҳӣ, нақлкунӣ, сайру саёҳат ба ҷойҳои таърихӣ - назди майдони Исмоили Сомонӣ, Қасри миллат, Майдони Парчами давлатӣ, Майдони Нишони давлатӣ, муҷассамаи Истиқлолият иштирок дар иду дилхушиҳои кӯдакистон бахшида ба «Рӯзи Истиқлолият», «Рӯзи забони давлатӣ», «Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Рӯзи пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо барномаҳои махсуси театрикунонидашуда гузаронида мешаванд, ба роҳ монда мешаванд.

Мавриди шинос намудани кӯдакон бо пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – шаҳри Душанбе гузаронидани чунин тарзу усули кор оид ба инкишофи нутқи кӯдакони синни калони томактабӣ ба нақша гирифта мешавад;

- шинос намудан бо ҷойҳои намоёни пойтахт (Қасри миллат, муҷассамаҳои қаҳрамонони халқи тоҷик, кӯчаю хиёбонҳо ва монанди инҳо.
- хондан ва азёд кардани шеърҳо дар васфи Душанбе - «Душанбе» Х.Ҷумъазода, Душанбе (У.Юсуфхон), «Шаҳри сабз» (Фарзонаи Шералӣ);
- тасвири манзараҳои пойтахт дар машғулиятҳои санъати тасвирӣ «Гулҳои Душанбе», «Баҳори Душанбе», «Пойтахти ман» ва дигар;

- хондани сурудҳо дар машғулияти мусиқӣ «Шаҳри азизам» У.Раҷаб, «Идат муборак» Н.Нозирӣ ва дигар.

Ташаккули тасаввуроти кӯдакон дар бораи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кӯдакон бояд номи ҷумҳурӣ ва пойтахти онро донанд. Дар бораи пойтахт, ҷойҳои шоёни диққати шаҳр, кӯчаҳои асосии он, ки номи одамони машҳур, қаҳрамонҳои халқро доранд, инчунин нимпайкараҳое, ки барои шахсони бузург, шоирону нависандагон, ходимони давлатӣ гузошта шудаанд, тасаввуроти аввалин дошта бошад.

Кӯдакон бояд ному насаб, синну соли худ, нишонаи хонаю кӯдакистон, инчунин роҳро аз хона ба кӯдакистон донанд.

Шавқу ҳаваси кӯдакон ба ҳодисаҳои ҷамъиятию давлатие, ки дар мамлакати мо мегузоранд, ҷалб намудан. Кӯдакон бояд идҳои меҳнатӣ, ва ҷамъиятию сиёсӣ (рӯзи Истиқлолият, иди Наврӯз, рӯзи Конститутсия, рӯзи Омӯзгор, Рӯзи Президент, Рӯзи Парчами миллӣ, Артиши милӣ, Модарон, Ваҳдат) ва моҳияти онҳоро донанд.

Дониши кӯдакон дар бораи қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ карда шавад. Кӯдакон бояд донанд,ки қӯшунҳои халқӣ Ватани моро муҳофизат мекунанд ва сарҳади моро сарҳадчиён посбонӣ мекунанд. Дар ин раванд бо кӯдакон гузаронидани сӯҳбат дар мавзӯи «Аскарони Тоҷикистон - муҳофизатчиёни Ватани мо», «Посбони Ватан» манфиатовар мебошад.

Бо кӯдакони чунин саволнома гузаронида шуд:

1. Мамлакати мо чӣ ном дорад?
2. Шаҳре, ки шумо дар он зиндагӣ мекунед, чӣ ном дорад?
3. Шаҳр чандсола аст?
4. Кадом кӯчаҳои асосиро медонед?
5. Кучае, ки шумо истиқомат мекунед, чӣ ном дорад?
6. Чаро онро чунин меноманд?
7. Кадом қаҳрамонҳоро мешиносед, ки ватани моро шуҳратманд кардаанд?
8. Шумо инро аз куҷо медонед? Дар ин бора ба шумо кӣ нақл намуд?

9. Дар бораи пойтахти ҷумҳурӣ – шаҳри Душанбе боз чиро донистан мехоҳед?

Забони модарии мо яке аз муқадассоти миллӣ ва яке аз рукнҳои асосии давлатдории мо маҳз аз мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ сарчашма гирифтааст. Азхудкунии боигарии забони модарӣ яке аз унсурҳои асосии ташаккули шахсияти кӯдакон ба ҳисоб рафта, барои баланд бардоштани маънавиёт ва худшиносии миллии онҳо кӯмак мерасонад. Бояд қайд кард, ки ҳар қадар мавриди шинос шудан бо муҳити атроф калимаюибораҳои забонро аз бар кунад, ба маънии онҳо сарфаҳм равад ва дар нутқи гуфтугӯӣ истифода намояд, ҳамон қадар имконияти ифодаи ҳиссиёт, шаклгирии нутқ ва сайқалёбии он бештар мегардад.

Бояд тазаккур дод, ки мушкилоти шиносоии кӯдакон бо ҳаёти ҳаррӯза, анъанаҳо ва лаҳзаҳои алоҳидаи таърихӣ аз он иборат аст, ки ба кӯдакони синни томактабӣ бо тафаккури амалӣ-аёнӣ хос аст. Аз ин ру, на фақат адабиёти бадеӣ, тасвирй, шухй ва гайра, балки аз предмету материалхои аёнии «зинда» (либосхои миллй, мебели антика, зарфхо, асбобхо ва гайра) низ истифода бурдан лозим аст. «Ҳаёти ҳаррӯза» барои ошно кардани кӯдакон бо афсонаҳо, ҳунарҳои мардумӣ ва ашёи қадимаи рӯзгор хеле муассир аст.

Ҳифзи ватан, ҳифзи табиат вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванд аст. Дарки маъноии моддаҳои Конститутсия ба назари хонанда шояд ғайри имкон тобад. Аммо мақсад аз истифодаи моддаҳои зикршудаи Конститутсия иборат аз он ҳаст, ки волидону мураббиён аввалан худашон мазмуну мундариҷаи Конститутсия, минҷумла моддаҳои дар боло ёдоваршударо бидонанд, мувофиқи имконият ва қобилияти ақлию зеҳнии кӯдакон онҳоро шарҳ диҳанд, оид ба ҳифзи ҳаёт, ҳуқуқ ва вазифаҳои оилаву кӯдак мунтазам маълумотҳои худро васеъ гардонда, дар байни мардум корҳои ташвиқотиву тарғиботӣ баранд.

Гузаронидани машғулиятҳо, сӯҳбат, саёҳат ва додани маълумот оид ба боигариҳои маънавию моддии Тоҷикистон низ аз аҳамият холӣ

нест. Фарзандони фарзонаи миллати тоҷик шоҳ Исмоили Сомонӣ, Абӯабдулло Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абӯали ибн Сино, Абдураҳмони Ҷомӣ, Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва дигарон на танҳо ифтихори миллатанд, балки намунаи нек дар тарбияи ахлоқии насли наврасанд. Ҳайкалу нимпайкараҳо, номгузории кӯчаву гулгаштҳо, китобхонаҳо, мактабу осорхонаҳо, толорҳои кинову консертӣ воситаи хуби шинос намудани хурдсолон бо ин номбардорони халқи тоҷик шуда метавонанд. Пахта, ғалла, меваю сабзавот, тиллою нуқра, нерӯи барқ, алюминний ва дигар боигариҳои моддии кишвар на танҳо мояи зиндагӣ, балки ифтихори миллатанд.

Парвариш намудани ҳисси эҳтиром ва ифтихор нисбати маҳали зист, майлу рағбат барои ҳифз намудани арзишҳои атроф муҳим арзёбӣ мегардад. Ватандӯстӣ аз эҳтиром ва пос доштани рамзҳои давлатӣ оғоз меёбад. Бинобар ин мураббия дар гурӯҳ  гӯшаи «Рамзҳои давлатӣ»-ро ташкил намуда, дар он расмҳои Парчам, Нишон, матни Суруди милӣ ва расми Президенти кишварро ҷой медиҳад ва ба кӯдакон мефаҳмонад, ки Парчами  Тоҷикистон ва Нишон рамзи қаҳрамонӣ, ҷоннисории халқ дар роҳи озодӣ ва истиқлолият, рамзи бахту иқбол, заҳмати мардум баҳри ободии кишвар мебошад. Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ дар чорабиниҳои давлатӣ, сесияву иҷлосияҳо, қабули меҳмонони давлатҳои хориҷа барафрохта ва суруда мешавад.

Дар рафти машғулиятҳо кӯдакон дар бораи минтақаҳои худ ва воқеаҳои дар кишвар рӯйдода маълумот мегиранд. Азбаски ҳадафи асосии интишори ин донишҳо ташаккули муносибати муайян ба ҳаёти ҷамъиятӣ, тарбияи ҳисси ватандӯстӣ мебошад,мураббиябояд дар бораи шакл, сохтори машғулият, восита ва усулҳое, ки барои иҷрои вазифа имкон медиҳанд, андеша кунад, бояд дар бораи истифодаи усулҳои махсусе, ки фаъолияти маърифатӣ ва  шавқмандии  эмотсионалии ҳар як машғулиятро зиёд мекунанд, фикр кунад. Муҳим аст, ки кӯдакон ҳангоми дарк кардани мавод фаъолияти фиккрронӣ дошта бошанд.

Аз ҷумла, чунин усулҳои методӣ, ба монанди муқоиса намудан, савол додан ба ҳамдигар ва мураббия, иҷрои супоришҳои инфиродӣ, муроҷиат ба таҷрибаи кӯдакон, истифодаи бозиҳои гуногун кӯмак мекунанд, ки бархе аз онҳоро қайд кунем:

- ташаккул додани тасаввуротҳо дар бораи Душанбе, пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе - шаҳри сулҳ ва маркази илму маърифати кишвар буда, дар он биноҳои маъмурию давлатӣ ҳастанд.
- васеъ намудани тасаввурот оид ба шаҳру ноҳияҳо ва вилоятҳо, халқу миллатҳое, ки дар Тоҷикистон зиндагонӣ мекунанд. Диққати кӯдаконро ба забон, фарҳанг, расму оинҳои халқҳои маскуни кишвар ҷалб намудан.
- васеъ намудани маълумоти кӯдакон оид ба кишварҳои ҳамҳудуд: Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркманистон, Афғонистон, Хитой ва кишвари Россия, ки муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангию тиҷоратӣ халқҳоро бо ҳам мепайвандад.
- додани маълумотҳо доир ба боигариҳои моддӣ (пахта, ғалла, канданиҳои фоиданок) ва арзишҳои маънавии кишварҳои ҳамсоя. Омӯзонидани шинохтан ва фарқ карда тавонистани рамзҳои давлатии якчанд кишварҳои ҳамсоя. Тарбия намудани муносибати дӯстона ба бачаҳои халқу миллатҳои гуногун. Шинос намудан бо либосҳои миллии онҳо.
- мустаҳкам ва васеъ намудани тасаввуротҳо оид ба сифату хусусият ва истифодабарии олотҳои меҳнат (либосдӯзӣ, коркарди замин ва ғайраҳо). Фаҳмонда додани он, ки ҳамаи ашёҳои атрофи мо маҳсули меҳнати одам ҳаст ва онҳоро бояд ҳифз намуд.
- нишон додани тайғирёбии фаъолияти меҳнати одамон дар фаслҳои гуногуни сол, парвариш кардани ҳисси эҳтиёткорӣ ва эҳтироми нон, офарандагони нон.
- Васеъ намудан ва такмил додани донишу тасаввуротҳои кӯдакон оид ба қувваю имкониятҳои эҷодкории ақлу дасти инсон (техникаи

муосир, парвози одам ба кайҳон, мушакҳои ҳавоӣ, киштию тайёраҳо).

- шинос намудани кӯдакон бо қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва тарбия намудани одобу малакаҳои риоя кардан ба талаботу қоидаҳои тартиботи ҷамъиятӣ.
- васеъ ва мустаҳкам намудани намудани донишу тасаввуроти кӯдакон оидба васоити иттилоотӣ-иртиботии муосир: радио, телевизион,
- маводҳои намоишӣ, телефон, компютер ва тарзи дурусти истифодабарии онҳо.

Ҷадвали 1.

| № п/п | Саволҳои пурсишнома | Ҳа | Не | Дар ҷавоб мушкилӣ мекашад |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Оё дар оила эҳтиром ба урфу одатҳои худ нигоҳ дошта мешавад? | 43 | 10 | 7 |
| 2. | Оё ба кӯдакон дар бораи анъанаҳои оила ва аҷдодони худ нақл мекунанд? | 34 | 15 | 11 |
| 3. | Оё фарзандони шумо сурудҳои миллиро мешунаванд ва бо асбобҳои мардумӣ ошно ҳастанд? | 49 | 11 | - |
| 4. | Шумо бо рақсҳои қадимии халқи худ, ки бо намоишҳои театрӣ пайвастаанд, аз қабили Уштур ба қатор, аспакбозӣ, киштбозӣ... ошно ҳастед. | 52 | 5 | 3 |
| 5. | Оё шумо ба фарзандонатон дар бораи гузаштаи таърихии халқи тоҷик китоб мехонед? | 42 | 12 | 6 |
| 6. | Оё шумо бо фарзандонатон барномаҳои телевизиониро дар бораи гузаштаи таърихии халқи тоҷик тамошо мекунед? | 38 | 14 | 8 |
| 7. | Оё шумо бо фарзандонатон ба ҷойҳои таърихии шаҳр сайру гашт мекунед? | 44 | 12 | 4 |
| 8. | Дар тарбияи ахлоқию маънавии фарзанди шумо расму оинҳои мардумӣ аҳамият дорад? | 54 | - | 6 |

Ошноӣ бо фарҳангу таърихи кишвари худ дар раванди тарбияи насли наврас нақши муҳим мебозад. Таваҷҷуҳи кӯдак ба рамзҳои шаҳр ҳамчун муносибати интихобӣ, рангини мусбӣ ба онҳо, хоҳиши иштирок дар муоширати оид ба донишҳои андӯхташуда, дар фаъолияти махсуси кӯдакон (расмкашӣ, ҳикоянависӣ, бозиҳо ва ғайра) дохил намудани идеяҳо оид ба рамзҳо ба ҳисоб меравад.

Дар доираи ин масъала бояд усулҳои ошноии кӯдакон ба фарҳангу таърих баррасӣ шавад. Тамоми усулҳо ва усулҳои шиносоии кӯдакони синни томактабӣ бо фарҳанг ва таърихи зодгоҳашонро метавон ба ду гурӯҳи асосӣ тақсим кард: усулҳои ташаккули шуур (суҳбат, фаҳмондадиҳӣ) ва усулҳои ҳавасмандкунии эҳсосот ва муносибатҳо (мисол, ҳавасмандкунӣ). Кӯдаки синни калони томактабӣ бояд номи шаҳри худ, кӯчаи худ, кӯчаҳои шафати онро донад, инчунин ба шарафи кӣ номгузорӣ шудааст. Онҳо ба ӯ мефаҳмонанд, ки ҳар як инсон хона ва шаҳре дорад, ки дар он зода ва зиндагӣ мекунад.

То ба охир расидани давраи томактабӣ бача бояд донад, ки дар мамлакати мо одамони миллатҳои гуногун зиндагӣ мекунанд; ҳар як халқ забон, расму оин, санъат ва меъмории худро дорад; ҳар як миллат боистеъдод ва аз хунармандон, навозандагон, рассомон ва ғайра бой аст. Дар кори бо шаҳр шинос кардани бачаҳо усулхое истифода мешаванд, ки пеш аз ҳама фаъолияти маърифатию эҳсосии онҳоро баланд мебардоранд.

Барои инкишоф додани тафаккур, тасаввурот, захираи луғат ва нутқи мураттаб ба кӯдакон супоришҳои эҷодӣ дар мавзӯи: «Ба кӯчаи шаҳр ном диҳед». Кӯдакон барои кӯчаҳои ояндаи шаҳр, маҳалла номҳои мувофикро пешниҳод мекунанд. Аз ҷумла, барои инкишоф додани нутқ ва тафаккур ба кӯдакон чунин супоришҳои эҷодӣ дода мешуданд:

- барои идомаи ҷумла: «Кӯчае зебо аст, ки...» Бачаҳо ҷавоб доданд: он ҷое, ки гулҳо мерӯянд. Дар кучо тоза аст. Дар он чое, ки сабза бисьёр аст: дарахтон, алаф.

Инчунин ба кӯдакон дар мавзӯи «Хонаи ман» супоришҳои эҷодӣ дода шуд. Дар бораи биноҳои нави шаҳри Душанбе сухан ронда, ба меъмории шаҳр, аҳамияти кори меъморон ва бинокорон диққати кӯдакон равона мегардад.

Бо кӯдакон саёҳат, сайру гашт ташкил шуд. Саёҳат на танҳо донишҳои дар бораи муҳити атроф гирифтаи кӯдаконро мустаҳкам карданд, балки захираи луғавии кӯдаконро низ хеле васеъ намуданд. Ҳангоми шиносонидани кӯдакон бо кӯчаҳои зодгоҳашон бо кӯдакон дар бораи номҳои кӯчаҳои марказии шаҳр сӯҳбатҳо гузаронида, маълум карда мешавад, ки чаро ин ё он кӯча ин тавр номида шудаанд, ба кӯдакон дар бораи корнамоии шахсоне, ки кӯчаҳо ба номи онҳо гузошта шудааст, маълумот дода мешавад.

Хулоса, мақсади охирини таҳқиқоти мазкур дар кӯдакон ташаккул додани дарки унсурҳои оддитарини ҳақиқати нутқӣ мебошад, ки ин нукта дар ҷараёни шинос намудани кӯдакон бо муҳити атроф мавриди аз худ намудани боигариҳои луғавии забони тоҷикӣ, истифодаи дурусти сохти грамматикӣ ва таркибҳои синтаксисӣ, бурроғӣ ва пуробурангии гуфтугӯи мустақилонаи кӯдакон бояд зоҳир гардад.

## 1.3. ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ-ИРТИБОТӢ ҲАМЧУН ВОСИТАИ БОСАМАРИ ТАШАККУЛИ НУТҚИ КӮДАКОНИ СИННИ КАЛОНИ ТОМАКТАБӢ

Имрӯз таҳсилоти муосирро бе истифодаи технологияҳои иттилоотӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ба ҳама маълум аст, ки технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти инсонӣ ҷорӣ шуда истодаанд, ки маориф низ истисно нест.

Барномаи давлатии амали намудани технологияхои итгилоотӣ коммуникатсиони дар муассисахои тахсилоти умумии Чумхурии Точикистон барои солхои 2018-2022 бо максади таъмин намудани муассисахои тахсилоти умуми бо технологияхои иттилоотӣ коммуникатсионӣ тахия гардидааст, ки амалишавии он барои халли вазифахои мухими ислохоти сохаи маорифи Точикистон дар чахони муосир мусоидат менамояд. Дар Барнома чунин омадааст: “Баланд бардоштани сифати тахсилот мутобик ба стандартхои байналмилали бо истифодаи технологияхои таълимии муосир, усулхои инноватсионии таълим ва ташкили фазои ягонаи иттилоотии сохаи маориф мебошад”. [14, с.43].

Синни томактабӣ давраи фаъолона азхудкунии забони гуфторӣ, ташаккул ва инкишофи тамоми ҷанбаҳои нутқ: фонетикӣ, лексикӣ, грамматикӣ мебошад. Азхудкунии пурраи забони модарй дар синни томактабй шарти зарурии халли масъалахои тарбияи аклию эстетикӣ ва ахлокии бачахо дар давраи нозуки инкишоф мебошад. Омӯзиши забони модарӣ ҳар қадар зудтар оғоз шавад, кӯдак дар оянда аз он озодтар истифода хоҳад кард.

Дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, стратегия, барномаҳои давлатӣ инкишофи босуръати технологияхои интернетиро дар муассисаҳои томактабӣ дар 5 соли охир муайян мекунанд, таҳлил менамояд.

Барномаи давлатии барн.иттилоотӣ-иртиботӣ

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ воситаи босамари ташаккули фаъолияти маърифатӣ, нутқӣ ва ташкили фаъолияти таълимӣ-маърифатии томактабиён мебошад, зеро истифода аз онҳо машғулиятро шавқовар ва замонавӣ мегардонанд. Истифодаи ТИИ дар кор бо кӯдакони синни томактабӣ арзиши бебаҳои беназир дорад.

Дар инкишофи нутқи кӯдакон технологияҳои иттилоотию иртиботӣ ба таври зерин истифода мешаванд:

1. Истифодаи тасвирии компютерӣ дар ғанӣ гардонидани захираи луғат, инкишоф додани нутқи мураттаб, ҷанбаҳои лексикӣ ва ҳангоми тартиб додани нақл воситаҳои техникӣ дорои хусусиятҳои хос ҳастанд: ҷолибият, равшанӣ, навоварӣ. Мултимедия имкон медиҳад, ки маълумотро дар экрани калон бо истифода аз аксҳо, графикаи видеоӣ, аниматсия ва садо пешниҳод кунед. Гурӯҳе муҳите эҷод мекунад, ки дар он кӯдакон эҳсосоти худро бо суханони худашон бо ёрии калонсолон ё дӯстон баён мекунанд.
2. Эҷоди маводи интерактивӣ оид ба рушди нутқ барои истифода дар кор бо кӯдакон. Ин мавод барои вазифаҳои мушаххаси корӣ сохта шудааст, масалан, фарқияти садоҳо - истифодаи"Садоҳо", васеъ кардани луғат - муаррифии"Бозичаҳо", "Ҳайвонҳо" ва ғайра.
3. Эҷоди моделҳои интерактивӣ барои таҳияи изҳороти ҳамоҳанг. Кӯдакон расмҳои сужети пайдарпайро дар экран мувофиқи моделҳо пайваст мекунанд ва аз кӯдак талаб карда мешавад, ки нақли мураттаб созад.
4. Ташкили кор бо падару модарон оид ба фарққунии маълумот дар бораи вазифаҳо, усулҳо, воситаҳои инкишофи нутқ.

Мубрамияти тадқиқот аз бою ғанӣ ва буррою пурмазмун намудани нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ ва иртиботӣ мавриди шиносоӣ бо муҳити атроф муайян карда шудааст.

Дар назария ва амалияи истифодаи технологияи иттилоотии таълимӣ А.П. Беляева, В.П. Беспалко, Я.А. Ваграменко, А.П. Ершов, М.И. Жалдак, В.М. Зеленин, А.В. Запорожетс, В. Извозчиков, А. Кузнецов, Ю.К. Кузнетсов, В.В. Лаптев, А.Е. Марон, И.В. Марусева, Е.И. Машбитс, А.Г. Мордкович, И. Румянтсев, М.В.Шветский ва дигар олимон саҳми назаррас гузоштаанд. Лекин инкишофи нутқи кӯдакони синни калони томактабӣ бо истифода аз технологияҳои педагогӣ мавриди шиносоӣ бо муҳити атроф ба мавриди таҳқиқ қарор наёфтааст.

Масъалаи истифодаи дурусти технологияҳои иттилоотӣ-иртиботиро дар ҷумҳурӣ муҳаққиқон-коршиносон М.А.Додобоев, С.С.Афғонов, Ш.К.Каримов, Д.Р.Ҳасанов, У.Р.Гулманов, А.Ёров корбарӣ намуда, таҳқиқотҳои арзишмандро ба сомон расонидаанд.

Мебояд қайд кард, ки дар зинаи таҳсилоти томактабӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии раванди таълим истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ муфид буда, барои инкишофи нутқи бою пурмазмуни кӯдакон шароити мусоид фароҳам меорад.

Технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ на танҳо компютер, инчунин тахтаи интерактивӣ, проектор, камераи видеоӣ, сканер, принтер, компютерҳои кӯдаконаи “Ҳамадон” низ ба ҳисоб мераванд. Олимони рус Горвиц Ю.М., Поддьяков Н.Н, Зворыгина Е.В. қайд менамоянд, ки истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар кӯдакон на танҳо барои аз худ кардани дониши нав, инчунин барои бедор намудани шавқу ҳавас ба мавзӯи муҳокимашаванда низ мусоидат мекунанд. Масалан, кӯдакони синни томактабӣ бо истифода аз воситаҳои мултимедӣ он ашё ва мавзеъҳои олами атрофро дида метавонанд, ки дар муҳити наздики кӯдакистон дида намешаванд.

Самаранокии технологияҳои компютерӣ дар васеъ кардани ҷаҳонбинии кӯдакон дар бораи ҷаҳони атроф дар корҳои таҷрибавӣ исбот шудааст. Технологияҳои иттилоотӣ шаклу усулҳои анъанавии

таълими кӯдакони синни томактабиро иваз намекунанд, балки раванди таълимро дар муассисаҳои таълимии томактабӣ тақвият бахшида, ба зинаи нав мебароранд.

Истифодаи ТИИ дар муассисаҳои томактабӣ бартариҳои зеринро фароҳам меорад:

1. ба инкишофи бо ҳам алокаманди протсесҳои маърифатӣ, амалиётҳои мантиқӣ, нишондиҳандаҳо ва маҳоратҳо (озодона амал кардан, босуръат) мусоидат мекунад;
2. маълумотро дар шакле, ки ба кӯдакони қобили қабул аст (садо, ранг, амал, тасвирҳои ифодакунанда) пешкаш мекунад;
3. ҳолатҳои наверо, ки намоиши онҳо бо дигар воситаҳо душвор ё ғайриимкон аст, бо моделҳои замонави пешниҳод намояд;
4. истифодаи технологияи компютерӣ имкон медиҳад, ки фаъолият ҷолиб ва воқеан замонавӣ гардад, масъалаҳои маърифатӣ ва эҷодӣ дар асоси возеҳу равшанӣ ҳал карда шаванд.
5. истифодаи ТИИ имкон медиҳад, ки кӯдакони синни томактабӣ бо муҳити атроф бо воситаҳои замонавӣ ба таври визуалӣ шинос шаванд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ барои ташаккули бомуваффақияти тасаввуроти кӯдакони синни томактабӣ дар бораи олами атроф васеъ муҳим ҳисобида шуда, самаранокии омезиши мутаносиби ТИК бо шаклу усулҳои анъанавии таълими кӯдакони синни томактабӣ, аз ҷумла истифодаи фаъолияти пурсамар барои рушди дониш дар бораи олами атроф исбот шудааст.

Тазаккур бояд дод, ки имрӯз дар муассисаи томактабӣ ва оила хониши бадеӣ хеле кам ба назар мерасад, бинобар ин нутқи кӯдакон ифоданок набуда, дар он аксар вақт ба хатогиҳо роҳ дода мешавад, инчунин онҳо ҷавобҳои соддаю якранг медиҳанд. Аз сабаби сустии нутқ ва пассиву заиф будани луғат кӯдакон шавқу ҳавас ба машғулиятҳоро гум мекунанд. Дар ин вақт барои бедор намудани шавқу ҳавас,

ҳавасмандии таълимӣ дар кӯдакон истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ бамаврид мебошанд.

Технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ (ТИИ) маҷмӯи васеи технологияҳои рақамӣ мебошанд, ки барои эҷод, интиқол ва паҳн кардани иттилоот ва пешниҳоди хидматҳо (таҷҳизоти компютерӣ, таъминоти барномавӣ, хатҳои телефонӣ, алоқаи мобилӣ, почтаи электронӣ, технологияҳои мобилӣ ва моҳворай, мултимедия, шабакаҳои бесим ва кабелӣ) истифода мешаванд.

Истифодаи ТИИ дар раванди таълим бартариҳо дорад. Имкониятҳои сифатан нав аёнанд: тасвири равшан, озода ва рангоранг дар экран назар ба тасвире, ки дар тахтаи гурӯҳ навишта шудааст, хеле таъсирбахштар ва беҳтар аст. Дараҷаи таъсири истифодаи асбобҳои аёнӣ дар машғулиятҳо баланд мешавад.

Дар адабиёти илмӣ-методӣ ҷанбаҳои мусбати истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар таълими томактабӣ оварда шудаанд. Ба мақсаднок будани истифодаи компютер ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар таҳқиқоти Ю.М. Горвитс, А.В. Вербенетс, О.Ю. Тараненко, Т.В.Калинина ва ғ.

Ҷанбаҳои мусбати истифодаи компютер ва ТИК аз нигоҳи муаллифони дар боло зикршуда аз таъсири зерин иборатанд:

- технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ ба рушди бо ҳам алоқаманди равандҳои маърифатӣ, амалиёти мантиқӣ, нишондиҳандаҳо ва малакаҳо (худсарӣ, суръат, амал аз рӯи алгоритм) мусоидат мекунад;
- Аксар вақт ба азхудкунии самараноки иттилоот нигаронида шудааст;
- Маълумотро дар шакле, ки ба кӯдакони муосир шинос аст (садо, ранг, амал, тасвирҳои экспрессивӣ).

Онҳо ба шумо имкон медиҳанд, ки вазъиятҳои комилан навро тақлид кунед, ки намоиши онҳо бо дигар воситаҳо душвор ё ғайриимкон

аст. Кӯдак имкониятҳои худро дар робита ба ин «виртуализм» (ман ғолиб омада метавонам, аз уҳда баромада метавонам ва ғ.) кашф мекунад, ки барои ташаккули худбаҳодиҳӣ ва малакаҳои рефлексивӣ муҳим аст.

Таҳлили амалияи таълимӣ, ки аз ҷониби муҳаққиқон [9] гузаронида шудаанд, имкон дод, ки имкониятҳои зерини бештар истифодашавандаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар таҳсилоти томактабӣ муайян карда шаванд:

- технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои ҷустуҷӯи иттилооти иловагӣ бо истифода аз захираҳои интернетӣ истифода мешаванд;
- презентатсияҳо ва дастурҳо ҳангоми фаъолияти таълимӣ бо кӯдакон истифода мешаванд;
- омӯзгорон дар гурӯҳи худ базаи маълумотҳои волидайнро месозанд;
- омӯзгорон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ мазмуни фаъолияти таълимиро дар самтҳои гуногун таҳия менамоянд;
- Интернетро барои худомӯзӣ истифода мебаранд;
- омӯзгорон дар раванди педагогӣ аз захираҳои тайёри рақамии таълимӣ истифода мебаранд.

Муҳаққиқон Ю.М.Горвитс, А.В. Вербенетс, О.Ю. Тараненко дар кори худ оид ба рушди нутқ бо истифода аз ТИИ вариантҳои зеринро истифода мебарад:

1. Тартиб додани ҷумлаҳо аз калимаҳо бо истифода аз расм, диаграмма ё калимаҳои дастгирӣ.

2. Тартиб додани ҳикоя аз рӯи силсилаи расмҳои сюжетӣ

3. Ташаккул додани шунавоии фонемаТИИӣ, равшан кардани расмҳо барои садои додашуда.

4. Ҳикояҳо дар як занҷир.

5. Бозиҳо монанди: «Чӣ намерасад», «Намоиш ва ном», «Чӣ намерасад».

Дар доираи чунин машғулиятхо перспективаи истифодаи усулхои нав кушода мешавад. Ташаккули нутқи кӯдакон дар асоси интихоби барномаҳои компютерӣ, бозиҳо, презентатсия, филмҳои тасвирию бадеӣ ба роҳ монда шуда, ба онҳо имкон медиҳад, ки ба фаъолият ворид гардида, фаъолияти таълимӣ пурмазмун, ҷолиб ва бо истифодаи усулҳои навин баргузор гардад. Кӯдакони синни томактабӣ тафаккури аёнӣ-образӣ дошта, дар як вақт дидан, шунидан, амал кардану баҳо додан ба амали ашёро доро мебошанд. Маҳз дар ин маврид метавон аз технологияи муаррифии мулдимедиявӣ истифода намуд. Ин барномаест, ки дар он матн, аксу расмҳо, слайдҳои рангаю зебо, мусиқӣ, аниматсия, ва графикаҳои гуногунро истифода намуд.

Чунин шуморидан мумкин аст, ки истифодаи технологияи муаррифии мулдимедиявӣ дар рафти машғулият ва берун аз он, дар лаҳзаҳои дилхушӣ хастагии кӯдаконро пешгирӣ намуда, раванди маърифатӣ, инкишофи нутқӣ ва самаранокии корро афзун мегардонад. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди фаъолиятҳои гуногуни кӯдакон имкон медиҳад, ки фаҳмиши кӯдакон дар бораи муҳити атроф васеъ гардида, захираи луғавӣ бой гардад. Кӯдакон мавриди баён маънои калимаҳоро амиқ дарк намуда, фикрҳои худро мантиқан дуруст ва алоқаманд баён менамоянд, ки дар мавриди гузариш ба зинаи таҳсилоти ибтидоӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар ин маврид академик М.Лутфуллозода чунин қайд менамоянд: «Доира ва мазмуни инкишофи нутқ дар синфҳои ибтидоӣ ҳақиқатан ҳам васеъ ва ҳарҷониба аст. Инкишофи нутқро ба кори талабагон нисбат дода, онро ба тариқи зерин шарҳ медиҳем: аз тарафи кӯдакон амалӣ, фаъолона аз худ намудани тарафҳои гуногуни нутқ (тарзи талаффуз, луғат, сохти грамматика, нутқи алоқанок). Вале омӯзонанда ва назораткунандаи ҷараёни инкишофи нутқи талабагон мураббия мебошад. Баробари он инкишофи нутқ нисбат ба фаъолияти педагог

устокорона истифода бурдани чунин метод ва тарзҳое мебошад, ки дар бобати фаъолона аз худ намудани тарафҳои гуногуни забон ба талабагон ёрӣ расонда тавонанд».

Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ҳамчун пайдарпаии видеоӣ низ истифода мешаванд: порчаҳо аз операҳо, балетҳо, консертҳои мусиқии классикӣ, порчаҳои аниматсия., силсилаи визуалӣ: портретҳои бастакорон, иҷрокунандагон ва дастаҳои иҷрокунанда, расмҳои мавзӯӣ, репродуксияи асарҳои санъати тасвирӣ (расмӣ, наққошӣ, наққошӣ). санъати ороишию амалй, хайкалтарошй, меъморй, графика) ва аудио: фонограммахои асархои мусикй. Супоришҳои эҷодӣ (интерактивӣ) барои кӯдакон хеле кам истифода мешаванд.

Дар ин маврид истифодаи технологияҳои педагогӣ имкон медиҳанд, ки фаъолияти таълимӣ гуногун ва ғайрианъанавӣ бо истифода аз усулҳои коркардшудаи пешниходи маводи нав пешниҳод гардад.

Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба кӯдакони синни томактабӣ имкон медиҳанд, ки на танҳо барои аз худ кардани донишҳо балки дар ин маврид бой гардонидани луғат, нутқи аз ҷиҳати грамматикӣ дуруст, қобилияти зеҳнӣ ва эҷодӣ, ки дар ин синну сол хеле муҳи Таҷрибаи муассисаҳои таълимии томактабӣ зарурати васеъ намудани истифодаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ (ТИИ) дар ташкили раванди таълимро нишон медиҳад. Ҳоло дар раванди таълим кӯдак субъекти фаъол аст. Натиҷаи мусбӣ аз истифодаи ТИИ танҳо дар ҳамкории кӯдак, омӯзгор ва компютер имконпазир аст, инкишоф дода шаванд.

Вазифаҳои компютерӣ бояд мувофиқи талаботи гигиенӣ сохта ва истифода шаванд. Барои кӯдакони 6-сола кор бо компютер набояд аз 10 дақиқа ва барои кӯдакони 7-10 сола 15 дақиқа зиёд бошад.

Ҳангоми истифодаи ТИИ дар раванди таълим машқҳои чашмро иҷро кардан лозим аст. Ҳангоми кор, ҳар 1,5-2 дақиқа нигоҳи кӯдакро аз монитор мунтазам барои чанд сония ҳаракат кардан лозим аст.

Расми 2.



Инкишофи нутқи мураттаб вазифаи марказии инкишофи нутқи кӯдакон мебошад. Маҳз дар нутки мураттаб вазифаи асосии коммуникативии забон ва нутқ амалӣ мегардад.

Муваффакият азхуд намудани нутқи даҳонии мураттаб ба кӯдак ёрӣ мерасонад, ки талабҳои мактабро ба осонӣ бартараф намояд ба саволҳо дуруст ва зуд ҷавоб диҳад, мазмуни асари адабиро бо пайдарпаии мантиқӣ баён кунад, ба ҳодисаҳои гуногуни табиат, ҳаёти ҷамъиятӣ ва ғайра шарҳ диҳад.

Имрӯз худи ҳаёт ба ташкили протсеси педагогӣ дар кӯдакистон талабҳои сифатан навро тақозо мекунад. Ҷаҳони муосир ба дарк ва истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар кор бо кӯдакон талаботи нав мегузорад. Технологияҳои иттилоотӣ дар татбиқи принсипи возеҳу равшан уфуқҳои нав кушода, маводи аёниро равшантар ва хотирмон мегардонад, равандҳо ва падидаҳоро дар болоравӣ нишон медиҳад ва азхудкунии маводро беҳтар намуда, мутақилиятро тақвият мебахшад.

Имкониятҳои компютер дар ин ҷо бепоёнанд. Он ба шумо имкон медиҳад, ки кӯдакони синни томактабӣ дар вазъияти муайяни бозӣ ворид карда, фаъолияти таълимиро пурмазмун, ҷолиб, ҷолиб ва воқеан замонавӣ гардонед. ТИИ ба воситаи асосие табдил меёбад, ки инсон на

танҳо дар фаъолияти касбӣ, балки дар ҳаёти ҳаррӯза низ истифода хоҳад кард.

Мақсади асосии ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ташкили фазои ягонаи иттилоотии муассисаи таълимӣ, системае мебошад, ки дар он ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим дар сатҳи иттилоотӣ: маъмурият, омӯзгорон, кӯдакон ва волидони онҳо ҷалб ва пайваст карда мешаванд.

Барои амалӣ намудани ин кор ба кадрҳои педагогии ботаҷрибае лозим аст, ки тавонанд усулҳои анъанавии таълим ва технологияҳои муосири иттилоотиро ба ҳам омезанд.

Омӯзгор бояд на танҳо аз компютер ва таҷҳизоти муосири чандрасонаӣ истифода бурда тавонад, балки захираҳои таълимии худро эҷод карда, дар фаъолияти омӯзгории худ васеъ истифода барад.

Корҳои тадқиқотчиён [17] самтҳои асосии татбиқи технологияҳои компютериро дар системаи таълими томактабӣ муайян мекунанд. Сохти раванди таълим дар шароити иттилоотикунонии ҷомеа равишҳои навро ба шароитҳои педагогӣ, мазмун, шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои таълиму тарбияи кӯдакон аз синни томактабӣ дар назар дорад, ки дар онҳо аз ҷиҳати методӣ ва салоҳиятдор аз ҷиҳати педагогӣ оқилона истифода бурдани технологияҳои компютерӣ аз ҷониби омӯзгор нақши аввалиндараҷа дода мебозад. Имрӯз технологияи компютериро метавон роҳи нави интиқоли дониш донист, ки ба мундариҷаи сифатан нави таълим ва рушди кӯдакон мувофиқат мекунад [49].

Расми 3.



Утоқи таълимии компютерӣ дар Кӯдакистони президентии ш.Хуҷанд

Воситаҳои ахбори омма, махсусан электронӣ, ба ҳаёти кӯдакон фаъолона ворид мешаванд. Таҳқиқоти ватанӣ ва хориҷӣ оид ба истифодаи компютерҳо дар муассисаҳои таълимии томактабӣ на танҳо имкон ва амалӣ будани технологияҳои мазкур, балки нақши махсуси компютерро дар инкишофи интеллект ва умуман шахсияти кӯдак ба таври эътимодбахш исбот мекунанд (тадқиқоти С. Л. Новоселова, Ш. И.Пашелит, Г.П.Петку, Б.Хантер ва дигарон).

Истифодаи асбобҳои муаррифӣ ба ман имкон медиҳад, ки ба дарсҳо эффекти визуалӣ оварам ва ба кӯдакон кӯмак мекунад, ки маводро зудтар ва пурра аз худ кунам.

Фаъолияти таълимӣ бо истифода аз ТИИ мураккаб аст, аз ин рӯ ман воситаҳои таълими анъанавӣ ва компютерӣ, инчунин ҳамгироии соҳаҳои таълимро муттаҳид мекунам.

1. Фаҳмиши кӯдакон дар бораи олами атроф васеъ шуда, захираи луғавии онҳо бой мегардад.

2. Кӯдакон фикрҳои худро бештар мантиқӣ ва пайваста баён мекунанд ва маънои калимаҳоро амиқтар мефаҳманд.

3. Қобилияти баён кардани таассуроти худ дар бораи композитсияи мусиқии шунидашуда ё расм ё тасвири дидашуда ташаккул меёбад.

Расми 4.



Кӯдакон дар гуфтор аз фазилатҳои бадеии забони модарии худ истифода бурда, дар анҷоми омӯзиш хоҳиши мустақилона эҷод кардани онҳоро нишон медиҳанд.

Истифодаи ин усулҳо имкон медиҳад, ки тадриҷан кӯдак шавқу рағбат ба шеъру муаммо ва афсонаҳо зоҳир намояд.

Истифодаи ТИИ мусоидат мекунад:

1. Ҳавасмандии мусбӣ барои омӯзиш.

2. Фаъолияти маърифатии кӯдаконро фаъол месозад.

3. Корҳои таълимӣ амалӣ карда шаванд:

4. Дар сатҳи баланди эстетикӣ ва эмотсионалӣ (аксҳо, аниматсия, мусиқӣ) аёниятро таъмин карда шаванд;

5. Миқдори зиёди маводи дидактикӣ истифода мешавад;

6. Ба баланд шудани сифати таълиму тарбия ёрӣ мерасонад.

Ҳангоми истифодаи ТИИ дар рушди нутқи муттасили кӯдакон вазифаҳои зерин ҳал карда мешаванд:

1. Мазмун ва алоқамандии нутқи монологии кӯдакон меафзояд;
2. Фаъолии нутқии  кӯдакон ташаккул меёбад:
3. Нутқи эҷодии кӯдакон инкишоф меёбад.
4. равандҳои равонии кӯдакон инкишоф меёбанд, махсусан тафаккур.

Масалан: Бозии компютерии «Инкишофи нутқ. Биёед дуруст сухан гуфтанро ёд гирем», ки дар барномаи  POWER POINT сохташуда, дар тахтаи интерактивӣ бо кӯдакон гузаронида мешавад.

Аз ҷумла, Барнома оид ба инкишофи нутқ А.Ю.Коркина дар машғулиятҳои инкишофи нутқ ва омодагӣ ба саводомӯзӣ, бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ пешбинӣ шудааст:

1. Истифодаи барнома ба дарки шунавоии кӯдакон мувофиқ мебошад;
2. Ташаккули малакаи таҳлили овозӣ, талаффузи бурроёю дурусти овоз, ҳиҷо ва калима;
3. Инкишофи маҳорати сухаронӣ, мустақилона тартиб додани ҷумла;
4. Мавҷудияти якчанд зинаҳои душвор дар ҳар як супориш, ки муносибати инфиродир бо кӯдак талаб менамояд.

Дар инкишофи нутқи мураттаб дар кӯдакони синну соли калонсол ташаккули маҳорати эҷоди ҳикоя, риояи сохтор ва истифодаи усулҳои гуногуни пайвастани ҷумла ва қисмҳои баён ба мадди аввал меистад.

Таҷрибаи муассисаҳои таълимии томактабӣ зарурати васеъ намудани истифодаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ (ТИИ) дар ташкили раванди таълимро нишон медиҳад. Ҳоло дар раванди таълим кӯдак субъекти фаъол аст. Натиҷаи мусбӣ аз истифодаи ТИИ танҳо дар ҳамкории кӯдак, омӯзгор ва компютер имконпазир аст.

Бисёр порталҳои онлайни таълимӣ мавҷуданд, ки дар онҳо бозиҳои махсуси компютерӣ барои рушди нутқи алоқаманди кӯдак таҳия шудаанд.

Унсурҳои ҳавасмандкунандае, ки дар система сохта шудаанд, ба кӯдак дар муддати тӯлонӣ таваҷҷӯҳ зоҳир мекунанд, раванди рушд ҷолиб мегардад.

Презентатсияҳои мултимедиявӣ роҳи қулай ва самараноки пешниҳоди иттилоот бо истифода аз барномаҳои компютерӣ мебошанд. Ҳамин тариқ, Е.Кулпанович қайд мекунад, ки презентатсияи мултимедиявӣ дар раванди педагогии муассисаи томактабӣ ҳамчун воситаи таълим истифода мешавад, ки дар он объектҳои иттилоотии намудҳои гуногун: садо, матн, тасвир муттаҳид мешаванд. Ин ба онҳо хусусияти инкишоф медиҳад, зеро он имкон медиҳад, ки намудҳои гуногуни санъат (аниматсия, графика, мусиқӣ, дизайн) эҷод карда шаванд, ки ба шумо имкон медиҳад, ки тасвири ба зерфарҳанги кӯдакони муосир наздикро эҷод кунед.

Амалия нишон дод, ки ин шавқу ҳаваси бачаҳоро ба машғулиятҳо хеле зиёд карда, дараҷаи қобилиятҳои маърифатиро баланд мебардорад. Истифодаи усулҳои нави ғайриоддии шарҳ ва тақвият, махсусан дар шакли бозӣ, таваҷҷӯҳи ғайриихтиёрии кӯдаконро зиёд мекунад ва ба рушди таваҷҷӯҳи ихтиёрӣ мусоидат мекунад. Имкониятҳои компютер имкон медиҳанд, ки ҳаҷми маводе, ки бояд шинос шавад, зиёд карда шавад. Ғайр аз ин, кӯдакони синни томактабӣ як маводи барномавиро борҳо такрор мекунанд ва шаклҳои гуногуни баёнро меомӯзанд, ки аҳамияти калон дорад.

Онҳо диққати бачаҳоро ба худ ҷалб мекунанд, шавқу ҳаваси калонро ба вуҷуд меоваранд, фаъолияти маърифатиро ба бедор месозанд ва аз ин рӯ сифат ва самараи таълим баланд шуда, диққати бачаҳоро муддати дарозтар ба худ ҷалб карда, машғулият босамар мегузарад. Ҳамаи ин, ба инкишофи функсияҳои ҳиссӣ, маҳорати ҳаракати артикуляторӣ, инкишофи фаъолияти маърифатӣ, махсусан тафаккур, хотира, таваҷҷӯҳ, қобилиятҳои муошырати кӯдакон, ташаккули

шахсияти кӯдак бо танзими ҳамзамон муносибатҳои иҷтимоӣ инҳо мусоидат мекунад.[]

Дар шакли бозии таълимӣ бо кӯдакони синни томактабӣ ҳама гуна машғулиятҳо гузаронида мешаванд: ҳисоб, саёҳат ба кишварҳои дигар, инкишофи нутқ, гулмонӣ, раскашӣ ва ғайра.

Расми 5.



Яке аз воситаҳои асосии вусъат додани тафаккури кӯдакон презентатсия, слайд, силсилаи аксхои тасвирӣ мебошанд. Ин аёният аст, ки ба мураббия имкон медиҳад, ки дар синф бо истифода аз порчаҳои видео, расмҳоро мавриди истифода қарор диҳад. Вобаста ба ин, се намуди хотираи кӯдакон ҷудо мешаванд: визуалӣ, шунавоӣ, моторӣ.

Истифодаи эффектҳои аниматсионӣ ба зиёд шудани таваҷҷӯҳи кӯдакон ба маводи омӯхташаванда мусоидат мекунад. Барои намуна, аз рафти машғулияти “Шиносоӣ бо адабиёти бадеӣ”-ро бо истифода аз проектор ва тахтаи синф пешниҳод мегардад.

**Масъалагузорӣ.** Бо кадом роҳҳо ба кӯдакон асари бадеиро дастрас намудан мумкин аст.




Ҷадвали 2.

| Фаъолияти мураббӣ-омӯзгор | Фаъолияти кӯдакон |
|---|---|
| Зинаи 1: Мураббӣ-омӯзгор бо кӯдакон бозӣ ташкил мекунад. Шарти бозиро ба онҳо мефаҳмонад | Кӯдакон бо шавқу ҳавас дар бозӣ иштирок намуда, ба машғулият омода мегарданд. |
| *Зинаи 2:* Мураббӣ-омӯзгор ба кӯдакон афсонаро нақл мекунад. Сипас саволу ҷавоб намуда, аз якчанд нафар кӯдакон нақли пайдарҳами афсонаро мешунавад | Кӯдакон бодиққат гӯш мекунанд ва ба саволҳои мураббӣ ҷавоб медиҳанд. |
| Зинаи 3: Мураббӣ-омӯзгор ба ҳар як миз як расмӣ тақсим намуда, супориш медиҳад, ки сужети дар расм тасвиршударо нақл намоянд. | Кӯдакон дар гурӯҳҳо расмро таҳлил намуда, бо тартиби муайян онронақл мекунанд. Ба афсона номи гузоштаи худро пешниҳод мекунанд. |
| Зинаи4: | Кӯдакон бо овози бурро, фаҳмо |

| | |
|---|---|
| Мураббӣ-омӯзгор бо истифода аз саволҳои гуногун ба кӯдакон барои нақли қисмҳои афсона аз рӯи расм ёрӣ мерасонад. | нутқи паиҳами алоқанок ба саволҳо ҷавоб гардонида, ҳиссиёти худро ба мазмуни асарбаён менамоянд. |
| *Зинаи 5:*<br>Мураббӣ-омӯзгор матни афсонаро бо истифода аз расмҳо ва пурсиши кӯдакон мустаҳкам менамояд. | Кӯдакон ба расмхо нигоҳ карда, расми мувофиқ ба матнро нишон медиҳанд |
| *Зинаи 6.* ***Ҷамъбасти машғулият*** | Ба фаъолияти кӯдакон баҳо дода мешавад. |

Расми 6.

Афсонаи «Хурӯсаки далер»












Бо ворид намудани ашёе, ки ба кӯдак ба слайд-шоу ё презентатсия ба сифати воситаи аёнии тағйирёбанда дохил карда шудааст, якбора якчанд равандҳои равонӣ ба кор медароянд. Вақте ки кӯдак дар муҳити худ бо ашёе, ки аллакай дар бораи он гуфта шудааст ва дар экран дида шудааст, дучор меояд, занҷири такрори боқимондаи маводи бо ин объект алоқамандро месозад (хотираи ассотсиативӣ инкишоф меёбад).

А.М. Вербенец [11] бо назардошти масъалаҳои назариявӣ ва амалии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар кор бо кӯдакони синни томактабӣ нақши бузурги тарбиявии энсиклопедияҳои электрониро, ки иттилооти васеъ ва боэътимодро дар робитаҳои гуногун пешниҳод мекунанд, қайд мекунад.

Адабиётхои психологию педагогиро омухта, маълум кардам, ки ташаккули нутки мураттаб дар кӯдакони синни томактабй дар протсеси бозихои дидактикӣ яке аз самтхои асосии протсесси тарбиявии таълим мебошад. Барои бомуваффақият таълим додани кӯдакон роҳ ва усулҳои бозӣ истифода бурда мешавад, зеро бозӣ фаъолияти асосии кӯдаки синни

томактабӣ мебошад. Бо ёрии бозӣ, азхудкунии маводи мураккаб бе шиддати асабӣ сурат мегирад: кӯдак боғайрат кӯшиш мекунад, ки он чизеро, ки ба муваффақияти бозӣ мусоидат мекунад, бо ҳалли ин ё он вазифаи таълимӣ нодида гирифта шавад.

Кӯдакон бозиро дӯст медоранд. Онҳо ҳангоми бозӣ муҳити атрофро мешиносанд, рангҳо ва шаклҳоро қиёс карда, монандӣ ва тафовути ашёҳоро муқаррар мекунанд, оддитарин алокамандии байни онҳоро маънидод карда, хубу бадро фарқ менамоянд. Дар ин асос онҳо овозҳоро талаффуз карда, калима, ҷумлаҳо мегӯянд. Ин ҳама дар умум вазифаи бойгардонии забон ва дониши кӯдакон мегардад.

Ба инкишофи нутқи кӯдакон асосан усули суҳбат ва аённокии он ёрӣ мерасонад. Кӯдаки сини то мактабӣ бо падару модар суҳбат кардан ва саволу ҷавобро дуст медорад. Ин ба вай завқу ҳаловат мебахшад. Ба падару модарон лозим аст, ки ҳангоми суҳбат ва сайру саёҳат ба кӯдакон аз ҳикматҳои халқи, мақолу зарбулмасалҳо ва чистонҳое, ки ба онҳо фаҳмо аст, то ҳадди имкон нақл намоянд, дар бораи нишонаҳои фаслҳои сол, табиат, обу ҳаво дар зимистон, баҳор, тобистон, тирамоҳ, ном ва хосиятҳои баъзе алафҳо (чағ-чағ, ҳулба, матинч…), меваҳо, дарахтон, гулҳо, паррандаҳо, ҳайвонот, меҳнати одамон доир ба ҳар як фасли сол маълумоти оддитарин диҳанд. Кӯдак ҷой, маҳал ё предмети дар табиат дидаашро аз расм бо шавқ тамошо мекунад, онҳоро боҳамдигар муқоиса менамояд, ки ин барои зиёд шудани завқи эстетикии ӯ хеле аҳамият дорад. Бинобар ин, ба кӯдакон ҳар гуна расмҳои рангоранг додан лозим аст, то ки тамошо кунанд ва завк баранд.

Технологияҳои муосири иттилоотӣ дар таълими томактабӣ имкон медиҳанд, ки на танҳо бисёр чизҳои навро омӯзанд, балки таваҷҷӯҳи кӯдаконро ба мавзӯи муҳокимашуда муайян ва мустаҳкам кунанд. Онҳо тарзи пешниҳоди иттилоотро тағир медиҳанд. Технологияҳои иттилоотӣ

имкон медиҳанд, ки фаъолияти ҷолиби таълимӣ эҷод карда шаванд. Масалан, кӯдакони синни томактабӣ бо ёрии проектори мултимедиявӣ он ашёҳо ва падидаҳои табииро мебинанд, ки дар муҳити наздикашон дида намешаванд. [17, с.55].

Истифодаи компютер ба ҳавасмандии кӯдакон таъсир мерасонад, асолати онҳоро нишон медиҳад, савол медиҳад, ки дар навбати худ ба рушди нутқ таъсири судманд мерасонад. Ин бо мавҷудияти унсурҳои фароғат ва бозӣ, ки пурқувваттарин воситаи баланд бардоштани ҳавасмандӣ мебошанд, шарҳ дода мешавад.

Технологияҳои иттилоотӣ имкон медиҳанд, ки на танҳо вазъияти воқеиро дубора эҳё кунад, балки равандҳоеро, ки дар воқеият мушоҳида кардан мумкин нест, нишон диҳад.[2,12]

Диққати махсус ба истифодаи ТИИ дар дарсҳои рушди нутқ ба мултимедия дода мешавад. Дар ниҳоят, мултимедия имкон медиҳад, ки иттилоот на ба таври анъанавӣ, балки бо ёрии аксҳо, графикаи видеоӣ, аниматсия ва садо пешниҳод карда шавад. Нававарии ин чорабиниҳо кӯдаконро ҷалб мекунад.

«Муаррифӣ як мини-мультфильми таълимӣ, китоби аудиоии электронӣ бо тасвирҳои зебо мебошад, ки ин як воситаи хубест барои модарон барои кӯдаки худ дар бораи ҷаҳони атроф, тавре ки худаш мебинад, бидуни тарк кардани хона ё парвоз ба кишварҳои дур нақл мекунанд.

Ҳамин тавр, инкишофи нутқро ташаккул додани малакаю маҳорати суханронии дақиқ, баён, озодона ва дуруст истифода бурдани воҳидҳои забонӣ, риояи қоидаҳои одоби сухан дониста мешавад.

Бартарии презентатсия аз он иборатаст, ки он дидашаванда, қулай, содда ва зудфаҳм буда, ба дарки ҳамаҷониба ва беҳтар дар хотир нигоҳ доштани мавод мусоидат мекунад. Технологияҳои компютерии муосир танҳо асбобҳо, маводи ёрирасони таълимӣ, усулҳои нави кор мебошанд.

Дар гурӯҳ муҳити воқеии муошират ба вуҷуд меорад, ки дар он кӯдакон кӯшиш мекунанд, ки эҳсосоти худро аз суханони худ баён кунанд, супоришҳои пешниҳодшударо бо омодагӣ иҷро кунанд ва ба чизҳои нав таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир кунанд. Дар айни замон, интихоби барномаҳои мултимедиявӣ дорои хусусияти рушдёбанда аст.
васеъ Кор бо барномаҳо шаклҳои гуногуни фаъолияти кӯдаконро дар бар мегирад. Ин имкон медиҳад, ки фаъолияти нутқ тағйирёбанда (фонетикӣ, ҳамоҳангӣ, монологӣ) шавад. Истифодаи ин мавод дар дарсҳо оид ба рушди нутқ ба азхудкунии маводи бештар мусоидат мекунад.

Инкишофи нутқи мураттаб вазифаи марказии инкишофи нутқи кӯдакон мебошад. Маҳз дар нутки мураттаб вазифаи асосии коммуникативии забон ва нутк амалй мегардад.

Муваффакиятнок азхуд намудани нутки дахонии мураттаб ба кудак ёрй мерасонад, ки талабхои мактабро ба осонй бартараф намояд: ба саволхо дуруст ва зуд чавоб дихад, мазмуни асари адабиро бо пайдарпаии мантиқи баён кунад, ба ходисаҳои гуногуни табиат, хаёти чамъиятй ва гайра шарх дихад.

Дар инкишофи нутқи мураттаб дар кӯдакони синну соли калонсол ташаккули маҳорати эҷоди ҳикоя, риояи сохтор ва истифодаи усулҳои гуногуни пайвастани ҷумла ва қисмҳои баён ба мадди аввал меистад. Технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ҳамчун воситаи муосир истифода мешаванд.

Ба шарофати барномаҳои махсуси компютерӣ протсеси ба мактаб тайёр кардани кудак ва пурра кардани барномаи таълимии синфи якум хеле тезонида мешавад. Намунаи чунин компютери бачагона «Ҳамадон» мебошад. Ба шарофати вай на танҳо забони русӣ, балки алифбои англисиро низ азхуд мекунад, инчунин оддитарин усулҳои ҳисобро азхуд мекунад.

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар таълим имкон медиҳад, ки раванди таълим дар муассисаҳои таълимии томактабӣ хеле ғанӣ, сифатан нав карда шавад ва самаранокии он баланд гардад.

Ба гуфтаи Т.В. Калинина ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ нисбат ба воситаҳои анъанавии таълим бартариҳо дорад:
ТИК имкон медиҳад, ки истифодаи воситаҳои электронии таълим васеъ карда шавад, зеро онҳо иттилоотро зудтар интиқол медиҳанд;

Слайдҳо ва клипҳои видеоӣ имкон медиҳанд, ки он лаҳзаҳоро аз ҷаҳони беруна нишон диҳед, ки мушоҳидаашон душвор аст: масалан, афзоиши гул, гардиши сайёраҳо дар атрофи Офтоб, ҳаракати мавҷҳо, борон меборад;

Шумо инчунин метавонед вазъиятҳои ҳаётиро, ки дар ҳаёти ҳаррӯза нишон додан ва дидан ғайриимкон ё душвор аст, тақлид кунед (масалан, такрори садоҳои табиат; кори нақлиёт ва ғ.);

Тавре ки дар боло қайд карда шуд, барои ташкили дарсҳо бояд ҳадди ақали таҷҳизот боашд: компютер, проектор, баландгӯякҳо, экран ё синфхонаи мобилӣ. На ҳама кӯдакистонҳо имрӯз имкони ташкили чунин синфҳоро доранд.

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ба омӯзгор дар баланд бардоштани ҳавасмандии омӯзиши кӯдакон кӯмак мекунад ва боиси як қатор оқибатҳои мусбат мегардад:

- ғанӣ гардонидани кӯдакон бо дониш дар якпорчагии образнок-консептуалӣ ва ранги эмотсионалии он;
- мусоидат ба раванди омӯзиши мавод аз ҷониби кӯдакони синни томактабӣ;
- бедор кардани шавқи зиёд ба мавзӯи дониш;
- васеъ намудани уфуқҳои умумии кӯдакон;
- баланд бардоштани сатхи истифодаи ашёи аёнӣ дар синф;
- баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат.

Яке аз хусусиятҳои асосии шиносоии кӯдакон бо ҷаҳони атроф табиати мураккаб, систематикии он аст, бинобар ин, банақшагирии перспективӣ-мавзӯъӣ дар гурӯҳҳои синну соли гуногун мувофиқи мавзӯъҳои лексикӣ таҳия шудааст, ки дар онҳо мавзӯъҳои наздик ва дастрас барои кӯдакон ошкор карда мешаванд: " Оилаи ман», «Хонаи ман» », «Ҳайвоноти хонагӣ», «Паррандаҳо», «Усулҳои нақлиёт», «Касбҳо»... Дар охири ҳар як мавзӯъ бозиҳо, машқҳои бозӣ, шеърҳо, саволҳои мақсаднок мавҷуданд, ки таълими инкишофдиҳанда равона шудаанд.

Раванди шиносоии  кӯдакони синни томактабӣ бо олами атроф бояд на танҳо фаъолиятҳои бевоситаи тарбиявиро, балки кори тарбиявии мураббияҳоро бо кӯдакон дар ҳаёти ҳаррӯза дар боғча (мушоҳидаҳо дар ҳаёти ҳаррӯза, сайругаштҳо, сӯҳбатҳои ахлоқӣ, мисли инчунин тарбияи оилавӣ Ба кӯдакон имконият додан лозим аст, ки таассуроти дар фаъолияти таълимӣ гирифтаашро ҳангоми экскурсияҳо, сайругаштҳо, расмҳо ва ҳикояҳои эҷодӣ инъикос намоянд [59].

## Хулосаи боби 1.

1. Ҳамин тавр, инкишофи нутқ ташаккул додани малакаю маҳорати суханронии дақиқ, ифоданок, озодона ва бамаврид истифода бурдани воҳидҳои забонӣ, риояи қоидаҳои одоби нутқ ба шумор меравад.
2. Таълими бомуваффақияти кӯдакон дар мактаби ибтидоӣ ба сатҳи инкишофи нутқ ва тафаккури мантиқии кӯдак, қобилияти умумӣ ва ба низом даровардани дониши онҳо, ҳалли эҷодкоронаи масъалаҳои гуногун вобаста аст. Суханронии мураттаб инкишофёфта на танҳо ба кӯдак кӯмак мекунад, ки дар ҷаҳони муосири гирду атроф фаъолият кунад ва боварӣ пайдо кунад, балки ба рушди умумии равонии ӯ мусоидат мекунад.
3. Аз ин ҷост, ки талаби асосӣ нисбат ба шакли ташкили таълиму тарбия — то ҳадди имкон самарабахш гардондани машғулият оид ба ташаккули нутқи гуфтугӯӣ мебошад, то ки ба кӯдак дар ҳар як давраи синну сол донишҳои ҳадди дода аққал дода шавад.
4. Муҳимияти мавзӯъ аз он иборат аст, ки ташаккули нутқикӯдакон яке аз вазифаҳои марказии кори ташаккулдиҳанда дар фаъолияти таълимӣ мебошад. Махсусан, нутқи мураттаб нишондиҳандаи он аст, ки кӯдак то чи андоза боигарии луғавии забони модарии худро азхуд мекунад ва дараҷаи инкишофи зебоипарастӣ, ақлию эҳсосии кӯдак дар кадом сатҳ қарор дорад. Мақсади асосии ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ ташкили фазои ягонаи иттилоотии муассисаи таълимӣ, системае мебошад, ки дар он ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим дар сатҳи иттилоотӣ: маъмурият, омӯзгорон, кӯдакон ва волидони онҳо ҷалб ва пайваст карда мешаванд.

1. Барои амалӣ намудани ин кор ба кадрҳои педагогии ботаҷрибае лозим аст, ки тавонанд усулҳои анъанавии таълим ва технологияҳои муосири иттилоотиро ба ҳам омезанд.

2. Омӯзгор бояд на танҳо аз компютер ва таҷҳизоти муосири чандрасонаӣ истифода бурда тавонад, балки захираҳои таълимии худро эҷод карда, дар фаъолияти омӯзгории худ васеъ истифода барад.
3. Истифодаи технологияҳои компютерӣ дар фаъолияти пурмаҳсули кӯдакон ба азхудкунӣ ва истифодаи эҷодӣ аз ҷониби кӯдакон дар бораи ҷаҳони атроф нигаронида шудааст. Истифодаи барномаҳои компютерӣ, бозиҳо ва муарифиҳои мултимедиявӣ дар муассисаи томактабӣ имконпазир ва зарур мебошад.
4. Истифодаи онҳо дар раванди таълим рушди воситаҳои забонӣ ва нутқ, малакаҳои муоширатро таъмин намуда, равандҳои маърифатӣ - диққат, хотира, тафаккури калимагӣ-мантиқӣ, соҳаи эмотсионалӣ-иродаро ташаккул медиҳад.
5. Технологияҳои иттилоотӣ шаклу усулҳои анъанавии таълими кӯдакони синни томактабиро иваз намекунанд, балки раванди таълимро дар муассисаҳои таълимии томактабӣ тақвият бахшида, ба зинаи нав мебароранд. Истифодаи ТИИ дар муассисаҳои томактабӣ бартариҳои зиёдро фароҳам меорад.

# БОБИ 2. КОРҲОИ ОЗМОИШӢ-ТАҶРИБАВӢ ОИД БА ТАШАККУЛИ ОМОДАГИИ НУТҚИИ КӮДАКОНИ 5-7 СОЛА БА ТАҲСИЛ ДАР ЗИНАИ ИБТИДОӢ

## 2.1. Ташхиси инкишофи нутқи кӯдакони синни калони томактабӣ ва коркарди барномаи озмоишӣ-таҷрибавӣ.

Синни томактабӣ давраи фаъолона азхудкунии забони гуфторӣ, ташаккул ва инкишофи тамоми ҷанбаҳои нут: фонетикӣ, лексикӣ, грамматикӣ мебошад. Азхудкунии пурраи забони модарй дар синни томактабй шарти зарурии ҳалли масъалахои тарбияи ақлию эстетикӣ ва ахлоқии кӯдакон дар давраи ҳассоси инкишоф мебошад. Омӯзиши забони модарӣ ҳар қадар зудтар оғоз шавад, кӯдак дар оянда аз он озодтар истифода хоҳад кард.

Кӯдакони синни томактабӣ нутқро дар раванди муошират бо одамони онҳоро иҳотакунанда аз худ менамоянд. Барои ба вуҷудории нутқи кӯдакон дар кӯдакистон мураббия нақши асосиро мебозад. Аз ин хотир, дар назди мураббия чунин вазифаҳо меистад:

- ба кӯдакон омӯзонидани талаффузи дуруст ва фаҳмои овоз дар калима;
- талаффузи дурусти калима мувофиқи меъёри забони адабии ҳозираи тоҷик;
- нутқи мураттаби ифоданок.

Мураббия ба азхудкунии талаффузи дурусти ҳамаи овозҳои забони тоҷикӣ, талаффузи фаҳмои калима, омӯхтани оромона гуфтугӯ кардани кӯдакон аҳамият медиҳад.

Инкишофи луғати кӯдакон яке аз вазифаҳои муҳими инкишофи нутқ ҳисобида мешавад. Дар синни томактабӣ кӯдак бояд калимаҳоеро аз худ кунад, ки ба ӯ бо ҳамсолон ва калонсолон имконияти муошират карданро диҳад, филму намоишномаҳо ва дигар воситаҳои ахборотдиҳиро то андозае фаҳмад.

Инкишофи луғат ҳамчун раванди тӯлонии азхудкунии захираи луғавӣ мебошад. Дар синни 6 – солагӣ захираи луғати кӯдак то 3-3,5 ҳазор калимаро фаро мегирад. Минбаъд кор аз рӯи бойгардонии захираи луғавӣ давом  меёбад. Дар ин синну сол кӯдакон номи ашёи барои онҳо навро дар раванди фаъолияти ҳаррӯза бо осонӣ азбар менамоянд.

Шакли асосии фаъолияти таълимии кӯдакон машғулият мебошад. Машғулиятҳо дар шаклҳои гуногун гузаранд ҳам, мақсади онҳо ягона аст - ба мактаб тайёр намудани кӯдакон. Мавзӯъҳои шиносоӣ бо муҳити атроф, табиат, луғатомӯзӣ, маданияти нутқ, саводомӯзӣ - ин ҳама барои баланд бардоштани тарбияи фикрӣ, маънавӣ, эстетикии кӯдакон равона карда шуда, онҳоро ба мактаб тайёр менамояд. Мураббия ҳар як мавзуъро аз рӯи мазмун ва талаботи барнома ба нақша гирифта, барои он маводи мувофикро интихоб менамояд.

Дар машғулиятҳое, ки ба инкишофи луғати кӯдакон бахшида мешавад,  дар асоси дониши азхудкарда оид ба ашё, сифат ва хусусияти чизҳо муқоисаи ашё ташкил карда мешавад.

Дар ин маврид самаранок ва бомуваффақият гузаронидани машғулият  ба як қатор шароитҳои мусоид вобаста аст:

1) Интихоби ашё барои муқоиса. Онҳо бояд  микдори даркории  ашёро барои  муқоисакунӣ аз рӯи аломатҳо,  ранг, шакл, бузургӣ (калонию хурдӣ) –ро дошта бошанд;
2) Аз рӯи нақша будани муқоиса. Мураббия диққати кӯдаконро аз муқоисакунии ашё, (муайян кардани ранг, шакл, бузургӣ) мунтазам ба муқоисаи қисмҳои хурди ашё, аввал фарқият, баъд монандии онҳо равона мекунад;
3) Интихоби тарзҳои таълим. Ба тарзҳои асосии таълим дар машғулиятҳо, ки ба азхудкунии кӯдакон ёрӣ мерасонанд, ворид мешаванд:

- саволҳо ва нишондодҳои мураббия;
- паиҳамии муқоиса,

- дидани он хусусиятҳое, ки кӯдакон мушоҳида мекунанд;

- дуруст ҷавоб додан бо интихоби калимаҳои зарурӣ.

4) Таносуби фаъолияти нутқии мураббия ва кӯдакон. Фаъолияти Нутқ кардан бояд бештар ба кӯдакон гузошта шавад. Мураббия фаъолияти тафаккур ва нутқи кӯдаконро танҳо ангезиш медиҳад.

Машғулият метавонад аз қисмҳои зерин иборат бошад:

1. Суҳбати муқаддимавӣ:

- азназаргузаронии тасвирҳои бадеӣ;

- додани саволҳо оид ба муайянкунии фаҳмиши кӯдакон.

2. Хониши асарҳои бадеӣ:

- хониши ифоданок ё нақли мазмуни матн бо оҳанги махсус аз тарафи мураббия. Чунин тарзи хониш ва нақл барои муайян кардани муносибати худ ба қаҳрамонони ҳикоя ба кӯдакон ёрӣ мерасонад.

3. Суҳбат аз рӯи мазмуни матни асари хондашуда:

- саволҳои мураббия бояд мувофиқи мазмуни матн соддаю фаҳмо бошад. Суҳбат (саволу ҷавоб) азхудкунии мазмуни асари бадеиро мустаҳкам мекунад. Суҳбат бояд вақти зиёдро нагирад. 3 – 4 савол кифоя аст.

4. Аз тарафи кӯдакон нақли мазмуни асар. Кӯдакон аз уҳдаи маҳорати нақл карда тавонистан ва маҳорати аз ҷиҳати грамматикӣ дуруст тартиб дода тавонистани ҷумла баромада, мазмуни матнро алоқанок ва пайдарпай гуфта тавонанд.

Агар ҳикоя ё афсона ҳаҷман калон набошад, кӯдак метавонад мазмуни матнро пурра нақл кунад. Ва агар матни асар нисбатан калонҳаҷм бошад, кӯдакон онро қисм – қисм нақл менамоянд. Кӯдаконе, ки дар нақл кардан душворӣ мекашанд, мазмунро бо ёрии саволҳо нақл мекунанд.

Ба асосҳои назариявии таҳқиқот такя намуда, мо методикаи гузаронидани озмоиши муқарраркуниро кор карда баромадем, ки дар раванди он дараҷаи ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калон ба таълим дар зинаи ибтидоӣ муайян карда шавад. Инчунин, таҳияи

меъёрҳо ва нишондиҳандаи омодагии нутқии кӯдакон ба таҳсил дар синфи якум коркард гардиданд.

Вазифаҳои гузошташуда тавассути методҳои мушоҳида, гузаронидани суҳбат ва пурсишнома ҳалли худро ёфтанд. Бо мақсади амалан асоснок кардани хулосаҳое, ки дар рафти омузиши назариявии омодагии нутқии бачагони синни томактабӣ ба таълим дар мактаби ибтидоӣ ба даст оварда шудаанд, таҳқиқот гузаронида шуд.

Озмоишҳои муқарраркунанда дар муассисаҳои таълимии томактабии №159 ва МТМУ №71 н.Шоҳмансур, муассисаҳои таълимии томактабии №149 ва МТМУ №35-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе, МТТ №1 ва МТМУ №5-и шаҳри Ваҳдат ташкил гардид. Ба раванди таҳқиқот 80 нафар кӯдакони синни калони томактаби муассисаҳои таълимии томактабии мазкур (40 нафар гуруҳи назоратӣ, 40 нафар гуруҳи озмоишӣ дар ду марҳила) , 12 нафар мураббӣ, мушовирон ва кормандони дигари МТТ, 6 нафар омӯзгорони синфҳои ибтидоии МТМУ ва 60 нафар падару модари тарбиятгирандагон ҷалб карда шуданд.

Мақсади озмоиши санҷишӣ муайян кардани сатҳи омодагии нутқи кӯдакон ба мактаб мебошад. Барои баргузории озмоиши муқарраркунанда чунин методикаҳо муайян шуданд:

**Машқи 1. Бозии «Чӣ зиёдати аст?»** Ба кӯдак 8 корт дар ду маврид пешниҳод мегардад, ҳар яки он 4 ашёро тасвир мекунад. Се ашё ба як гурӯҳи умумӣ, чорум ба гурӯҳи дигар тааллуқ дорад. Кӯдак номи онҳоро номбар карда, ашёи зиёдатиро муайян мекунад.

Расми 7.



Дар ин маврид ба кӯдакон супориши дигар дода мешавад, ки ба таври шифоҳӣ ҷавоб медиҳанд. Аз ҳар як кӯдак хоҳиш карда мешавад, ки ба ҳар як калима аз ҷиҳати маъно калимаи муқобилро интихоб намоянд: хурд – калон, кӯтоҳ – дароз, ширин-талх ва дигар.

Бояд қайд кард, ки кор бо калима ҳамчун воҳиди забон мавриди инкишофи луғати кӯдакон муҳим ҳисобида мешавад.Истифодаи тарзҳои гуногун дар кор бо калимаҳо аз ҷиҳати маъно барои баландбардории самаранокии машқҳои луғавӣ ва такмилдиҳии нутқи грамматкикии кӯдакон мусоидат мекунад.

Натиҷаи таҳқиқот дар ҷадвали 3 оварда шудааст:

| № | Номгӯи нишондиҳандаҳо | Гуруҳи назоратӣ нафар/ % | Гуруҳи озмоишӣ нафар/ % |
|---|---|---|---|
| 1. | Сатҳи баланд | 2 /10% | 1/5% |
| 2. | Сатҳи миёна | 12/ 60% | 14 /70% |
| 3. | Сатҳи паст | 6 /30% | 5 /25% |
| | **Ҷамъ:** | **20/100%** | **20/100%** |

**Диаграммаи 1.**




**Машқи 2. Истифодаи бозии «Шакли дурусташро гуфта бидеҳ»,** ки машқи интихоби дурусти калима ва ибораҳоро дар бар мегирад. Инчунин вобаста ба мазмуни расм ҷумла тартиб диҳанд.

1. Гурба .... дарахт нишастааст.



- дар зери
- дар болои шохи
- дар назди

2. Бузичаҳо … кӯпрук истодаанд.



- дар болои
- дар зери
- назди

3. Харгӯшак .... санг хона месозад.



- аз
- бо
- дар

**Ҷадвали 4.**

| № | Номгӯи нишондиҳандаҳо | Гуруҳи назоратӣ нафар/ % | Гуруҳи Озмоишӣ нафар/ % |
|---|---|---|---|
| 1. | Сатҳи баланд | 3/15% | 3/15% |
| 2. | Сатҳи миёна | 14/ 70% | 14 /70% |
| 3. | Сатҳи паст | 3/15% | 3 /15% |
| | **Ҷамъ:** | **20/100%** | **20/100%** |

**Диаграммаи 2.**




Кор бо истифодаи пешоянду пасояндҳо, истифодаи дурусти калимаҳо аз ҷиҳати маъно аз он иборат буд, ки мо дар бораи захираи луғавӣ, ки бевосита ба инкишофи дарки кӯдак алоқаманд аст, маълумот гирифтем.

**Машқи 3. Нақл аз рӯи расм (тасвир).** Дар гурӯҳҳои омодагӣ ба мактаб, бинобар он ки фаъолияти кӯдакон меафзояд, аз рӯи расм мустақилона тартиб додани ҳикоя бобати инкишофи нутқи кӯдакон кӯмак мерасонад. Ба мураббияҳо тавсия дода мешавад, ки дар машғулиятҳо аз силсиларасмҳои мазмундор васеъ истифода баранд.

Кӯдакони ин синну солро зарур аст, ки мушоҳида намудани ҷузъиёти дар расм инъикосёфтаро омӯзанд, тасвири табиатро низ дар ҳикояи худ дохил кунанд, ба монанди:

- заминаи (фони) манзараи расм;
- манзараи табиат;

- вазъияти обу ҳаво ва монанди инҳо.

Ба кӯдак расме, ки аз чор қисм иборат аст, пешниҳод мегардад. Аз онҳо хоҳиш карда мешавад, ки дар давоми 5 дақиқа дар бораи он чизе, ки дар расм нишон дода шудааст ва чӣ рӯй дода истодааст, то ҳадди имкон муфассалтар маълумот диҳад. Сухани кӯдак дар протоколи махсус сабт карда мешавад ва сипас таҳлил карда мешавад. Дар ин протокол зуд-зуд истифода бурдани қисмҳои гуногуни нутқ, ҷумлаҳои содда ва мураккаб, истифодаи пешоянду пасоянд қайд карда мешавад, ки сатҳи инкишофи нутқи ӯро нишон медиҳад.

Расми 7.



Ба ин тариқ, дар машғулиятҳо истифодаи расм аҳамияти калон дорад, зеро зимни он нутқи равони кӯдакон инкишоф меёбад, луғати онҳо бой ва фаъол мегардад, дар кӯдакон сохти грамматикии нутқ ташаккул меёбад.

Ҷадвали 4.

| № | Номгӯи нишондиҳандаҳо | Гуруҳи назоратӣ нафар/ % | Гуруҳи озмоишӣ нафар/ % |
|---|---|---|---|
| 1. | Сатҳи баланд | - | - |
| 2. | Сатҳи миёна | 8/40% | 7 /35% |
| 3. | Сатҳи паст | 12/60% | 13 /65% |
| | **Ҷамъ:** | **20/100%** | **20/100%** |

Диаграммаи 3.




Мавриди муошират бо кӯдакон намудҳои гуногуни саволҳо мавриди истифода қарор ёфтанд. Шакл (намуди) савол  имконияти ҷавоби сифатан хуби ҳаҷман гуногунро фароҳам меорад. Барои дуруст муайян кардани сатҳи инкишофи нутқии кӯдакон мураббӣ  намудҳои гоногуни саволҳоро  истифода намояд.

Аз чунин намуди саволҳо мавриди прусиши кӯдакон истифода намудем:



1. **Саволи пӯшида.** Ин намуд савол асосан ҷавоби кӯтоҳро «Ҳа/Не» талаб мекунад. Масалан: «Ту чандсолаӣ?», «Ту ба мактаб рафтан мехоҳӣ?», «Ту то чанд ҳисоб карда метавонӣ?» ва монанди ин. Саволҳои пӯшида барои ҷавоби пурра имконият намедиҳад.
2. **Саволи кушода** ба кӯдак имконияти фикр ва таҳлил кардани ҷавобро медиҳад. Ҷавоб ба ин савол нисбат ба дигар саволҳо фаррохтар мебошад. Кӯдак имконияти баён намудани фикр ва ақидаи худро дорад. Бинобар ин саволи мазкур барои инкишофи малакаҳои муоширaт манфиатбахш ҳисобида мешавад. Масалан: «Барои чӣ ту ба мактаб мехоҳӣ?», «Дар мактаб бо чӣ кор машғул мешавӣ?»,
3. **Саволҳои тадқиқотӣ.** Ин намуд саволҳо аз кӯдак ҷавоби пурра ва аниқро талаб мекунад. Ба монанди «Барои чӣ дар зимистон ҳаво хунук ҳаст?» «Ба фикри ту барои чӣ барф об мешавад?», «Ту боз чизе илова кардан мехоҳӣ?». Вақте мураббӣ-омӯзгор чунин саволҳо медиҳад, кӯдак паиҳам фикр карданро меомӯзад.
4. **Саволҳои ёридиҳанда.** Ҷавоби ин савол мавзӯи муҳокима ҳисобида мешавад. Масалан: «Ту гуфтӣ,ки ба мактаб рафтан намехоҳӣ. Сабаб чист, барои чӣ ту ба мактаб рафтан намехоҳӣ». Мураббӣ-омӯзгор чунин саволро дода, дар кӯдакон тафаккури интиқодиро бедор менамояд ва ин имконияти пешниҳоди дурустро фароҳам меорад.
5. **Саволҳои пешбаранда:** Ҷавоб ба ин савол пешакӣ муайшуда мебошад. Ин маънои онро дорад, ки мураббӣ-омӯзгор саволро дода, ба ҷавобе, ки мехоҳад шунавад таъсир мерасонад. Масалан: «Хондану дониш гирифтан барои шахс зарур ва муҳим мебошад. Фикри ту дар ин бора чӣ гуна ҳаст?»
6. **Саволҳои самимӣ.** Чунин саволро мураббӣ-омӯзгор барои оғоз намудани суҳбат медиҳад ва саволҳо чунин буда метавонанд: «Ту хуб ҳастӣ», «Саломатиат хуб аст?» ва монанди ин.

Нутқи равон аз олами таффаккур ҷудонашаванда аст: равонии нутқ ин равонии фикр мебошад. Тавре маълум аст, ду намуди асосии нутқи шифоҳӣ маълум аст – диалогӣ (гуфтугӯи ду ё зиёда кас) ва монологӣ (гуфтугӯи худ ба худ, яъне гуфтори як одам). Ҳар яки он хусусиятҳои худро дорост.

Дар рафти озмоиш муайян гардид, ки шакли нутқи шифоҳии диалогӣ ба таври гузориши саволу ҷавоб сурат мегирад, ки он ҷавоби нопурра ва кӯтоҳро талаб мекунад. Ҷумлаи нопурра, оҳангнокии талаффузи бурро ва таъсирбахш, қиёфа ҷиҳатҳои махсуси нутқи диалогист. Барои нутқи диалогӣ бахусус маҳорати додани савол, мувофиқи он шунидани ҷавоб ва ислоҳ кардани нутқи ҳамсуҳбат зарур аст.

Нутқи шифоҳии монологӣ ин нақли муфассал, пурра ва мунтазам намебошад. Бинобар ин аз кӯдакон талаб карда мешуд, ки ба мазмун ва мукаммалии нутқи даҳонӣ эътибор диҳанд. Зеро нигоҳ доштани возеҳӣ ва табиӣ будани нутқ бисёр муҳим аст. Дар кӯдакони синни калони томактабӣ нутқи равон дар дараҷаи кофӣ набуд. Кӯдакон ба саволҳо бо ҷавобҳои кӯтоҳва нопурра посух медоданд. Дар онҳо маҳорати баҳо додан ба гуфтаҳо ва ҷавобҳои ҳамсолони худ, илова ва ислоҳ кардани нутқи якдигар инкишоф наёфта буд.

Дар баробари корҳои баргузоршуда барои инкишофи нутқи диалогию монологӣ таҳқиқи роҳу усулҳои дигари кори фаъолияти кӯдакон мавриди назар қарор ёфт.

Нақл аз рӯи бозичаҳо. Барои инкишофи нутқи кӯдакони синни томактабӣ гузаронидани машғулиятҳо аз рӯи бозичаҳо ё расми онҳо таъсири мусбӣ мерасонад. Дар гурӯҳи омодагӣ ба мактаб аз рӯи маҷмӯи бозичаҳо ҳикояи гурӯҳӣ тартиб дода шуд ва мавриди таҳлил қарор ёфт.

**Машқи 4. Нақл оид ҳодисаҳои муҳити атроф барои муайян кардан**, ки дар кӯдакони синни калони томактабӣ матни характери тасвирдоштаро нақл карда метавонанд. Методикаи машғулиятҳои

таълимӣ оид ба нақлкунӣ аз дараҷаи инкишофи нутқи равони кӯдакони гурӯҳ ва гузориши вазифаҳо аз тарафи мураббия, ҳамчунин аз хусусиятҳои матнҳои интихобшуда вобаста аст.

Истифодаи шаклҳои гуногуни кор бо калимаҳо аз ҷиҳати маъно барои баландбардории самаранокии машқҳои луғавӣ ва такмилдиҳии нутқи алоқаноки кӯдакон мусоидат мекунад.

Истифода ва шарҳ додани мазмуни калимаҳои ҳаммаъно (синонимҳо) барои тайёр намудани кӯдакон ба мактаб аҳамияти махсус дорад, зеро мавзӯи мазкур дар барномаи синфҳои ибтидоӣ дарҷ ёфтааст.

Барои кӯдакони гурӯҳи омодагӣ ба мактаб машқҳои лексикӣ дар шакли зерин дода шуд: Интихоби ибора, ҷумла ва калимаҳои синонимӣ (ҳамаъно). Дар мавзӯи «Об манбаи ҳаёт» чунин корҳо бурда шуданд.

1. Кӯдакон ҷумлаҳо мегӯянд: Аҳмад омад. Об омад. Баҳор омад. Пода омад.
2. Мураббия диққати кӯдаконро ба ҷумлаҳо ҷалб намуда мегӯяд, ки як калимаро якчанд маротиба такрор кардану шунидан дилгиркунанда аст ва иваз кардани яке аз калимаҳои онро пешниҳод менамояд. Ҷумлаи «Об омад» - ро боз чӣ хел гуфтан мумкин?
3. Кӯдакон аз рӯи мазмуни ҷумла калимаҳоро иваз мекунанд

   - Об ҷорӣ шуд.
   - Об баромад.
   - Об равон шуд.

   Бо ин роҳ кӯдакон бояд дарк намоянд, ки ҳамон як калимаи «омад» дар ҷумла дар шаклҳои гуногун ба ифодаи як маъно меоянд.

Натиҷи пурсиш дар ҷадвали зерин оварда шудааст:

Ҷадвали 5.

| № | Номгӯи нишондиҳандаҳо | Гуруҳи назоратӣ нафар/ % | Гуруҳи Озмоишӣ нафар/ % |
|---|---|---|---|
| 1. | Сатҳи баланд | 3/15% | 3/15% |
| 2. | Сатҳи миёна | 14/ 70% | 14 /70% |
| 3. | Сатҳи паст | 3/15% | 3 /15% |
| | **Ҷамъ:** | **20/100%** | **20/100%** |

Диаграммаи 4.




Бояд қайд кард, ки сермаъногии калимаҳо инкишофи нутқи кӯдаконро таъмин менамояд ва ба ташаккули сифатнокии самти луғавии кӯдакон кӯмак мерасонад.

**Машқи 5. Нақл аз таҷрибаи шахсӣ.** Бо кӯдакони 5–6 сола нақл аз таҷрибаи шахсӣ бояд мазмуни маърифатӣ доштанд. Мазмуни онҳо аз матнҳои бадеӣ интихоб намояд ва ё кӯдак мувофиқи мақсади гузошта онро эҷод мекард.

Нақл аз рӯи таҷрибаи шахсӣ, нақли матнҳои бадеӣ дар як ҳафта як маротиба ба кӯдакон гузаронида мешуд. Ин амал доимӣ гузаронида шуда, ба нақлкунӣ сараввал кӯдакони фаъол ҷалб мегардиданд. Дар ин кор волидон низ ҷалб мегардиданд.

Рӯзи нақл аз таҷрибаи шахсӣ, нақли матнҳои бадеиро бо кӯдакон, волидон, мушовир ва сардори кӯдакистон ҳафтае як маротиба гузаронида шуда, дар охири сол озмуни «Нақли беҳтарин»,

«Нақлкунандаи беҳтарин»-ро гузаронидан мумкин аст, ки инро дар қисмати озмоишҳои асосӣ ба нақша гирифтем.  Барои нақл мавзӯъҳоро пешакӣ пешниҳод намудан, маводу аёниятҳоро интихоб ва муҳокима кардан, имконият медиҳад,  шавқу завқи иштирокчиён бо ин амал зиёд гардида, иҷрои вазифаҳои тарбиявӣ самара мебахшад.

Ҷадвали 6.

| № | Номгӯи нишондиҳандаҳо | Гуруҳи назоратӣ нафар/ % | Гуруҳи Озмоишӣ нафар/ % |
|---|---|---|---|
| 1. | Сатҳи баланд | - | - |
| 2. | Сатҳи миёна | 8/ 40% | 9 /45% |
| 3. | Сатҳи паст | 12/60% | 11 /55% |
| | **Ҷамъ:** | **20/100%** | **20/100%** |

Диаграммаи 4.




**Суҳбати  фардӣ ва коллективона.**  Суҳбат дар бораи чӣ тавр гузаронидани фасли тобистон  бо нақл аз рӯи таҷрибаи шахсӣ, мушоҳидаи табиат ва дигаргуниҳои он: ҳавои гарму тафсони рӯзона, салқинии шаб, осмону софу мусаффо, оббозию дилхушиҳои  тобистона, сафар кардан ба хонаи хешовандон ба дигар шаҳру ноҳияҳо ва муносибатҳои байниҳамдигарӣ, тарзӣ одобу муошират, муомилаю муносибат бо атрофиён бахшида мешаванд.

Ба асарҳои бадеӣ ҳикоя, очеркҳои бадеӣ, масал, шеъру таронаҳо, афсонаҳо, чистону зарбулмасалҳо, тезгӯякҳо дохил мешаванд. Асари

бадеӣ ҳамчун воситаи асосии тарбияи фикрӣ, ахлоқӣ ва зебоии кӯдакон хизмат мекунад ва он ба инкишоф ва бой гардонидани нутқи кӯдак таъсири мусбат мерасонад.

Кӯдакони синни томактабӣ шунавандаанд, на хонанда. Бинобар ин, малакаҳои хониши буррою возеҳи мураббия нақши муҳимро мебозад. Ӯ бояд маҳорати хониш ва нақлкуниро, ба монанди тарзи талаффузи бурри овозҳои калима, воситаҳои оҳангнокии хониш ба монанди дуруст гузоштани задаи мантиқӣ дар калимаҳо, ист, дар ҷойҳои зарурӣ баланду паст кардани овозро дошта бошад.

Мо дар зер баъзе масъалаҳои инкишофи нутқи кӯдаконро ҳангоми шиносоӣ бо асари бадеӣ дар давраи омодагӣ ба мактаб дида баромадем.

Дар ҳар як машғулияти гурӯҳҳои тайёрӣ ба мактаб оид ба инкишофи нутқ вазифаҳои гуногун гузошта мешавад:

- пайдо кардани маҳорати равонии нутқ;

- ҳангоми ба саволҳои мураббия ҷавобгардонӣ фикри худро дуруст ва фаҳмо ифода кардан;

-маҳорати дар гуфтор истифода бурда тавонистани маънои синонимии калимаҳои забони тоҷикӣ.

Аз мушоҳидаҳои боло муайян гардид, ки баъди хониши асари бадеӣ саволҳои мураббия нақши муҳимро мебозад. Саволҳои оид ба мазмуни ҳикоя, афсона, ки мақсад аз равшан намудани маънои асосӣ ва моҳияти асар равона шудааст, мумкин аст дар шаклҳои гуногун дода шаванд: Дар ин афсона (ҳикоя) дар бораи чӣ гуфта шудааст? Аз ҳикояи шунидаатон чӣ чизи нав ва аҷиб фаҳмидед? Ту дар бораи қаҳрамонони афсона чӣ нақл карда метавонӣ? Он чӣ гуна аст? Ту ба рафтори ин ё он қаҳрамонони асар чӣ тавр баҳо медиҳӣ? Барои чӣ ту қаҳрамони асари мазкурро дӯст доштӣ? ва монанди инҳо.

**Албатта мураббия метавонад ҳамаи намуди саволҳоро мавриди истифода қарор диҳад, валекин ӯ бояд бештар саволҳои кушода, ёридиҳанда ва тадқиқотиро ба кӯдакон диҳад.**

| Ҷанбаҳои нутқ ва супориш-машқҳо | Меъёрҳои дараҷаи инкишофи нутқ | | |
|---|---|---|---|
| | Сатҳи баланд (11-15 хол) | Сатҳи миёна (6-10 хол) | Сатҳи паст (1-5 хол) |
| 1. Кор бо луғат «Чӣ зиёдатӣ аст?» (машқи 1)<br><br>2) Бозии «Шакли дурусташро гуфта бидеҳ», (Машқи 2)<br><br>3) Нақл аз рӯи расм (тасвир). (Машқи 3)<br><br>4) Нақл аз таҷрибаи шахсӣ (Машқи 4)<br><br>5)Нақли асари бадеӣ (Машқи 5) | Калимаҳоеро, ки ашё, амал, аломатро ифода мекунанд, дуруст истифода мекунад. Кӯдакон аз захираи луғавӣ васеъ истифода бурда, зуд ҷавобҳои заруриро пайдо мекунанд. Калимаҳои қисмҳои гуногуни нутқро (сифат, исм ва феъл) бо маънои умумӣ дар услуби гуфтугӯ истифода мебарад. Бе ёрии мураббия супоришхоро мустакилона ичро мекунад. Талаффузи дурусти овоз, нутқи алоқаноки паиҳамро азхуд намудаст, нақл мекунад ва тартиб медиҳад, тавсифи шифоҳиро метавонад. Ҳангоми иҷрои вазифаҳо ба кӯмаки мураббӣ кам ниёз дорад. | Калимахои ифодакунандаи ашё, амалро истифода мебарад, дар нишон додани аломатҳои ашёҳо ба хатогихо роҳ медихад. Захираи луғавӣ, нокифоя мебошад. Луғатро истифода мебарад, вале калимаҳои мувофиқро бо душворӣ пайдо мекунад. Дар нутқ исмҳоро бо калимаи умумӣ истифода мебарад, аммо онҳоро дар ҳолати дуруст интихоб карда наметавонад. Дар онхо асосан калимахои ифодакунандаи номи ашё, амал ва аломатҳоро истифода мебарад. Шакли монологии нутқ мукаммал нест, дар таҳлили овозӣ мушкилӣ мекашад ва нутқаш такмил мехоҳад. Ҳангоми иҷрои вазифаҳо онҳо ба кӯмаки мураббия ниёз доранд. | Душвор аст, ки калимаро бо предмет дуруст мутобик кардан, хусусиятхои предметхоро муайян кардан душвор аст. Хонандагон захираи лугавй суст инкишоф ёфта, калимаи дурустро бо душворй пайдо мекунанд. Дар нутки худ калимахои аз хиссахои гуногуни нуткро хеле кам истифода мебарад. Дар гурухбандии объектхо ба хатогихо рох медихад. Нутқ воситаи муошират нест, кӯдак дар худ баста аст. Мушкилоти муошират намудан дида мешавад. |

Натиҷаи пурсиш дар варақҳои махсус ба таври зерин қайд карда мешуд: «Аз ӯҳдаи супориш набаромад», «Мавзӯъ гуфта дода шуд», «Аз рӯи

пешниҳоди саволҳо нақл тартиб дода шуд», «Дар иҷрои супориш мушкилӣ мекашад».

Ба ҳар як ҷавоби дуруст ба кӯдак миқдори муайяни балл гузошта мешуд. Таҳлили миқдорӣ ва сифатии нақли кӯдакон ба мо имкон дод, ки ҷавобҳои кӯдаконро ба се дараҷа ҷудо намоем.

Диаграммаи 4.




Натиҷаи миқдории супоришҳои озмоишҳои муқарраркунандаро мо дар диаграммаи 2 ҷойгир намудем.

Диаграммаи 5.




Вазифаҳои асосии тайёр намудани кӯдакон ба таълими савод, ки дар гурӯҳҳои тайёрӣ ба мактаб дар кӯдакистонҳо омӯзонида мешавад, асосан аз сохтани ҷумлаҳои ду – се калимадор, ба калимаҳо ҷудо

кардани ҷумла, ба ҳиссаҳо ҷудо кардани калимаҳои ду – се ҳиҷодори ҳиҷоҳояшон кушода (хо – на, на – ғо - ра) ва аз ҳиҷоҳо тартиб додани калима иборат аст. Ҳамчунин кӯдаконро ба таҳлили овозии калима бо истифода аз модели калима (варақчаҳои хоначадор) шинос менамоем. Дар машқҳои амалӣ тасаввуроти кӯдакон оид ба ҷумла, калима, ҳиҷо, овозҳои нутқ мустаҳкам гардида, аммо таърифи назариявӣ ва забонӣ дода намешавад.

### 1. Шиносоӣ бо ҷумла

Барои кӯдаконро бо мафҳуми ҷумла шинос кунонидан машқҳои аз нутқ ҷудо кардани ҷумла гузаронида мешаванд.

Барои ин аз ҳикояҳои хурди иборат аз 2 – 3 ҷумла истифода бурдан бамаврид аст. Мураббия ҳикояро аз рӯи расмҳои мазмундор тартиб медиҳад.

Дар гурӯҳҳои омодагӣ ба мактаб бо кӯдакон кор бо ҷумла ва калимаҳои таркиби он иҷро карда мешавад. Дар натиҷа, кӯдакон иборат будани нутқи мо аз ҷумла ва ҷумла аз калимаҳоро мефаҳманд. Кӯдакон бо калима ва овозҳои нутқ ҳанӯз пештар дар гурӯҳҳои миёна шинос шуда буданд. Дар гурӯҳҳои калон ва омодагӣ ба мактаб бошад, ҳангоми машғулиятҳои саводомӯзӣ оид ба калимаю ҳиҷо бештар машқҳо ва бозиҳои дидактикии таълимӣ гузаронида мешаванд.

Мураббия ба кӯдакон супоришҳое медиҳад, ки онҳо аз ӯҳдаи иҷрои он бароянд:

- «Ягон калима гӯед. Ту кадом калимаро медонӣ? Ман як калима мегӯям, ту дар ҷавоб дигар калима гӯй» ва монанди инҳо. Ин гуна машқҳо ба он мусоидат мекунад, ки томактабиён оид ба мафҳуми калима маълумоти ибтидоӣ мегиранд. Зимнан, ин кори мураббияро дар гузаронидани машқҳои луғатомӯзӣ осон мегардонад, ба шиносоии томактабиён бо нутқ ҳамчун ҳақиқати забон, бо калима ҳамчун асоси воҳиди нутқ имконият медиҳад.

## Супориши 1.

Ба кӯдакон фаҳмонида мешавад, ки калима маъно дорад ва ин ё он ашё, воқеа, амалиёт, сифатро ифода мекунад.

Мураббия мегӯяд: - Ман ҳозир як калима талаффуз мекунам, шумо маънои онро гӯед. Гӯш кунед: сагча. Ин калима чиро мефаҳмонад?

Кӯдакон тахминан чунин ҷавоб медиҳанд: «Ин бозича аст»; «Сагча аккос мезанад»; «Кӯдакон бо сагча бозӣ мекунанд»; «Сагча чор по дорад» ва монанди инҳо. Муҳимаш он аст, ки кӯдакон маънои калимаро мефаҳманд ё не?

Мураббия қайд мекунад: - Шумо маънои калимаи «сагча»- ро хуб фаҳмидед, акнун донистед, ки калима маъно дорад. Баъд аз он барои муқоиса ӯ ягон хел ҳамоҳангии садоҳоро, ки калимаро ташкил намедиҳанд, талаффуз мекунад (хо, шо, ла) ва аз кӯдакон мепурсад: Инҳо маъно доранд? Кӯдакон баъди ҷавоб шарҳ медиҳанд.

Дар давраи омодагӣ ба мактаб кӯдакон бояд бо мафҳумҳои ҷумла ва калима сарфаҳм рафта, аз рӯи аломатҳои шартӣ (нақша) калимаро аз ҷумла фарқ карда тавонанд.

## Супориши 2.

Барои муайян кардани фарқи калима аз ҷумла ва пайиҳамоии калимаҳо дар ҷумла мураббия метавонад аз машқ – бозии зерин истифода шуд.

Мураббия: - Ман як қатор калимаҳо талаффуз мекунам. Шумо, кӯдакон, муайян кунед, ки онҳо ҷумлаанд, ё не. Гӯш кунед: Офтоб, пошид, нур. Ман ҷумла гуфтам? Шакли дурусташ чӣ хел мешавад?

Барои он ки ҷумла ҳосил шавад, калимаҳоро пайиҳам дуруст талаффуз кардан лозим аст: **Офтоб нур пошид.**

Хулоса ба кӯдакон омӯзонидан лозим аст, ки ҷумла аз калимаҳо иборат аст. Дар ҷумла ҳар як калима ҷои худро дорад. Калимаҳо дар ҷумла пайиҳам омада, аз ҳамдигар ҷудо ҷойгир мешаванд. Ин усули

кор дар давраи тоалифбо дар мактаб ҳам мавқеи асосиро ишғол мекунанд.

Дар кори таҳқиқии минбаъдаи худ ба нақша гиифтем, ки кӯдакон аз ҷумла ҷудо кардани калимаҳо ва бо калимаҳои додашуда сохтани ҷумлаҳоро мустақилона аз худ кунанд ва иҷро намоянд.

Ҷиҳати муайян намудани дараҷаи инкишофи нутқи шифоҳии муколамавии кӯдакон ба таври гузориши саволу ҷавоб чунин сӯҳбат гузаронида шуд.

1. Мамлакати мо чӣ ном дорад?
2. Шаҳре, ки шумо дар он зиндагӣ мекунед, чӣ ном дорад?
3. Шаҳри Душанбе чанд сол дорад?
4. Кадом кӯчаҳои асосии пойтахти кишварро медонед?
5. Кучае, ки шумо истиқомат мекунед, чӣ ном дорад?
6. Чаро кӯчаи шуморо чунин ном гузоштаанд?
7. Кадом қаҳрамонҳои халқи тоҷикро мешиносед, ки ватани моро шуҳратманд кардаанд?
8. Шумо инро аз куҷо медонед? Дар ин бора ба шумо кӣ нақл намуд?
9. Дар бораи пойтахти ҷумҳурӣ – шаҳри Душанбе боз чиро донистан мехоҳед?

| Микдори хатогиҳо | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Намуди хатогихо | | Тарзи дурусти чумласозӣ | Такрори калимаҳо дар дохили матни на он | Якрангии синтаксисӣ | Истифодаи воситаҳои бадеият | Паихамии нодуурсти калимаҳо | Истифодаи нодурусти ҷонишинҳо | Исифодаи ноудурсти замонҳои феъл |
| Гурӯҳи назоратӣ | То озмоиш | 24% | 65% | 81% | 72% | 65% | 58% | 62% |
| Гурӯҳи озмоишӣ | То озмоиш | 32% | 70% | 79% | 75% | 71% | 65% | 68% |

Диаграммаи 6.



Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки ташаккули маҳорату малакаи нутқи кӯдакон, интихоби калимаҳо, азхудкунии унсурҳои калимасозӣ ва калимабандӣ, инкишофи ҳисси шунавоии фонетикӣ, истифодаи воситаҳои бадеият ва ба ин монанд масъалаҳо дар сатҳи ҷавобгӯ намебошанд. Мутаассифона, таҳлили маҷмӯи усулҳои методӣ, ки имрӯз дар раванди инкишофи нутқ бо мақсади инкишофи нутқи пурмазмун ва бою ғанӣ дар шароити кунунии кӯдакистонҳо истифода мегарданд, агар, аз як тараф, дигаргунсозии куллиро дар нутқи шифоҳии кӯдакон ба вуҷуд наоранд, аз тарафи дигар, наметавонанд самарнокии инкишофи нутқро дар зинаи омодагӣ ба таҳсил таъмин намоянд.

Ба андешаи мо, ин ҳолат аз он сабаб рух медиҳад, ки методикаи амалкунанда равиши инкишофи нутқи томактабиён таҳлилу баррасии навро талаб мекунад. Методика бо мақсади пайдоиш ва инкишофи нутқи монологӣ заминаҳои боэътимоди методӣ тавсия накарда, дар раванди корбарӣ дар сохтори нутқи муколама барои пайдоиши нутқи монологӣ замина намегузорад. Ҳамчунин, дар раванди инкишофдиҳии нутқи шифоҳӣ аз воситаҳои иртиботӣ-иттилоотӣ самаранок истифода бурда намешавад.

Тавре дар зербоби дуюми боби якум иброз таҳкиқ намудем, масъалаи инкишофи инкишофи нутқи кӯдакон дар синни калони томактабӣ бо истифодаи воситаҳои инноватсионии педагогӣ мавриди ташкили раванди таълим босамар хоҳад буд.

Имрӯз дар баробари воситаҳои анъанавӣ технологияҳои нави иттилоотӣ-иртиботӣ афзалиятнок буда, ҳамчун воситаи ташаккул ва фаъолгардонии нутқи кӯдакон дар раванди таълим баромад мекунанд.

Мутобиқи мақсади тадқиқот ва санҷиши фарзия кор оид ба ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ба нақша гирифта шуд. Муайян ва санҷидани шароити педагогии истифодаи технологияҳои

иттилоотӣ дар машғулиятҳои таълимӣ ва берун аз раванди таълим аз ҷониби мураббия мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода шуд.

Вобаста ба масъалаи гузошташуда миёни мураббиён назарпурсии иҷтимоӣ гузаронида шуд. Дар ин назарпурсӣ 12 нафар мураббии муассисаҳои таълимии томактабии пойгоҳӣ иштирок намуда, доир ба истифодабарии технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баргузории машғулиятҳои таълимӣ ба ибрози ақида намуданд.

Диаграммаи 7.




Ҷадвали 9. Натиҷаи назарпурсӣ бо мутахассисон оиди истифодаи ТИИ дар раванди таълим ва тарбияи кӯдакон

Тибқи назарпурсӣ муайян гардид, ки қисмати зиёди онҳо дар раванди таълим ва берну аз он, дар вақти истифроҳати кӯдакон аз воситаҳои ахборотӣ-иттилоотӣ “телевизион ва DVD” (92%) истифода менамоянд. Аз ҳама бештар, 95% бо телефонҳои мобилӣ сару кор дошта, танҳо ҳамчун воситаи алоқа истифода менамоянд. ҳамагӣ 62% аз компютер ва проектор, ки дар бештари муассисаҳои таълимии томактабӣ дастрас аст, истифода менамоянд, ки ин нишондиҳанда ба талаботи истифодаи ТИИ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ҷавобгӯ намебошад.

Тавре ки қайд намудем, истифодаи технологияҳои ахборотӣ-иттилоотӣ ба кӯдакони синни томактабӣ имкон медиҳанд, ки на танҳо барои аз худ кардани донишҳо балки дар ин маврид бой гардонидани луғат, нутқи аз ҷиҳати грамматикӣ дуруст, қобилияти зеҳнӣ ва эҷодӣ, ки дар ин синну сол хеле муҳим аст, инкишоф дода шаванд.

Инкишоф додани шавқ ва ҳавасмандии кӯдакон барои гирифтани дониш дар бораи ҷаҳони атроф танҳо дар асоси интихоби барномаҳои компютерӣ, бозиҳо, презентатсияҳо, филмҳо, ки ба густариши тасаввуроти кӯдакон дар бораи ҷаҳони атроф мусоидат мекунанд, ташаккул дода мешаванд.

Ҳарчанд бо мақсади инкишоф додани нутқи гуфтугӯии кӯдакон корҳои зиёди методӣ ба субут мерасанд, вале таҷрибаю мушоҳидаҳо, аз як тараф ва сатҳи инкишофи нутқи кӯдакон, аз тарафи дигар, собит мекунанд, ки тибқи методикаи амалкунандаи таълими забон ва инкишофи нутқ пешравии назарраси сифати дар нутқи томактабиён суст буда, сатҳи инкишофи нутқи кӯдакон ба талаботи барнома ҷавобгӯ нест.

Танҳо коркарди Барномаи махсуси таълим оид ба инкишофи нутқи гуфтугӯии кӯдакон бо истифода аз воситаҳои иттилоотӣ-иртиботӣ метавонад кафолати босамари инкишофи нутқи кӯдакони томактабӣ гардад ва маҳз ҳамин амал метавонад барои ошкор сохтани қобилияти нутқие, ки дар табиати кӯдак нуҳуфта аст, ёрӣ расонад.

## 2.2. ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ ПЕДАГОГИИ ТАТБИҚИ БАРНОМАИ ОЗМОИШӢ-ПЕДАГОГӢ БО ИСТИФОДА АЗ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ПЕДАГОГӢ

Дар ҳамкорӣ бо Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ барномаи озмоишӣ таҳия ва мувофиқа гардид, ки тибқи он бо кӯдакони гурӯҳи таҷрибавӣ оид ба ташаккули нутқи кӯдакон ҳангоми шиносоӣ бо олами атроф машғулиятҳои таълимӣ оид ба мақсади таҳқиқот гузаронида шуданд. Мундариҷа, роҳҳо, усулҳо ва шаклҳои ташкили ҳаёти кӯдакон мувофиқи ҳадафҳои тарбияи ахлоқие, ки барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ "Рангинкамон" муайян кардааст интихоб шуданд.

Воситаҳои таълимӣ барои кӯмак ба мураббиёни муассисаҳои томактабӣ аз ҷониби М.Лутфуллоев, Л.Иматова «Лафзи Ширин» ва маҷмӯаи тестҳо оид ба роҳҳои тайёр кардани кӯдак ба мактаб аз ҷониби ходимони илмии шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва синфҳои ибтидоии Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ омода шудааст, мавриди истифода қарор ёфт. Ҳангоми гузаронидани тадқиқот дар ин самт дастури методии Б.Маҷидова, Н.Мирхонова «Ман, мо ва дигарон» омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтем. Аз ин дастур чунин чорабиниҳо интихоб карда шуданд, ки маҷмӯи фаъолиятҳоро дар бар мегирифтанд: машғулиятҳо, суҳбатҳо, мушоҳидаҳо, ҷашнҳои мардумӣ, дилхушиҳо, бозиҳои мардумӣ ва ғайра.

Имрӯз таҳсилоти муосирро бе истифодаи технологияҳои иттилоотӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ба ҳама маълум аст, ки технологияҳои компютерӣ дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти инсонӣ ҷорӣ шуда истодаанд, ки маориф низ истисно нест [14, с.43].

Дар муассисаҳои таълимии томактабӣ дар асоси баҳисобгирии хусусиятҳои синнусолии кӯдакон технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ - компютер, тахтаи электронӣ, телефони мобилӣ, проектор, аксгиранда (сканер), чопгар (принтер), компютерҳои кӯдаконаи "Ҳамадон"

мавриди истифода қарор ёфтаанд, ки барои ташаккул ва бою ғанӣ гардидани нутқ, ташаккули сохти грамматикӣ ва мураттабии нутқи кӯдакон дар зинаҳои таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоӣ мусоидат мекунанд.

Дар ин қисмати озмоиш мо иҷрои чунин вазифаҳоро дар назди худ муайян намудем:

- Ба ғанӣ гардонидани луғати кӯдак дар ҷараёни шиносоии кӯдакон бо муҳити атроф, бо ашёҳо, хусусият ва сифати онҳо кор бурдан;
- Аҳамияти муҳим доштани кор бо калима ҳамчун воҳиди забон ва дар навбати аввал бо сермаъногии он диққат додан;
- бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ ташаккул додани қобилияти дарки масъалаҳои фонетикӣ, лексикӣ-грамматикӣ, ки дар азхудкунии забон, овозу калимасозӣ ва тартиб додани ибораю ҷумлаҳо нақши аввалиндараҷаро мебозад.
- бо мақсади муайян ҳамон маводеро, ки дар аз худ кардани он кӯдакон ба душворӣ рӯ ба рӯ мешаванд, интихоб намуда, бо ёрии технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ маҳорату малакаи нутқии онҳоро ташаккул додан;
- ба ифоданокии нутқи кӯдакон эътибор додан. Ба кӯдакон одоби сухан гуфтанро (тарзи гуфтугӯ, на баланд, на паст, бо овози форам, гуё, пурра, ифоданок, саросема нашуда, самимӣ гап задан) омӯзонидан.

Барномаи корӣ ба ҳалли масъалаҳои зерин нигаронида шудааст:

- Ташаккули ҳавасмандӣ ба фаъолияти таълимӣ, ки ба фаъолгардонии равандҳои маърифатӣ нигаронида шудааст;
- Инкишофи дарк ва муаррифии кӯдакон тавассути ҷамъоварӣ ва васеъ кардани захираи луғат;
- Афзоиши диққат ва хотира;

- Ташаккули паҳлӯи синтаксисии нутқ, аз худ намудани сохторҳои гуногуни синтаксисӣ;
- Бо ёрии бозиҳои дидактикӣ инкишоф додани нутқи мураттаб, фаъолона истифода бурдани дониш ва малакаҳои дар машғулият гирифташуда.

Ҳангоми таҳияи барнома принсипҳои дидактикии зерин ба роҳбарӣ гирифта шуд:

- принсипи дастрасӣ ва муттасилӣ (мураттабсозии раванди таълимро аз содда ба мураккаб дар бар мегирад);
- принсипи илмӣ (курс бояд ба дастовардҳои илмии муосир – технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ асос ёбад);
- бо назардошти хусусиятҳои синну соли кӯдакон (мазмун ва методологияи кор ба кӯдакони синни томактабии калон нигаронида шудааст);
- принсипи аёният (ба таври васеъ истифода бурдани воситаҳои аёнӣ ва дидактикӣ, воситаҳои техникии таълим, ки раванди таълимро самараноктар мегардонанд, пешниҳод менамояд);

Машғулиятҳо аз рӯи ин намуд (бозиҳои гуногун) дар як сол чор маротиба гузаронида мешаванд. Дигар намудҳои машгулиятҳо оид ба таълими нутқи мураттаб (навиштани муаммохо, тартиб додани хикояхои эҷодӣ) мувофики банақшагирии перспективӣ гузаронда мешаванд.

Давомнокии машғулиятҳо 25—30 дақиқа буда, барнома барои як соли хониш пешбинӣ шуда буд.

Машғулиятҳо аз якчанд қисм иборатанд, ки бо як мавзӯъ мутаҳҳид мешаванд. Дар ҳар як машғулият кӯдакон намудҳои гуногуни фаъолиятро иҷро мекунанд. Мураккабии кор дар давоми сол тадричан меафзояд. Сохтори ҳар як машғулият танаффуси 1-3 дақиқаро барои рафъи фишори равонӣ ва ҷисмонӣ дар бар мегирад. Ин метавонад як машқи динамикӣ бо ҳамроҳии нутқ ё гимнастикаи «ангушт», машқҳои

чашм ё машқҳои истироҳат бошад, ки дар охири ҳар як машғулият ҷамъбаст карда мешавад.

Истифодаи комплексии хамаи усул, метод ва шаклҳои таълим ба ҳалли яке аз вазифаҳои асосӣ —омодагии нутқии кӯдакони синни томактабӣ амалӣ намуда, онҳоро ба дараҷае бароранд, ки таҳсили бомуваффакиятро дар мактаби ибтидоӣ таъмин намоянд.

Раванди кор оиди самтҳо бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ бо мақсади бой гардонидани захираи луғавӣ, ташаккули сохти грамматикӣ ва мураттаби кӯдакони 5—6-сола дар раванди шинос шудан бо олами атроф дохил карда шудааст. Барномаи озмоишии “Ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ”таҳия карда шуд, ки дар давоми 20 ҳафта , моҳҳои сентябр-май мавриди истифода қарор ёфт. Барномаи мазкур аз 24 машғулият, бозиҳои дидактикӣ, машқҳои таълимӣ, саёҳат, сайру гашт, мушоҳида ва хониши адабиёти бадеӣ иборат аст.

Мазмуни барнома

(нақшагирии мавзӯӣ)

| Сентябр | Намуди фаъолият | Мақсад |
|---|---|---|
| | **«Тоҷикистон - Ватанам** | Васеъ кардани дониши кӯдакон оид ба ибораи «Диёри азизам- Тоҷикистон». Шарҳи оддии ибораи «Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад». Нақли тағйиротҳои калони бавуҷудомада ба шарофати истиқлолияти давлатии Тоҷикистон. Забони давлати забони тоҷикӣ буда, Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил соҳиби Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ мебошад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад |
| | **Рамзҳои давлати Тоҷикистон Суруди миллӣ, Парчам ва Нишон** | Ташаккулдиҳии тасаввуротҳои кӯдакон оид ба рамзҳои давлатӣ, шинохта тавонистан ва фарқ кардани онҳо, шарҳ додани маънои рамзии рангҳо, тасвирҳо, муаллифи матн ва оҳанги Суруди миллӣ, тарбия намудани меҳру муҳаббат ба Ватан, ифтихори миллӣ |
| | **Бозии дидактикии «Аввал чӣ, баъд чӣ?»** | Тафаккури мантиқӣ, нутқи ҳамоҳанг, дарки визуалӣ, омӯзиши хотираро инкишоф диҳед, пай дар пай ҷойгир кардани расмҳоро ёд додан |
| | **Душанбе** | Мустаҳкам намудани тасаввуроти кӯдакон оид ба |

| | | |
|---|---|---|
| | **пойтахти Тоҷикистон** | ш. Душанбе. Парвариш намудани мехру маҳаббат ба пойтахти кишвар. Ба нутқи кӯдакон ворид намудани калима ва ибораҳои нав |
| Октябр | **Лафзи нарми ширину маданиро омӯзем** | Ба кӯдакон талқин намудани гуфтор ва муошрати маданӣ. Фаҳмонидани мазмуни мақоли «аввал андеша ва он гоҳ гуфтор». Фаҳмонидани возеҳи оқибати бадгуфторӣ, дурӯғгӯӣ ва дашном, таҳқир исноди шахси дигар |
| | **Бозии дидактикии "Поезди мантиқӣ"** | Муқаррар кардани робитаи байни ашё, қобилияти шарҳ додан, исбот кардан, инкишоф додани хотира, тасаввурот, нуткро омухтан |
| | **Харитаи Тоҷикистон** | Шинос намудани кӯдакон бо харитаи табиии Тоҷикистон ва номбар кардани кишварҳои ҳамсарҳад- Ӯзбекистон, Афғонистон, Хитой, Қирғизистон. Инкишоф додани огоҳии шунавоии фонематикӣ: фарқияти садонокҳо ва ҳамсадоҳо. Инкишоф додани шунавоии фонематикӣ: фарқияти садонокҳо ва ҳамсадоҳо.Ташаккули тафаккури мантиқӣ, қобилияти сохтани изҳороти мувофиқ ба монанди мулоҳиза ва истифодаи воситаҳои гуногуни пайваст кардани қисмҳои ҷумла. Маҳорати баён кардани андешаи шахсии худро инкишоф додан |
| | **Кор оид ба эҷод кардани чистонҳо** | Муайян кардани ҷузъиёти як объект,<br>инкишоф додани диққат |
| **Ноябр** | **Пагоҳ иди Конститутсия** | Ба кӯдакон дар бораи иди дар пеш истода, яъне 6 – ноябр – рӯзи Конститутсияи (Сарқонун) Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот додан, кӯдаконро бо Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон Инкишоф додани нутқи аз ҷиҳати грамматикӣ дуруст, омӯхтани истифодаи калимаҳои танҳо ва ҷамъ дар нутқ, сохтани калимаҳои нав бо истифода аз суффиксҳо |
| | **Бозии дидактикии "Фикр кун - Фаҳмон"** | Ташаккули тафаккури мантиқӣ ва нутқи мураттаб, қобилияти умумӣ ва исбот кардан. |
| | **Бозии дидактики «Хонача»** | Ташаккули тафаккури таҳлилӣ, қобилияти муайян кардани хусусиятҳои умумӣ тавассути муқоиса |
| **Декабр** | **Тирамоҳи заррин** | Мустаҳкам намудани донишҳои кӯдакон оид ба хусусиятҳои фасли тирамоҳ, васеъ намудани тасаввуротҳо оид ба фаъолияти меҳнатии одамон. |
| | **Мушоҳидаи ҳодисаҳои иҷтимоӣ** | Ташаккулдиҳии фаҳмиш ва ақидаҳои кӯдакон оид ба ҳодисаҳои иҷтимоӣ, фаҳмонда додани мавқеи ҳар як фард,<br>2. Дар кӯдакон ташаккул додани қобилияти сохтани ҷумлаҳои мураккаб, истифодаи калимаҳои антонимӣ дар нутқ ва сохтани калимаҳои нав бо истифода аз суффиксҳо. |
| | **Манзили зисти мо (машғулият – саёҳат)** | Васеъ ва мустаҳкам намудани тасаввуротҳои кӯдакон оид ба макони зист: оила, кӯдакистон, кӯча, маҳалла, деҳа, ноҳия, шаҳр: тарбия намудани меҳру муҳаббат ба манзили зист ва ҳисси ифтихору қаноатмандӣ аз он, тоза, озода нигоҳ доштани макони зист. абзаи Нақшаи тахминии гузаронидани машғулият – саёҳат. |

| | | |
|---|---|---|
| | **Бозии омӯзишӣ «Ба кӣ чӣ лозим»** | Ба кӯдакон таълим диҳед, ки байни ашёҳои дар расм тасвиршуда робита барқарор кунанд.<br>Ҷустуҷӯи ашёҳоеро омухтан, ки аз рӯи ҷойгиршавии ҳамдигар бо ҳам алоқамандант, пайдо кардани ашёҳои "дӯстона" нестанд. |
| **Январ** | **Нақл аз таҷрибаи шахсӣ оид ба ҷамъоварии ҳосили пахта** | Мустаҳкам ва васеъ намудани тасаввуротҳои кӯдакон оид ба боигариии кишвар - пахта, тарзи кишт, нигоҳубин ва ҳосилгундорӣ, тарбия намудани эҳтиром нисбати меҳнати пахта. |
| | Бозии дидактикии «Навозиши афсона» | Тахайюлотро ғанӣ мегардонад, ба рушди фаъолияти эҷодӣ, тафаккури кӯдакон, нутқ мусоидат мекунад. |
| | **Табиби ман-ҳабиби ман** | Шинос намудани кӯдакон ба меҳнати табиб, духтур (ҳамшираи шафқат), ва амалҳои меҳнатии вай, ашё, олотҳое, ки духтур истифода мебарад.<br>Ба кӯдакон омӯзонидани калимаҳое, ки маънои умумӣ доранд ва онҳоро дуруст мувофиқсозанд байни худ, тасаввуротро инкишоф диҳанд |
| | **Зимистони паррандаҳо** | Мукаммал гардонидани тасаввуротҳо оид ба зимистонгузаронии паррандаҳо. Шарҳ додани робитаҳои сабабу оқибати хусусияти мураккабро, ки ҳангоми таъсири мутақобилаи ду объект ба вуҷуд меоянд, омӯзонидан. |
| Феврал | **Ташкили як силсила расмҳои сюжетӣ аз рӯи афсонаҳо бо кӯдакон, таҳияи албоми «Афсона таълим медиҳад ва тарбия мекунад»** | Ташаккул додани қобилияти ҳис кардани сюжети афсона, мустақилона интихоб кардани тасвирҳо, ба кӯдакони хурдсол афсона нақл кардан. |
| | **Машғулият оид ба инкишофи нутқ «Бо роҳҳои шаҳр»** | Шинос шудан бо ҷойҳои таърихии шахр;<br>Қобилияти муайян кардани шумораи ҳиҷоҳоро дар калимаҳо инкишоф диҳед<br>- тавассути супоришҳои бозӣ фаъол намудани фаъолияти равонии кӯдакон;<br>- тафаккури мантиқӣ, нутқ, хотира;<br>- инкишоф додани малакаҳои хуби моторӣ;<br>- инкишоф додани нутқи кӯдакон:<br>- инкишоф додани қобилияти сохтани ҷумлаҳо, ноил шудан ба талаффузи возеҳи калимаҳо |
| | **Шаҳри ман** | Мустаҳкам ва васеъ намудани тасаввуротҳои кӯдакон доир ба номи шаҳр (деҳа), ки дар он ба дунё омадаанд ва зиндагӣ доранд, додани маълумотҳо доир ба ҷойҳои тамошобоби он. Дар бораи одамони шуҳратёр, меҳнатдӯст, боигариҳо шаҳр (деҳа) маълумот дода тарбия намудани шавқу рағбат, меҳру муҳаббат ба диёри азиз, ҳисси ифтихор ва ватандӯстӣ дар кӯдакон. |
| | **Муҳофизи ватан** | Шинос кардани кӯдакон бо қувваҳои мусаллаҳ ва |

| | | |
|---|---|---|
| | | Ҳимояи «Ҷумҳурии Тоҷикистон- қарзи конститутсионии ҳар як фарди Тоҷикистон. Қироати шеърҳо дар васфи Ватан. Ба кӯдакон иттилоъ додан оид ба 23-феврал рӯзи таъсисёбии Артиши миллӣ, гузаронидани бозиҳои варзишӣ. |
| | **Бозии импровизатсияи "Тасвирҳои сеҳрнок"** | Тахайюлот ва тафаккурро тавассути дарёфти тасвирҳо дар хатҳои кашидаи худи кӯдакон (бо чашмони пӯшида кашидан) инкишоф додан. |
| Март | **Машғулияти ҳамгирошуда оид ба инкишофи нутқ + сохтмони "Гаштугузори баҳорӣ"** | Инкишоф додани нутқи ҳамоҳангии кӯдакон, малакаҳои хуби моторӣ, бой кардани захираи луғавии кӯдакон, ташаккули хотира ва мустақилият |
| | **Машғулият оид ба шиносоӣ муҳити иҷтимоӣ "Сафар ба сарзамини аломатҳои роҳ"** | Мусоидат ба рушди нутқи мураттаб, ғанӣ ва фаъол кардани захираи луғат, васеъ ва умумӣ кардани дониши кӯдакон дар бораи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ |
| | **Ҳуқуқ ва вазифаҳои ман** | Ба кӯдакон фаҳмонидани ҳуқуқ ва вазифаҳояшон. Шарҳи мафҳумҳои инсон, ҳуқуқ, вазифа, одоб, ахлоқ ва меъёр. Тарбия намудани ҳисси эҳтироми ҳамсолон ва калонсолон, муҳаббат ба ватан. Ба инкишофи нутки мураттаб мусоидат мекунад. |
| | **Бозӣ- машғулият «Ба лӯхтакҳо афсона мегӯем» (машғулияти ҷамъбастӣ)** | Такмил додани нутқи мураттаб, пайдар ҳам нақл карда тавонистани афсона, тарбия намудани маҳорати нутқронӣ, тарбия намудани ҳисси ғамхорӣ нисбати хурдсолон ва эҳтироми забони модарӣ. |
| | **Бозии маърифатии «Оё Шумо медонед?»** | Ташаккули тафаккури мантиқӣ, қобилияти сохтани изҳороти мувофиқ ба монанди мулоҳиза ва истифодаи воситаҳои гуногуни пайваст кардани қисмҳои ҷумла.<br>Маҳорати баён кардани андешаи шахсии худро инкишоф диҳед.<br>Муносибати дӯстона нисбат ба якдигар тарбия кунед.<br>Ташаккул додани малакаҳои муошират. |
| Апрел | **Машғулияти инкишофи нутқ "Номаи сеҳргар"** | Мустаҳкам кардани қобилияти интихоби таърифҳо барои калимаи додашуда; аз исм сифатхои сохиби (маънои мансубият) ва сифатхо ташкил мекунанд.<br>Қобилияти аз қисмҳо сохтан пурра кардан, калимаҳоеро пайдо кунед, ки ба ҳам монанданд.<br>Инкишоф додани огоҳии шунавоии фонематикӣ: фарқияти садонокҳо ва ҳамсадоҳо. |

| | | |
|---|---|---|
| | **Хуб чисту – бад чист?** | Фаҳмондани мафҳуми рафтори хубу бад. Тарбия кардани рафтори маданӣ. Омӯзонидани гуфтору рафтору кирдори нек. Дар нутк аз чумлаи навъхои гуногунро истифода намудан. |
| | **Саёҳат ба кӯчаю хиёбонҳо** | Маҳорати интихоби сарлавҳа барои ҳикоя аз рӯи расмҳое, ки маънои онҳоро инъикос мекунанд, бо истифода аз зарбулмасалу мақолҳо машқ кунед. |
| | **Шиносой бо сеҳргар «Зиёд-камшавӣ», «Баръакс», «Эҳё»** | Ба кӯдакон омӯзонидани мундаричаи як қатор расмҳои сужетиро бо истифода аз усулҳо ба афсона додан ва ҳикояҳои дорои хусусияти афсонавӣ эҷод кардан |
| Май | **Бозиҳои дидактикӣ аз силсилаи «Калима - тасвир», «Дар бораи... ҳикоя созед», «Биёед онро якҷоя созем», «Аз рӯи расм муаммо офаред.** | Барои тасвири муайян дуруст интихоб кардани калимаҳо, инкишофи тасаввурот, эҳсосоти мусбӣ ва ба таҳкими муносибатҳои иртиботии байни кӯдакон кӯмак расонидан |
| | **Дар бораи ватани худ кӣ чӣ медонад?** | Мустаҳкам ва амиқ сохтани тасаввуротҳое, дар давоми сол, махсусан семоҳаи охир дода шудааст, тарбия намудани маҳорати хулоса ва ҷамъбаст карда тавонистани донишу маълумотҳо, ҳисси эҳтироми одамони гирду атроф ва натиҷаи меҳнатӣ онҳо. |
| | **Бозии зеҳнии "Чӣ? Дар куҷо? Кай?"** | Мусоидат ба ташаккули диққат, хотира, |
| | **Оилаи мо** | дар кӯдакон ташаккулдиҳии фаҳмиши муносибатҳои неки байниҳамдигарии аъзоёни оила: ба падару модар, бародарону хоҳарони волидайни худ такмил додани маҳорати муайян намудани миқдори аъзоёни оила, мавқеи иҷтимоии онҳо дар доираи муносибатҳои байниҳамдигарӣ |

Диққати махсус ба истифодаи ТИИ дар иттилоотӣ-иртиботӣ инкишофи нутқ ба технологияи мултимедия дода мешавад, зеро он имконият медиҳад, ки иттилоот на ба таври анъанавӣ, балки бо ёрии аксҳо, графикаи видеоӣ, аниматсия ва садо пешниҳод карда шавад. Чунин тарз диққати кӯдаконро ҷалб намуда, дар гурӯҳ муҳити воқеии муошират ба вуҷуд меорад. Кӯдакон кӯшиш мекунанд, ки ҳиссиёти худро бо суханони худ баён кунанд, супоришҳои пешниҳодшударо бо омодагӣ иҷро кунанд ва ба чизҳои нав таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир кунанд.

Кӯдаки синни томактабӣ хеле зуд маводро аз худ карда тавонад ҳам, аммо ба онҳо зуд хастагӣ ва камшави шавқу ҳавас ба фаъолият хос аст. Истифодаи моделсозии визуалӣ шавқу ҳавасро бедор мекунад, ба ҳалли ин мушкилот мусоидат мекунад ва барои кӯдакон азхудкунии нутқи ҳамоҳангиро осон мекунад.

**Мавзӯъ: Душанбе пойтахти Тоҷикистон**

**Мақсад:** Мустаҳкам намудани тасаввуроти кӯдакон оид ба ш. Душанбе (яъне шаҳри зебо, обод кӯчаю хиёбонҳо, гулгаштҳо, роҳи ҳавоӣ ва роҳи оҳан, меҳмонхонаҳо, биноҳои маъмурию ҳукуматӣ дорад) ва он пойтахт, маркази илму фарҳанги кишвар аст. Парвариш намудани меҳру маҳаббат ба пойтахти кишвар.

**Мавод:**Маҷмӯи расмҳо бо тасвири ш. Душанбе.





Дар маркази кишварамон, шаҳри Душанбе, ҳайкал ва нимпайкараҳои хурду бузург дар ҳар гӯшаю канори он мавҷуд аст, ки дар онҳо симои шоирону нависандагон, қаҳрамонони халқи тоҷик, аз он ҷумла ҳайкали Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абӯалӣ ибни Сино ва ҳайкали қаҳрамони машҳури халқи тоҷик Исмоили Сомонӣ тасвир ёфтаанд, ки онҳо ҳусни пойтахтамонро зеботар сохтаанд. ИсмоилиСомонӣ бо

қаҳрамонии беназири худ тавонистааст дар тӯли таърихи дуру дароз номи худро зинда нигоҳ дорад.

Дар ин расм хиёбони аз ҳама маъмултарини шаҳр ба номи С. Айнӣ, маркази савдои "Садбарг" тасвир ёфтааст, ки дар он ҷо маркази хариду фурӯши маҳсулот аз қабили хӯрока, ширинҳо, мева, матоъҳо, пойафзол, либосҳои аврупоӣ, дискҳо, таъмири телефонҳои мобилӣ, фармоиш додани зарру зевари занона ва ҳаракати хати сайри мошинҳо (автобус, троллейбус, маршрутка, мошинҳои сабукрав) ба ҳар як гӯшаю канори шаҳр ва берун аз он равона карда шудааст, ки мардуми мо бедушворӣ ба он ҷо рафта пайваста харидорӣ менамоянд.

1. Суҳбат доир ба хонаи мо, кӯдакони мо дар кадом кӯча (бинои рақами...), кадом маҳалла ва ноҳия, шаҳр, вилоят, мо кадом деҳа, ноҳия, шаҳр ва кишварҳои дуру наздикро медонем, дар Тоҷикистон кадом шаҳру вилоятҳо мавҷуданд, аз як шаҳру ноҳия ба дигараш ба воситаи чӣ мо сафар мекунем ва ғайраҳо.
2. Дар бораи шаҳри Душанбе кӣ чӣ медонад? Бачаҳо аз таҷриба (шояд ба ш. Душанбе сафар карда бошанд ва ё истиқомат доранд) мушоҳидаҳо, тамошои телевизиону нақлу ҳикояҳои калонсолон, тамошои расму тасвирҳо таассуроти худро иброз менамоянд.
3. Ба бачаҳо силсиларасмҳо, тасвирҳои махсус оид ба ш. Душанбе намоиш дода мешаванд ва дар бораи ҳар яки онҳо аз мураббӣ маълумот мегиранд.

Ҳангоми тамошои расму тасвирҳо мураббия таъкид мекунад, ки шаҳри Душанбе шаҳри калонтарини кишварамон аст. Чаро мо онро шаҳри калонтарин меномем?. Барои он ки он ҷо кӯдакистон, заводу фабрикаҳо, китобхонаҳо, ҳайкалу, майдонҳо, идораҳои маъмурию ҳукуматӣ, фароғатгоҳу меҳмонхонаҳо, театру намоишгоҳ, бозору мағозаҳои зиёд мавҷуданд. Сарвари кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар Душанбе кору зиндагӣ менамояд.

Мо ҳар рӯз барномаҳои телевизиони “Сафина”, “Пойтахт”, “Баҳористон”, “Шабакаи аввал”-ро тамошо мекунем ва дар бораи ш. Душанбе маълумот ҳосил менамоем. Одамон ба воситаи нақлиёти роҳи оҳан бо қаторахо, роҳи ҳавоӣ бо ҳавопаймоҳо (самолётҳо), роҳи мошингард–нақлиёти мусофиркаш, мошинҳои сабукрав, автовбусҳо (микроавтобусҳо) ба Душанбе омадурафт мекунанд.

Дар ш. Душанбе санъаткорон, оимон, муаллимон, одамони касбу кор ва халқу миллатҳои гуногун аҳлона кору зиндагонӣ мекунанд. Бинобар ин пойтахти Тоҷикистон бо ҷоизаи“Шаҳри сулҳ” сазовор гардидааст. Вақте ки шумо ҳам калон мешавед ва мактабро бо баҳои хубу аъло хатм мекунед, бачаю духтари донову меҳнатдӯст мегардед, метавонед ба шаҳри Душанбе рафта ба мактабҳои олӣ дохил шавед, соҳиби касбу кор, сазовори иззату эҳтироми атрофиёни худ гардед, азизони дил.

4. Суҳбат доир ба барномаҳо барои кӯдакону наврасон, ки дар шабакаи “Баҳористон”-и телевизиони кишвар намоиш дода мешаванд.
5. Ҷамъбасти машғулият.

Эзоҳ: Шинос намудани кӯдакон бо шаҳри Душанбе, ташаккулдиҳии донишу тасаввуроти онҳо чун пойтахти Тоҷикистон минбаъд дар машғулият ва берун аз он ҳам идома меёбад.

Дар айни замон, истифодаи барномаҳои мултимедиявӣ дорои хусусияти рушдёбанда буда, мувофиқи мавзуъ аз онҳо метавон ба таври васеъ истифода намуд. Онҳо диққати бачагонро ба худ ҷалб мекунанд, фаъолияти маърифатиро таъмин намуда, самараи таълимро боло мебаранд. Ҳамаи ин бошад барои инкишофи нутқи кӯдак, инкишофи маърифатӣ, махсусан тафаккур, хотира, диққат, қобилиятҳои муошират, ташаккули шахсияти кӯдак дар муносибатҳои иҷтимоӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

## Харитаи Тоҷикистон

**Мақсад:** Шинос намудани кӯдакон бо харитаи табиии Тоҷикистон ва номбар кардани кишварҳои ҳамсарҳад- Ӯзбекистон, Афғонистон, Хитой, Қирғизистон.

**Мавод:** Харитаи табиии Тоҷикистон ва курраи замин (глобус).

**Рафти машғулият:**

1. Мураббия ба кӯдакон хотиррасон мекунад, ки онҳо бо глобус (курраи замин) шинос шуда, буданд ва дар он харитаи табиии замин тасвир ёфта буд, яъне хушкии замин, об – дарёву баҳрҳо тасвир ёфтаанд. Дар глобус ҳамаи кишварҳои дунё ҷой дода шудаанд, аз он ҷумла ватани мо, Тоҷикистон ном дораду пойтахти он шиҳри Душанбе аст.

Ман имрӯз шуморо ба харитаи Тоҷикистон шинос мекунам ва он харитаи табиӣ ном дорад. Нигоҳ кунед ҳудуди Тоҷикистон бо хати махсус ҷудо карда шудааст, ана ин харитаи кишварамон аст. Дар он кӯҳҳо, дарёҳо, водиҳо тасвир гардидаанд.

2. Мураббия инчунин бояд ба бачаҳо оид ба Тоҷикистон, ки кишвари куҳсор аст ва мардумаш асосан ба чорводорӣ, деҳқонӣ, пахтакорӣ машғул ҳастанд, дар бораи шаҳрҳои маъмурӣ–иқтисодии кишварамон Хуҷанд, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, Норак, Турсунзода нақл менамояд.

3. Хати кишварҳои ҳамсарҳадро нишон дода, дар бораи ҳамсояҳои ҳамҳудуд Ӯзбекистон, Афғонистон, Хитой, Қирғизистон маълумот медиҳад. Мураббия метавонад ба донишу тасаввуроти кӯдакон такя намуда, дар бораи бо қатора сафар кардан, харидории молҳои ин кишварҳо, хешу таборони дар хориҷи кишвар буда пурсон шавад ва ҷавоби кӯдаконро дар нақли худ истифода барад пурра намояд.

4. Бозии дидактикии аз рӯйи талаффузи як овоз номбар кардани номи шаҳру ноҳияҳои кишвар “Х” – Хуҷанд, “Қ” – Қӯрғонтеппа, “К” – Кӯлоб, “Т”- Турсунзода, “Н” – Норак, “Қ” – Қайроққум, “Ҳ” – Ҳисор, “Ш” – Шаҳринав, “В” – Варзоб, “Х” – Хоруғ ва ғайра. Ҳангоми номбар кардани шаҳру ноҳияҳо мураббия метавонад мавқеи ҷойгиршавии онҳоро дар харитаиТоҷикистон нишон диҳад. Ҷойгиршавии макони зисти кӯдаконро (деҳа, ноҳия, шаҳр) аз харитаи Тоҷикистон махсус шарҳ диҳад. Масалан: Акнун бачаҳо, биёед ҳама ба харитаи Тоҷикистон менигарем шарҳи мураббия:

5. Азбаски ин машғулият нисбатан мушкил аст, мураббия метавонад ба бачаҳо мустақилона аз назар гузаронидани харита, ёфтану номбар кардани мавқеи ҷойгиршавии шаҳрҳоиҳамсархаду ҳамсояҳои Тоҷикистон ва дарёҳоро аз харитаи алоҳида нишон диҳад Масалан:

6. Дар машғулиятҳо оид ба шинос намудани кӯдакон бо пойтахти кишвар- шаҳри Душанбе, Тоҷикистон, Рамзҳои давлатӣ аз харита истифода бурдан мумкин аст.

Дар самти морфологии нутқи бачаҳо ба як қатор душвориҳое, ки ба хусусиятҳои хоси нутқи тоҷикӣ алоқамананд, дучор меоянд. Дар забони тоҷикӣ бачаҳо дар талаффузи овозҳои садоноки у – ӯ, и – ӣ, ҳамсадоҳои сустталаффузшавандаи д, т, ҳ ва ҳамсадои «ъ», ки овози ҳалқии чуқур дорад, ҳамсадои «р», ки овози ларзон аст, душворӣ мекашанд. Барои рафъи душвориҳо мураббия метавонад аз бозиҳои дидактикии «Тақлиди овозӣ», чистонҳо, тезгӯякҳо, шеърҳо, гузориши саҳначаҳо истифода бурда, калимаҳои душворталаффузро дар нутқ бо кӯдакон якчанд маротиба машқ кунанд. Дар натиҷа, кӯдакон ба сохти овозии калима шинос мешаванд.

Дар гурӯҳҳои омодагӣ ба мактаб донишҳои азхудкардаи кӯдакон дар натиҷаи бозиҳо ва машқҳои дидактикии даҳонӣ мустаҳкам карда мешаванд. Бинобар ин дар методика бозиҳои дидактикии даҳонӣ ва тарзи истифодаи онҳо оварда шудаанд.

Барои кӯдакони гурӯҳи омодагӣ ба мактаб машқҳои лексикиро дар шакли зерин додан мумкин аст: Интихоби ибора, ҷумла ва калимаҳои синонимӣ (ҳамаъноӣ). Кӯдакон ҷумлаҳо мегӯянд: Аҳмад омад. Об омад. Баҳор омад. Пода омад. Мураббия диққати кӯдаконро ба ҷумлаҳо ҷалб намуда мегӯяд, ки як калимаро якчанд маротиба такрор кардану шунидан дилгиркунанда аст ва иваз кардани яке аз калимаҳои онро пешниҳод менамояд. Ҷумлаи «Об омад» - ро боз чӣ хел гуфтан мумкин? Бачаҳо аз рӯи мазмуни ҷумла калимаҳоро иваз мекунанд (Об ҷорӣ шуд. Об баромад. Об равон шуд). Бачаҳо ба хулоса меоянд, ки ҳамон як калимаи «омад» дар чумла дар шаклҳои гуногун ба ифодаи як маъно меоянд.

Дар самти синтаксисии нутқ, пеш аз ҳама, нутқи алоқанок ва нақлкунӣ такмил дода мешавад. Кӯдакон асарҳои тасвири манзараҳоро дида, дар сӯҳбат иштирок мекунанд, бо калонсолон муошират (гуфтугӯ) менамоянд, ба саволҳои ҳархела ҷавоб медиҳанд. Дар нутқ саволҳои проблемавӣ, аз қабили «Барои чӣ?», «Чаро?», «Чӣ хел?» гузошта шуда,

ҷавоби пурра ва мантиқан алоқамандро талаб мекунанд. Ин машқҳо бо истифода дар гурӯҳи омодагӣ ба мактаб гузаронида мешаванд.

Мураббия ба воситаи саволу ҷавоб ба нутқи кӯдакон калимаю ибораҳои навро ворид намуда, бо истифода аз воситаҳои аёнию тасвирӣ маводи навро дар хотири кӯдакон мустаҳкам менамояд. Тавассути ин технология захираи луғавии кӯдакон аз калимаҳою ибораҳои нав бою ғанӣ ва ташаккулдиҳии талаффузи овоз дар таркиби калима, ҷойгиркунӣ, мутобиқшавӣ дар системаи овозии забон, яъне таълими таҳлили овозии калима ва дар ҷараёни он шиносоӣ бо ҳамаи ҳарфҳои алифбои забони тоҷикӣ ба роҳ монда мешавад.

Ҳамин тариқ, омӯзиши мақсаднок ё худ иттилоотӣ-иртиботӣ махсуси мо ба ду самт равона карда шуда буд: якум, барои ташаккул додани нутқи гуфтугӯии кӯдакон ва дуюм дар ин замина омода намудани кӯдакон а зинаи таҳсилоти ибтидоӣ.

**Дар бораи ватани худ кӣ чӣ медонад?**

**Мақсад:** Мустаҳкам намудани тасаввурот, ки кӯдакон дар давоми сол, махсусан семоҳаи ҳосил кардаанд, дар онҳо тарбия намудани маҳорати хулоса ва ҷамъбаст карда тавонистани донишу маълумот. Парвариш намудани ҳисси эҳтироми одамони гирду атроф ва натиҷаи меҳнати онҳо.

**Мавод:** Расмҳо, тасвири манзара, албоми “Тоҷикистон- ватани мо”

**Тайёрии қаблӣ:** Мураббия қаблан эълон менамояд, ки мо ба наздикӣба гуруҳҳо тақсим шуда, (писарчаҳо, духтарчаҳо ё мувофиқи хоҳиш ва шавқу рағбат) саволу ҷавоб мекунем, гуруҳҳо – дастаҳо метавонанд бо ҳамдигар савол диҳанд. Ба гуруҳҳо ном гузошта мешавад (“Ҳушёрак”, “Доноякˮ, “Ҳамадонˮ ва ғайра) ва ғолибон соҳиби тухфаҳо мегарданд. Ба ин машғулият волидон, мураббияҳои ҷавон, мушовир ва мудири кӯдакистонро низ даъват намудан мумкин аст. Барои шавқовар гардидани машғулият аёният, армуғонҳо (сувенирҳо) тайёр намуда, рафти иҷрои онро ба таври ғайрианъанавӣ ба нақша гирифтан мумкин

аст. Бачаҳо метавонанд дар машғулият дар ҷои худ нишаста ё рост истода, дар вазъияти бозӣ кардан, намоиш додани тарзи иҷрои амалҳо ва ғайра иштирок намоянд.

## Нақшаи намунавии машғулият

1. Мураббия мақсади машғулиятро ба бачаҳо хотиррасон намуда, онҳоро ба гуруҳчаҳо тақсим менамояд, бо маслиҳати ҳамдигар номгузорӣ карда, маънои номи гурӯҳ-даста ва шарти иҷрои супоришҳоро фаҳмонда медиҳад.

2. Гуруҳи аввал ва саволҳо:

Ватани мо чӣ ном дорад? Пойтахти он кадом шаҳр аст? Душанбе чӣ гуна шаҳр аст? Дар вай чиҳо мавҷуд ҳаст? Мо боз кадом шаҳру деҳаҳои Тоҷикистонро медонем? Кӯдакистони мо рақами чанд аст ва дар кадом кӯча воқеъ гардидааст? Номи мудир, мушовир ва духтури кӯдакистони моро медонед?

3. Гуруҳи дуюм ва саволҳо доир ба рамзҳои давлатӣ: Рамзҳои давлати мо кадомҳоянд? Парчами Тоҷикистон аз чанд ранг иборат аст ва кадом рангҳо? Ранги сурх, сафед ва сабз рамзи чист? Дар нишони Тоҷикистон чиҳо тасвир ёфтаанд? Пахта, гандум, китоби кушода, ҳафт ситора ва куҳҳо (дар алоҳидагӣ пурсида мешаванд) чӣ маъно доранд? Матни суруди миллӣ ва оҳанги онро кӣ эҷод кардааст? Суруди миллӣ кай ва дар кадом ҳолатҳо иҷро карда мешавад? Ин қисми машғулият ба тарзи саволу ҷавоб ва рост истода хондани суруди миллӣ ба итмом мерасад.

4. Қисми дигари машғулият дар шакли бозии омӯзишӣ гузаронида мешавад:

"Ба расм нигоҳ карда, нақл бикун". Қоидаи бозӣ: Бачаҳо расми дилхоҳашон аз рӯйи миз мегиранд ва ба иштирокчиён нишон дода дар бораи он нақл мекунад. Дар расмҳо бояд одамони касбу кори гуногун, майдони ғаллазор, пахтазор, чарогоҳ, афсарон, манзараи фаслҳои сол ва ғайра тасвир гардида бошанд.





Дар анҷом мураббия ҷавобҳои кӯдаконро ҷамъбаст ва баҳодиҳӣ намуда, таъкид мекунад, ки бойгарии асосии ватани мо одамон, мардуми меҳнатдӯсти он мебошанд. Онҳо дар ғаллазору пахтазорон, боғу полезҳо меҳнат намуда, дастархони моро бо нону мева,  сабзавоту маҳсулоти полезӣ бой мегардонанд. Бубинед, бачаҳо, Тоҷикистони мо гарчанде кишвари кӯҳсор ва камзамин бошад ҳам, аз ҷиҳати боғ ва маҳсулоти полезӣ бой аст, неъматҳои фаровон барои зиндагии  осоиштаи мардуми мо ҷамъоварӣ карда мешаванд, зеро, ки ҳар сол деҳқонон аз заминҳои кишт ду се ҳосил мегундоранд. Инчунин пахта  низ яке аз бойгариҳои асосии кишварамон ба шумор меравад, ки ин ҳам бошад самараи меҳнати мардуми меҳнатқарини мо аст. Ана, бубинед, бачаҳо, модарони мо низ дар баробари мардҳо дар рӯзҳои гарми тобистон дар саҳро кор мекунанд ва ҳамаи ин бойгарӣ натиҷаи меҳнати онҳо мебошад.





Дар чор фасли сол диёри мо зебо аст. Мо ватани худро дӯст медорем ва аз он фахр мекунем.

5. Барои гурӯҳҳо ду тарзи бозии “Майдони муъҷизот”- ро ташкил намуда, якеро бо мавзӯи “Ҳайвонот ва паррандаҳо” ва дигареро ба мавзӯи “Дарахту буттаҳо ва гиёҳу гулҳо”-и кишвар бахшидан лозим аст.

Мураббия ба кӯдакон шарти бозиро шарҳ дода, водор менамояд, ки ҳангоми рӯ ба рӯи ақрабак омадани расми ҳайвон, парранда, дарахт, гиёҳ, гулҳо номи онҳоро номбар кардан кам аст, балки дар бораи он маълумот додан лозим аст. Масалан: ин расми шер аст. Шер ҳайвони ваҳшӣ буда, дар ҷангал зиндагӣ мекунад ё ки ин расми себ буда, дарахти он дар боғ мерӯяд ва ғайра. Мураббия метавонад ба ҷамъбаст ва баҳодиҳӣ ба ҷавобҳои кӯдакон аз рӯйи бозӣ волидон, мураббиёни дигар, мудир ва мушовирро (бо маслиҳату машварати пешакӣ) даъват намояд. Дар ҳолати набудани имконияти ташкилу гузаронидани бозии “Майдони муъҷизот”, чистонгӯӣ ва чистонёбиро доир ба мавзуи меваҳо, ҳайвонҳо мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Масалан, чистонҳо доир ба узвҳои бадан (гӯш, чашм, дандон, кафи даст, кокул, соя), меваю сабзавот (чормағз, анҷир, ангур, сабзӣ, шалғам, пиёз, картошка), ҳаракату амали ашёҳо, одамон, (шамол, соат, тайёра, қатора, пойафзол, китоб), ҳайвону паррандаҳо (булбул, сангпушт, хорпушт, моҳӣ, ва

ғайраҳо), ҳодисаҳои табиат (барф, борон, раъду барқ, осмону ситораҳо, моҳ, офтоб) ва ғайра.

Дар охир ба таври тантанавӣ машғулиятро ҷамъбаст карда, фаъолонро номбар намуда, ба ҳамаи иштирокчиён изҳори миннатдорӣ баён мекунем.

**Роҳи дигаре, ки мавриди истифода қарор ёфт:**

Бо истифода аз аналогияи графикӣ мо ба кӯдакон таълим медиҳем, ки чизи асосиро бубинанд ва донишҳои гирифташударо ба низом оварем. Истифодаи рамз раванди аз ёд кардан ва азхудкунии маводро осон ва метезонад ва усулҳои кор бо хотираро ташаккул медиҳад. Охир, дар яке аз коидахои мустахкам намудани хотира чунин гуфта мешавад: Вақте ки таълим медиҳед, нависед, нақшаю диаграммахо кашед.

ВАЗИФАҲО ЧУНИНАНД:

1.Ташаккул додани қобилияти фаҳмидан ва нақл кардани матн бо истифода аз аналогияи графикӣ.

2. Дар кӯдакон фаъолияти ақлӣ, зеҳнӣ, мушоҳидакорӣ, қобилияти муқоиса кардан ва муайян кардани хусусиятҳои муҳимро инкишоф диҳед.

3.Ташаккули равандҳои равонӣ дар кӯдакон: тафаккур, таваҷҷӯҳ, тасаввурот, хотира.

4. Ба кӯдакон дуруст талаффузи овозиро омӯзонед.

5. Ба кӯдакон талқин кардани зарурати муоширати шифоҳӣ барои мутобиқшавии беҳтар дар ҷомеаи муосир.

Усулҳои банақшагирии аёнӣ буда мутавонанд:

1. Аломатҳои ивазкунанда
2. Пиктограммаҳо
3. Мнемотаблитсаҳо

Дар марҳилаи ибтидоии кор шаклҳои геометрӣ ҳамчун аломатҳои ивазкунанда истифода мешаванд, ки шакл ва ранги онҳо ба объекти

ивазшаванда шабоҳат доранд. Масалан, секунҷаи сабз арчаи солинавӣ, доираи хокистарӣ муш ва ғ.



Дар марҳилаҳои минбаъда кӯдакон ивазкунандаҳоро бидуни ба назар гирифтани хусусиятҳои берунии объект интихоб мекунанд. Дар ин ҳолат онҳо ба хусусиятҳои сифатии ашё (бад, меҳрубон, тарсончак ва ғайра) таваҷҷӯҳ мекунанд. Як рахи доираҳои гуногунрангро метавон ҳамчун намунаи изҳороти мувофиқ пешниҳод кард.



Калима-ашёҳо:



2. Пиктограмма барои бачахо барои аз ёд кардани шеър ва халли муаммохо васеъ истифода мешавад. Истифодаи пиктограммаҳо ба

инкишофи хотираи шунавоӣ дар кӯдакон мусоидат намуда, раванди аз ёд кардани шеърро пурмазмуну ҷолибтар мегардонад.

Кор бо пиктограммаҳо ба алгоритми зерин асос ёфтааст:

- шеър ё чистонро бо овози баланд хонед;
- калимаи асосиро дар ҳар сатр таъкид кунед. Онро дар шакли рамз ё расм пешниҳод кунед;
- бо истифода аз пиктограмма шеърро дубора хонед;
- бо истифода аз пиктограмма шеър ё чистон гӯед.

**Гунҷишкак**

Гунчишкак дар ҷуйборча,
Мепарад, тоб мехурад.
Парҳояшро кушода,
Думакашро кушода.
Ҳавои чих ел зебо!
Чил, чив, чил!




**Рамз-пешояндҳо**



дар аз болои дар рӯи зери ба



бо аз дар паси назди аз назди

Ҷадвали мнемикӣ диаграммаест, ки дорои маълумоти муайян мебошад.

Пайдарпаии кор бо ҷадвалҳои мнемоникӣ:

– таблитсаро аз назар гузаронидан;

– рамзгузории иттилоот, табдил додани маводи пешниҳодшуда аз аломатҳо ба тасвирҳо;

- таҷдиди мавод (аз нав нақл кардан, аз ёд кардани матн, эҷод кардани ҳикоя...)

Ҷадвалҳои мнемоникӣ барои рушди нутқи муттаҳид ҳамчун маводи дидактикӣ хизмат мекунанд:

– аз ёд кардани шеър, чистон, тезгӯякҳо;

- нақли матнҳо;

- тартиб додани ҳикояҳои тавсифӣ.

**Афсонаи «Хоначаи Харгӯшак»**



# Афсонаи “Бузаки ҷингилапо”



Чистон

Кулӯла асту туб нест,

Дум дораду муш нест



Нишаста бобо бо ҷомаи 100 қабата,

Ҳар кӣ ҷомааш бикашад, ашкашро мерезонад.




Натиҷаҳо:

- дониши кӯдакон дар бораи олами атроф зиёд мешавад;

- хоҳиши такрори матнҳо ва эҷод кардани ҳикояҳои ҷолиб вуҷуд дорад;

— шавқу ҳаваси ба омӯхтани шеъру чистонҳо пайдо мегардад;

- захираи луғавӣ ба бою ғанӣ мегардад;

— кӯдакон тарсончакӣ, шармгиниро бартараф мекунанд, дар назди тамошобинон озодона рафтор карданро ёд мегиранд.

Моделсозии аёнӣ як усули визуалӣ ва амалии таълим аст, ки ба принсипи ивазкунӣ асос ёфтааст: кӯдак ашёи воқеиро бо ашёи дигар, тасвири он ё ягон аломати муқаррарӣ иваз мекунад.

**Нақли ҳикояҳои тавсифӣ**

дар мавзӯи «Тирамоҳ» бо истифода аз диаграммаҳои графикӣ.

Аз руи плани графикй тартиб додани достони «Тирамох».

**Тирамоҳ**

• Тирамоҳ омад. Офтоб нурпошӣ мекунад, вале заминро суст гарм мекунад. Ҳаво хунук мешавад. Тез-тез борон меборад. Баргҳои дарахтон ранги худро ба зард, сурх, норинҷӣ ва арғувонӣ иваз мекунанд, бинобар ин тирамоҳро «тиллоӣ» меноманд.

• Ҳайвонот ба зимистон омодагӣ мебинанд: баъзеҳо, ба монанди хорпушт ва хирс, хоби зимистона мекунанд. Ва дигарон мисли суту мушҳо барои зимистон ғизо захира мекунанд. Паррандаҳо ҷамъ шуда, ба минтақаҳои гармтар парвоз мекунанд.

Одамон дар саҳрою боғҳо сабзавоту мева мечинанд.



**Кушодани рамзҳо:**

- Офтоб. (Офтоб медурахшад)
- Борон. (Зуд-зуд борон меборад)
- Барг. (Баргҳои дарахтон ранги дигар мекунанд)
- Хорпушт. (Ҳайвонҳо ба зимистон тайёрӣ мебинанд)
- Паррандагон. (Паррандаҳо ба иқлимҳои гармтар парвоз мекунанд)
- Сабзӣ, себ. (Одамон сабзавот ва мева ҷамъоварӣ мекунанд)

**Тартиб додани нақшаи графикӣ барои ҳикоя дар мавзӯи «Паррандаҳои мавсимӣ»**

- Лаклак паррандаи сафед бо нӯги дарози сурхчатоб аст. Калла, бадан, болҳо, дум ва панҷаҳо дорад. Тамоми бадани парранда бо пар пӯшонида шудааст. Дар фасли баҳор аз кишварҳои гарм карда меоянд, лона месозанд ва чӯҷаҳо мебароранд. Лаклакҳо бо ҳашарот, кирмҳо ва тухмии растанӣ ғизо мегиранд. Дар тирамоҳ, вақте ки ҳаво сард мешавад, лаклакҳо рама шуда ҷамъ мешаванд ва то баҳори оянда ба кишварҳои гарм парвоз мекунанд. Лаклакҳо ба одамон ёрӣ

мерасонанд — онҳо ҳашарот ва кирмак — ҳашароти зарарrасони киштзор ва сабзавотро нест мекунанд.



**Кушодани рамзҳо:**

1. Ранг (Ранги пари парранда)
2. Узвҳои бадан. (Қисмҳои бадани ӯро номбар мекунад)
3. Лона. (Чуҷаҳои ӯро даъват кунед.)
4. Тирамоҳ. (Паррандаҳо кай ба иқлимҳои гарм парвоз мекунанд?)
5. Ҳашарот. (Паррандаҳо чӣ мехӯранд?)
6. Одам (Паррандаҳо ба одамон чӣ фоида меоранд?)

Ҳамин тавр маълум гардид, ки машғулиятҳо дар кӯдакистон хусусиятхои ба худ хос доранд, онҳо бояд эмотсионалӣ, равшан, бо истифода аз маводи зиёди тасвирӣ, бо истифода аз сабти садо ва видео гузаронида шаванд. Ҳамаи инро технологияи компютерӣ бо имкониятхои мултимедиявии худ ба мо дода метавонад. Истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ имкон медиҳад, ки фаъолият ҷолиб ва воқеан замонавӣ гардад, масъалаҳои маърифатӣ ва эҷодӣ дар асоси возеҳу равшанӣ ҳал карда шаванд.

Хулоса, забони модарӣ тавассути маводи таълиму тарбиявӣ бояд ба:

- идроки муҳити атроф ва муносибати эҳтиёткорона ба табиат ва боигариҳои он.

-фароҳам овардани имкониятҳо баҳри инкишофи шавқу ҳаваси маърифатӣ;

-фаҳмидани маънии маводи шунида ё хонда, риояи меъёрҳои навишт, рушди маданияти мухангӯӣ;

-ташаккули шахсият ва тарбияи сифатҳои шаҳрвандӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ, шиносоӣ бо арзишҳои миллию умумибашарӣ;

-тадриҷан ташаккул ёфтани мафкураи аҷдодию миллӣ: «Рафтори нек, гуфтори нек, пиндори нек» мусоидат намояд.

## 2.3. ТАҲЛИЛ ВА АРЗЁБИИ НАТИҶАИ КОРҲОИ ОЗМОИШӢ-ТАҶРИБАВӢ

Таҳқиқоти озмоишӣ-таҷрибавӣ се марҳиларо дар бар гирифт: муайянкунӣ, асосӣ ва назорат. Дар марҳилаи назоратӣ дараҷаи тасаввуроти кӯдакони синни томактабӣ дар бораи фазо ташхис, инчунин пурсиши волидайн гузаронида шуд, ки мақсади он муайян намудани шавқу рағбат ба ин мавзӯъ ва омодагӣ барои иштироки фаъолона дар рушди кӯдакон буд.

Натиҷаи озмоиши муайянкунанда маълумот дар бораи бартарияти паст ва миёнаи тасаввурот дар бораи ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакон, муњити атроф бо истифода аз воситањои техникИ, иттилоотї-иртиботї дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоиширо дар бар мегирифт. Инчунин пурсишномаи мураббияҳо ва волидон оид ба раванди ташаккул додани нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шинос намудан бо муҳити атроф гузаронида шуд.

Озмоишҳои асосӣ дар муассисаҳои таълимии томактабии №159 ва МТМУ №71 н.Шоҳмансур, муассисаҳои таълимии томактабии №149 ва МТМУ №35-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе, МТТ №1 ва МТМУ №5-и шаҳри Ваҳдат ташкил гардид. Дар марҳуилаи дуюм ба раванди таҳқиқот 40 нафар кӯдакони синни калони томактабии муассисаҳои таълимии томактабии №№149-и ш.Душанбе ва МТТ №1-и шаҳри Ваҳдат, 12 нафар мураббӣ, мушовирон ва кормандони дигари МТТ, 6 нафар омӯзгорони синфҳои ибтидоии МТМУ ва 30 нафар падару модари тарбиятгирандагон ҷалб карда шуданд.

Барои ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада методикаҳо қисмати озмоиши муқарраркунанда мавриди истифода қарор ёфтанд:

**Машқи 1. Бозии «Чӣ зиёдати аст?»** Ба кӯдак 8 корт дар ду маврид пешниҳод мегардад, ҳар яки он 4 ашёро тасвир мекунад. Чор ашё ба як гурӯҳи умумӣ, чорум ба гурӯҳи дигар тааллуқ дорад. Кӯдак номи онҳоро номбар карда, ашёи зиёдатиро муайян мекунад.

Натиҷаи таҳқиқот дар ҷадвали хххх оварда шудааст:

Ҷадвали 7.

| № | Номгӯи нишондиҳандаҳо | Гуруҳи назоратӣ нафар/ % | Гуруҳи озмоишӣ нафар/ % |
|---|---|---|---|
| 1. | Сатҳи баланд | 3 /15% | 10/50% |
| 2. | Сатҳи миёна | 9/ 45% | 9 /45% |
| 3. | Сатҳи паст | 8/40% | 1/5% |
| | **Ҷамъ:** | **20/100%** | **20/100%** |

Диаграммаи 8.




Сатҳи тасаввуроти кӯдакони синни томактабӣ дар бораи муҳити атроф мукаммал гардида, маҷмӯи донишҳо, ҳавасмандӣ ва шавқу рағбати маърифатӣ, мустақилият, фаъолияти ҷустуҷӯӣ нисбат ба маълумот афзун гардид.

**Машқи 2. Истифодаи бозии «Шакли дурусташро гуфта бидеҳ»,** ки машқи интихоби дурусти калима ва ибораҳоро дар бар мегирад.

Ҷадвали 8.

| № | Номгӯи нишондиҳандаҳо | Гуруҳи назоратӣ нафар/ % | Гуруҳи Озмоишӣ нафар/ % |
|---|---|---|---|
| 1. | Сатҳи баланд | 3/15% | 12/60% |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 2. | Сатҳи миёна | 14/ 70% | 6/30% |
| 3. | Сатҳи паст | 3/15% | 2 /10% |
| | **Ҷамъ:** | **20/100%** | **20/100%** |

Диаграммаи 9.




Нисбат ба ташхиси ибтидоии кӯдакони синни томактабӣ, ки дар рафти сӯҳбат, пурсиш гузаронида шуд, дар гурӯҳҳои озмоишӣ дараҷаи баланди ташаккули қисматҳои инкишофи нутқи кӯдакон мушоҳида мегардад, ки аз истифодаи бамавриди ТИИ шаҳодат медиҳад.

**Машқи 3. Нақл аз рӯи расм (тасвир).** Дар гурӯҳҳои омодагӣ ба мактаб, бинобар он ки фаъолияти кӯдакон меафзояд, аз рӯи расм мустақилона тартиб додани ҳикоя бобати инкишофи нутқи кӯдакон кӯмак мерасонад. Ба мураббияҳо тавсия дода мешавад, ки дар машғулиятҳо аз силсиларасмҳои мазмундор васеъ истифода баранд.

Ҷадвали 9.

| № | Номгӯи нишондиҳандаҳо | Гуруҳи назоратӣ нафар/ % | Гуруҳи озмоишӣ нафар/ % |
|---|---|---|---|
| 1. | Сатҳи баланд | 1/5% | 7/35% |
| 2. | Сатҳи миёна | 8/40% | 11 /55% |
| 3. | Сатҳи паст | 12/60% | 2 /65% |
| | **Ҷамъ:** | **20/100%** | **20/100%** |

Диаграммаи 9.




**Машқи 4. Нақл оид ҳодисаҳои муҳити атроф барои муайян кардан**, ки дар кӯдакони синни калони томактабӣ матни характери тасвирдоштаро нақл карда метавонанд.

Ҷадвали 10.

| № | Номгӯи нишондиҳандаҳо | Гуруҳи назоратӣ нафар/ % | Гуруҳи Озмоишӣ нафар/ % |
|---|---|---|---|
| 1. | Сатҳи баланд | 1/15% | 8/40% |
| 2. | Сатҳи миёна | 14/ 70% | 11/55% |
| 3. | Сатҳи паст | 3/15% | 1/5% |
| | **Ҷамъ:** | **20/100%** | **20/100%** |

Диаграммаи 10.



Диаграмма нишон медиҳад, ки сатҳи ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони гурӯҳи назоратӣ танҳо 5% афзоиш ёфтааст. Дар таълими анъанавӣ ба ташаккули тасаввурот дар бораи инкишофи вазифаҳои нутқ дар кӯдакон аҳамияти кофӣ дода намешавад ва технологияҳои иттилоотӣ-иртиботї истифода намешавад.

**Машқи 5. Нақл аз таҷрибаи шахсӣ.** Бо кӯдакони 5–6 сола нақл аз таҷрибаи шахсӣ бояд мазмуни маърифатӣ доштанд. Мазмуни онҳо аз матнҳои бадеӣ интихоб намояд ва ё кӯдак мувофиқи мақсади гузошта онро эҷод мекард.

Ҷадвали 11.

| № | Номгӯи нишондиҳандаҳо | Гуруҳи назоратӣ нафар/ % | Гуруҳи озмоишӣ нафар/ % |
|---|---|---|---|
| 1. | Сатҳи баланд | - | 7/35% |
| 2. | Сатҳи миёна | 8/ 40% | 9 /45% |
| 3. | Сатҳи паст | 12/60% | 4 /20% |
| | **Ҷамъ:** | **20/100%** | **20/100%** |
| | | | |

Диаграммаи 11.




Натиҷаи пурсиш дар варақҳои махсус ба таври зерин қайд карда мешуд: «Аз ӯҳдаи супориш набаромад», «Мавзӯъ гуфта дода шуд», «Аз рӯи пешниҳоди саволҳо нақл тартиб дода шуд», «Дар иҷрои супориш мушкилӣ мекашад».

Ба ҳар як ҷавоби дуруст ба кӯдак миқдори муайяни балл гузошта мешуд. Таҳлили миқдорӣ ва сифатии нақли кӯдакон ба мо имкон дод, ки ҷавобҳои кӯдаконро ба се дараҷа ҷудо намоем.

Корҳои таҷрибавӣ нишон доданд, ки ин истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ шавқу ҳаваси бачагонро ба машғулиятҳо хеле зиёд карда, дараҷаи кобилиятҳои маърифатиро баланд мебардорад. Истифодаи усулҳои нави ғайриоддии шарҳ ва тақвият, махсусан дар шакли бозӣ, таваҷҷӯҳи ғайриихтиёрии кӯдаконро зиёд мекунад ва ба рушди таваҷҷӯҳи ихтиёрӣ мусоидат мекунад.

Ба ҳар як ҷавоби дуруст ба кӯдак миқдори муайяни балл гузошта мешуд. Таҳлили миқдорӣ ва сифатии нақли кӯдакон ба мо имкон дод, ки ҷавобҳои кӯдакони гурӯҳи озмоиширо дар муқоиса бо натиҷаҳои озмоиши муқарраркунанда дида бароем.

**Натиҷаҳои озмоиши муқарраркунанда**

Диаграммаи 12.



Диаграммаи 13.

**Натиҷаҳои озмоиши асосӣ**




Натиҷаи микдории супоришҳои озмоишҳои асосиро мо дар диаграмма ҷойгир намудем. Диаграммаи 14.




Динамикаи афзоиш дар сатҳи баланди ғояҳои кӯдакони синни томактабӣ дар гурӯҳи таҷрибавӣ дар бораи муҳити атроф (35%), дар муқоиса бо тағирёбии сатҳи начандон зиёд дар гурӯҳи назоратӣ (на бештар аз 5%), инчунин афзоиши сифати дониши кӯдакон дар бораи арзишҳои миллӣ, афзоиши таваҷҷӯҳи маърифатӣ ба раванди таълиму тарбия аз самаранокии истифодаи ТИИ дар таълими кӯдакон шаҳодат медиҳад.

Тадкиқоти озмоишӣ-таҷрибавӣ тасдиқ кард, ки истифодаи ТИИ имкон медиҳад, ки раванди педагогӣ мукаммал шуда, ташаккули нутқи

гуфтугӯии кӯдакон мувофиқ ба талаботи забони адабии ҳозираи тоҷик мувофиқ шуда, самаранокии ташаккули тасаввуроти онҳо дар бораи олами гирду атроф ба таври назаррас афзоиш ёбад.

Дар гурӯҳҳои омодагӣ ба мактаб бо кӯдакон кор бо ҷумла ва калимаҳои таркиби он иҷро карда мешавад. Дар натиҷа, кӯдакон иборат будани нутқи мо аз ҷумла ва ҷумла аз калимаҳоро мефаҳманд. Кӯдакон бо калима ва овозҳои нутқ ҳанӯз пештар дар гурӯҳҳои миёна шинос шуда буданд. Дар гурӯҳҳои калон ва омодагӣ ба мактаб бошад, ҳангоми машғулиятҳои саводомӯзӣ оид ба калимаю ҳиҷо бештар машқҳо ва бозиҳои дидактикии таълимӣ гузаронида мешаванд.

Ҷиҳати муайян намудани дараҷаи инкишофи нутқи шифоҳии муколамавии кӯдакон ба таври гузориши саволу ҷавоб чунин сӯҳбат гузаронида шуд.

Дар давраи омодагӣ ба мактаб кӯдакон бояд бо мафҳумҳои ҷумла ва калима сарфаҳм рафта, аз рӯи аломатҳои шартӣ (нақша) калимаро аз ҷумла фарқ карда тавонанд. Барои кӯдаконро бо мафҳуми калима шинос кунонидан аз бозии «Калимаҳои зинда» бо истифода аз воситаҳои иттилоотии компютер, проектор, слайдҳо, наворҳои видео бамаврид аст.

| Микдори хатогиҳо | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Намуди хатогихо** | | Тарзи дурусти ҷумласозӣ | Такрори калимаҳо дар дохили матни на он кадар калон | Якрангии синтакисӣ | Истифодаи воситаҳои бадеият | Паиҳамии нодуурсти калимаҳо | Истифодаи нодурусти ҷонишинҳо | Исифодаи ноудурсти замонҳои феъл |
| **Гурӯҳи озмоишӣ** | **То озмоиш** | **32%** | **70%** | **79%** | **35%** | **71%** | **65%** | **68%** |
| **Гурӯҳи озмоишӣ** | **Баъди озмоиш** | **53%** | **45%** | **52%** | **63%** | **49%** | **38%** | **42%** |

Омӯзиши нутқи тавсифӣ дар кӯдакони синни томактабӣ, чи дорои нуқсони нутқ ва ҳам бе он, инҳоро ошкор кард:

• Танҳо якчанд кӯдакон метавонанд мустақилона матн созанд;

• Аксарият ба саволҳои фаврӣ ниёз доранд;

• Ҳикояҳо бо номутобиқатӣ, набудани арзёбиҳои арзишӣ, ки тавсифро пурра мекунанд, хос аст;

• Ҳикояҳо номувофиқанд, мушкилот дар ташаккули грамматикии ҷумлаҳо.

Ба андешаи мо, ин аз он сабаб аст, ки истифодаи воситаҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар як вақт дубора пешниҳод кардани маълумот дар шакли матн, графика, садо, нутқ, видео, дар хотир нигоҳ доштан ва коркарди маълумот бо суръати баланд имкон медиҳад, ки воситаҳои нави фаъолият эҷод карда шаванд.

Диаграммаи 15.




Аз ин рӯ, нутқи тасвирии кӯдакон аҳамияти назаррасро бо мақсадиислоҳнамоӣ талаб мекунад:

• ташаккул додани малакаҳои зарурӣ барои сохтани матни тавсифӣ;

• қобилияти ҷудо кардан ва номгузорӣ кардани хусусиятҳои объекти тавсиф

• қобилияти номбар кардани аломатҳо бо пайдарпаии муайян

• қобилияти пайваст кардани калимаҳо, ибораҳо ва ҷумлаҳоро ба матни пурра.

Таҷриба нишон медиҳад, ки усули моделсозии аёнӣ ҳамчун воситаи самаранок истифода мешавад. Он ба кӯдак имкон медиҳад, ки мафҳуми абстрактиро ба таври аёнӣ тасаввур карда, бо он кор карданро ёд гирад.

Вазифаҳои асосии тайёр намудани кӯдакон ба таълими савод, ки дар гурӯҳҳои тайёрӣ ба мактаб дар кӯдакистонҳо омӯзонида мешавад, асосан аз сохтани ҷумлаҳои ду – се калимадор, ба калимаҳо ҷудо кардани ҷумла, ба ҳиссаҳо ҷудо кардани калимаҳои ду – се ҳиҷодори ҳиҷоҳояшон кушода (хо – на, на – ғо - ра) ва аз ҳиҷоҳо тартиб додани калима иборат аст. Ҳамчунин кӯдаконро ба таҳлили овозии калима бо

истифода аз модели калима (варақчаҳои хоначадор) шинос менамоем. Дар машқҳои амалӣ тасаввуроти бачаҳо оид ба ҷумла, калима, ҳиҷо, овозҳои нутқ мустаҳкам гардида, аммо таърифи назариявӣ ва забонӣ дода намешавад.

Ҳангоми омода намудани кӯдакон ба мактаб мураббия онҳоро бо калима ҳамчун раванди овозӣ, садодиҳии калима, аз овозҳо иборат будани калима, ҳаракати овозҳо дар калима, аз паси якдигар талаффузшавии овозҳо дар калима (занҷири овозҳо), миқдор ва ҷои овоз дар калима, ки онҳо дар калима зиёд ё кам буда метавонанд, ҷудо кардани овозҳои зарурӣ аз калима шинос менамояд. Дар натиҷа, кӯдакон оид ба таҳлили овозии калима тасаввуроти ибтидоӣ мегиранд.

Дар ҷараёни инкишофи нутқи мураттаб пеш аз ҳама ба мазмун ва маънии нутқ диққат дода мешуд. Ҳангоми шиносоӣ бо таркиби луғавии ҷумла ба онҳо ба фаҳмидани на танҳо мазмуни нутқ, балки шакли оғози он низ фаҳмонида мешуд.

Дар машғулиятҳо кӯдакон аввал тартибдиҳии ҷумлаҳои дукалимадор ва аз ин ҷумлаҳо ҷудо кардани калимаҳо ҳамчунин тартиби ҷойгиршавии калимаҳо дар ҷумла (калимаи якум, дуюм)-ро меомӯзанд.

Бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ машғулиятҳо дар мавзӯъҳои « Душанбе пойтахти Тоҷикистон», « Дар бораи ватани худ кӣ чӣ медонад?», «Курраи замин”, “Харитаи Тоҷикистон”, « Саёҳат ба диёри дӯстон» ва ғайраҳо гузаронида шуданд.

Баъд аз баргузории чунин машғулиятҳо тартиб додани нақл аз таҷрибаи шахсӣ низ осон гардида, кӯдакон аз ибораю калимаҳои ҳамқофия, воситаҳои бадеият, ҷумлаҳои мураккаб васеъ истифода намуда, минбаъд ба ин маҳорату малака такя намуда берун аз машғулиятҳо низ суҳбат намоянд.

Дар ҷараёни инкишофи нутқи мураттаб пеш аз ҳама ба мазмун ва маънии нутқ диққат дода мешуд. Ҳангоми шиносоӣ бо таркиби луғавии ҷумла ба онҳо ба фаҳмидани на танҳо мазмуни нутқ, балки шакли оғози он низ фаҳмонида мешуд.

Дар машғулиятҳо кӯдакон аввал тартибдиҳии ҷумлаҳои дукалимадор ва аз ин ҷумлаҳо ҷудо кардани калимаҳо ҳамчунин тартиби ҷойгиршавии калимаҳо дар ҷумла (калимаи якум, дуюм)-ро меомӯзанд.

Мутобиқи мақсади тадқиқот ва санҷиши фарзия кор оид ба ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ба нақша гирифта шуд. Муайян ва санҷидани шароити педагогии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар машғулиятҳои таълимӣ ва берун аз раванди таълим аз ҷониби мураббия мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода шуд.

Вобаста ба масъалаи гузошташуда миёни мураббиён назарпурсии иҷтимоӣ баъд аз озмоиши асосӣ гузаронида шуд. Дар ин назарпурсӣ низ 12 нафар мураббии муассисаҳои таълимии томактабии пойгоҳӣ иштирок намуда, доир ба истифодабарии технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баргузории машғулиятҳои таълимӣ баъд аз баргузории корҳи таҳқиқотӣ ибрози ақида намуданд.

Диаграммаи 16.




Ҳангоми татбиқи чунин шароитҳо барои ташаккули шавқ ва ҳавасмандии кӯдакон барои гирифтани дониш дар бораи олами атроф, аз қабили интихоби барномаҳои ҷолиби компютерӣ, бозиҳо, презентатсияҳо, филмҳо, ки ба густариши тасаввуроти кӯдакон дар

бораи олами атроф мусоидат мекунанд; истифодаи технологияҳои компютерӣ ва фаъолияти пурмаҳсули кӯдакон, ки ба азхудкунӣ ва истифодаи эҷодии фикрҳо дар бораи олами атроф нигаронида шудааст, ҳамкории мураббиёни муассисаҳои томактабӣ ва волидон дар ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакон, дониши онҳо дар бораи олами атроф, дараҷаи акидаҳои онҳо дар бораи воситаҳои иттилоотӣ-иртиботӣ хеле баланд шуд.

Таҳлили амиқ ва ҳаматарафаи робитаи мазмун бо сохти бадеии асар ва кӯчонидани тасаввуроти пайдошуда ба нутқи гуфтугӯӣ, ба ҳам алоқаманд намудани тарафҳои гуногуни нутқ (лексикӣ, сохти грамматикӣ ва маданияти овозии нутқ) дар гурӯҳҳои таълимӣ боиси ташаккул ёфтани нутқи мураттабу пурмазмуни кӯдакони синни калони томактабӣ гардид.

Дар рафти озмоиши асосӣ шаклу усулҳои анъанавии кор, супоришҳои эҷодӣ, намоишгоҳҳо, мутолиаи адабиёти бадеӣ ва таълимӣ; технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ мавриди истифода қарор ёфтанд. Дастурҳои электронӣ мувофиқи талаб тартиб дода ва интихоб карда шудаанд, ки ба таҳқикот асос ёфтаанд, барои мустақилона хондани кӯдак осон, инкишофи доираи васеи маҳорату малака, бо дараҷаи баланди техникӣ, ба синну сол мувофиқ ва шавқовар буданд.

Кӯдакони гурӯҳи назоратӣ ба хусусиятҳои гуногуни олами атроф бо истифода аз нақшаҳои графикӣ , расмҳои пайдарҳам сарфаҳм рафта, дар худ ҳанӯз пеш аз сар кардани нақл, маҳорати дар такя ба воситаҳои гуногун дар бораи олами атроф нақл карданро пайдо намуданд. Дар нақли худ онҳо вобаста ба мазмуни расму мусавварахо ва дар ҷои мувофиқ аз воситаҳои забонӣ ва тасвир моҳирона истифода менамуданд.

Таносуби дараҷаи инкишофи нутқи кӯдакон дар озмоиши таълимӣ дар муқоиса бо нишондодҳои давраи озмоиши муқарраркунӣ, бартарии комёбии раванди озмоиши таълимиро тасдиқ намуданд.

## Хулосаи боби 2.

1. Синни томактабӣ давраи фаъолона азхудкунии забони гуфторӣ, ташаккул ва инкишофи тамоми ҷанбаҳои нут: фонетикӣ, лексикӣ, грамматикӣ мебошад. Азхудкунии пурраи забони модарй дар синни томактабй шарти зарурии ҳалли масъалахои тарбияи ақлию эстетикӣ ва ахлоқии кӯдакон дар давраи ҳассоси  инкишоф мебошад. Омӯзиши забони модарӣ ҳар қадар зудтар оғоз шавад, кӯдак дар оянда аз он озодтар истифода хоҳад кард.

2. Шакли асосии фаъолияти таълимии кӯдакон машғулият мебошад. Машғулиятҳо дар шаклҳои гуногун гузаранд ҳам, мақсади онҳо ягона аст - ба мактаб тайёр намудани кӯдакон. Мавзӯъҳои шиносоӣ бо муҳити атроф, табиат, луғатомӯзӣ, маданияти нутқ, саводомӯзӣ - ин ҳама барои баланд бардоштани тарбияи фикрӣ, маънавӣ, эстетикии кӯдакон равона карда шуда, онҳоро ба мактаб таёр менамояд.

3. Дар рафти озмоиш муайян гардид, ки шакли нутқи шифоҳии диалогӣ ба таври гузориши саволу ҷавоб сурат мегирад, ки он ҷавоби нопурра ва кӯтоҳро талаб мекунад. Ҷумлаи нопурра, оҳангнокии талаффузи бурро ва таъсирбахш, қиёфа ҷиҳатҳои махсуси нутқи диалогист. Барои нутқи диалогӣ бахусус маҳорати додани савол, мувофиқи он шунидани ҷавоб ва ислоҳ кардани нутқи ҳамсуҳбат зарур аст.

4. барномаи озмоишӣ таҳия ва мувофиқа гардид, ки тибқи он бо кӯдакони гурӯҳи таҷрибавӣ оид ба ташаккули нутқи кӯдакон ҳангоми шиносоӣ бо олами атроф  машғулиятҳои таълимӣ  оид ба мақсади таҳқиқот гузаронида шуданд. Мундариҷа, роҳҳо, усулҳо ва шаклҳои ташкили ҳаёти кӯдакон мувофиқи ҳадафҳои тарбияи ахлоқие, ки барномаи  тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ “Рангинкамон” муайян кардааст интихоб шуданд.

5. Истифодаи комплексии хамаи усул, метод ва шаклҳои таълим ба ҳалли яке аз вазифаҳои асосӣ —омодагии нутқии кӯдакони синни томактабӣ амалӣ намуда, онҳоро ба дараҷае бароранд, ки таҳсили бомуваффакиятро дар мактаби ибтидоӣ таъмин намоянд.

6. Раванди кор оиди самтҳо бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ бо мақсади бой гардонидани захираи луғавӣ, ташаккули сохти грамматикӣ ва мураттаби кӯдакони 5—6-сола дар раванди шинос шудан бо олами атроф дохил карда шудааст. Барномаи озмоишии "Ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ"таҳия карда шуд, ки дар давоми 20 ҳафта , моҳҳои сентябр-май мавриди истифода қарор ёфт. Барномаи мазкур аз 24 машғулият, бозиҳои дидактикӣ, машқҳои таълимӣ, саёҳат, сайру гашт, мушоҳида ва хониши адабиёти бадеӣ иборат аст.

7. Ҳамин тавр маълум гардид, ки машғулиятҳо дар кӯдакистон хусусиятхои ба худ хос доранд, онҳо бояд эмотсионалӣ, равшан, бо истифода аз маводи зиёди тасвирӣ, бо истифода аз сабти садо ва видео гузаронида шаванд. Ҳамаи инро технологияи компютерӣ бо имкониятхои мултимедиявии худ ба мо дода метавонад. Истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ имкон медиҳад, ки фаъолият ҷолиб ва воқеан замонавӣ гардад, масъалаҳои маърифатӣ ва эҷодӣ дар асоси возеҳу равшанӣ ҳал карда шаванд.

8. Натиҷаи озмоиши муайянкунанда маълумот дар бораи бартарияти паст ва миёнаи тасаввурот дар бораи ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакон, муњити атроф бо истифода аз воситањои техникИ, иттилоотї-иртиботї дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоиширо дар бар мегирифт. Инчунин пурсишномаи мураббияҳо ва волидон оид ба раванди ташаккул додани нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ мавриди шинос намудан бо муҳити атроф гузаронида шуд.

9. Сатҳи тасаввуроти кӯдакони синни томактабӣ дар бораи муҳити атроф мукаммал гардида, маҷмӯи донишҳо, ҳавасмандӣ ва шавқу

рағбати маърифатӣ, мустақилият, фаъолияти ҷустуҷӯӣ нисбат ба маълумот афзун гардид.

10. Корҳои тачрибавӣ нишон доданд, ки ин истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ шавқу ҳаваси бачагонро ба машғулиятҳо хеле зиёд карда, дараҷаи кобилиятҳои маърифатиро баланд мебардорад. Истифодаи усулҳои нави ғайриоддии шарҳ ва тақвият, махсусан дар шакли бозӣ, таваҷҷӯҳи ғайриихтиёрии кӯдаконро зиёд мекунад ва ба рушди таваҷҷӯҳи ихтиёрӣ мусоидат мекунад.

11. Динамикаи афзоиш дар сатҳи баланди ғояҳои кӯдакони синни томактабӣ дар гурӯҳи таҷрибавӣ дар бораи муҳити атроф (35%), дар муқоиса бо тағирёбии сатҳи начандон зиёд дар гурӯҳи назоратӣ (на бештар аз 5%), инчунин афзоиши сифати дониши кӯдакон дар бораи арзишҳои миллӣ, афзоиши таваҷҷӯҳи маърифатӣ ба раванди таълиму тарбия аз самаранокии истифодаи ТИИ дар таълими кӯдакон шаҳодат медиҳад.

12. Таҳлили амиқ ва ҳаматарафаи робитаи мазмун бо сохти бадеии асар ва кӯчонидани тасаввуроти пайдошуда ба нутқи гуфтугӯӣ, ба ҳам алоқаманд намудани тарафҳои гуногуни нутқ (лексикӣ, сохти грамматикӣ ва маданияти овозии нутқ) дар гурӯҳҳои таълимӣ боиси ташаккул ёфтани нутқи мураттабу пурмазмуни кӯдакони синни калони томактабӣ гардид.

## ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО

Дар охир таҳқиқот ҷамъбаст гардида, чунин хулоса ва тавсияҳо арзёбӣ шуданд:

1. Дар бораи омӯзонидани забони модарӣ дар муассисаҳои томактабӣ ва инкишоф додани нутқи даҳонии кӯдакон бисёр олимону педагогҳои барҷаста фикру мулоҳизаҳои худро баён кардаанд. Забони модарӣ воситаи муҳими муомила ва ифодаи фикр буда, вазифаи асоси таълими забони модарӣ инкишофи нутқ, такмил ва бой намудани захираи луғавии кӯдак, аз худ намудани қоида ва шаклҳои грамматикии калимаю ҷумлаҳо, инчунин фаҳмидани мазмуни ҳар як калимаю ҷумла мебошад.[2-М]

2. Заминаи асосии инкишофи нутқ дар кӯдакистон аз ташкили дурусти шароит барои дар кӯдакон пайдо кардани ҳавас ба мушоҳидаи ашёҳои муҳити зист, шинохтани онҳо ва дар бораи ин чизҳо гуфтугӯ кардан иборат аст, то ки забони кӯдакон дар вақташ аз лӯғат ғанӣ гардад. Бинобар ин инкишофи нутқ яке аз вазифаҳои асоси кори тарбиявии мураббиён ва падару модарон мебошад.[2-М,4-М]

3. Мавриди шинос намудани кӯдакон бо ҷойҳои таърихию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пойтахти кишвар гузаронидани тарзу усули кор оид ба инкишофи нутқи кӯдакони синни калони томактабӣ муҳим ҳисобида мешавад.[4-М]

4. Мақсади дар кӯдакон ташаккул додани дарки унсурҳои оддитарини ҳақиқати нутқӣ мебошад, ки ин нукта дар ҷараёни шинос намудани кӯдакон бо муҳити атроф мавриди аз худ намудани боигариҳои луғавии забони тоҷикӣ, истифодаи дурусти сохти грамматикӣ ва таркибҳои синтаксисӣ, буррогӣ ва пуробурангии гуфтугӯи мустақилонаи кӯдакон мебошад.[1-М,2-М]

5. Бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар кӯдакони синни калони томактабӣ ташаккул додани қобилияти дарки масъалаҳои фонетикӣ, лексикӣ-грамматикӣ, ки дар азхудкунии забон, овозу

калимасозӣ ва тартиб додани иборaю ҷумлаҳо нақши аввалиндараҷаро мебозад.[3-М]

6. Дар рафти озмоиши асосӣ Барномаи озмоишӣ таҳия ва мувофиқа гардид, ки тибқи он бо кӯдакони гурӯҳи таҷрибавӣ оид ба ташаккули нутқи кӯдакон ҳангоми шиносоӣ бо олами атроф машғулиятҳои таълимӣ оид ба мақсади таҳқиқот гузаронида шуданд. Мундариҷа, роҳҳо, усулҳо ва шаклҳои ташкили ҳаёти кӯдакон мувофиқи ҳадафҳои тарбияи ахлоқие, ки барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ "Рангинкамон" муайян кардааст интихоб шуданд.

7. Истифодаи комплексии хамаи усул, метод ва шаклҳои таълим ба ҳалли яке аз вазифаҳои асосӣ —омодагии нутқии кӯдакони синни томактабӣ амалӣ намуда, онҳоро ба дараҷае бароранд, ки таҳсили бомуваффакиятро дар мактаби ибтидоӣ таъмин намоянд.

8. Тавассути ин технология захираи луғавии кӯдакон аз калимаҳою ибораҳои нав бою ғанӣ ва ташаккулдиҳии талаффузи овоз дар таркиби калима, ҷойгиркунӣ, мутобиқшавӣ дар системаи овозии забон, яъне таълими таҳлили овозии калима ва дар ҷараёни он шиносои бо ҳамаи ҳарфҳои алифбои забони тоҷикӣ ба роҳ монда мешавад.[1-М,3-М]

Барои боз ҳам беҳтару хубтар ба роҳ мондани инкишофи нутқи кӯдакони синни томактабӣ пешниҳод мекунем:

1. Истифодаи бозиҳои гуногун дар инкишофи нутқи кӯдакон, зеро бозиҳо ба инкишофи тасаввурот, ҳолатҳои равонию эмотсионалӣ ва қобилиятҳои эҷодии кӯдакони синни томактабӣ мусоидат мекунанд.

2. Истифодаи афсонаҳо ва асарҳои санъат барои инкишофи нутқи кудакон мусоидат мекунад.

3. Бештар истифода намудани усулҳои ғайрианъанавӣ дар фаъолияти нутқӣ бо кӯдакони синни томактабӣ.

# РУЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА


1.Абдуллоев И. Обучению чтению шестилетних учащихся в таджикской школе (на родном языке). Автореф. дис... .канд. пед. наук.- Москва, 1990.-16с.

2. Абдуллоев И. Инкишофи нутқи кӯдакони синни калони томактабӣ. Дастури методӣ барои мураббиён ва волидон [Матн]. – Душанбе, 2009. 56с.

3.Алексеева М.М., Яшина В.И. Методика развития речи и обучения родному языку дошкольников. - М., 998. - 400 с.

4. Анастази, А. Психологическое тестирование/под ред. К.М. Гуревича, В.И. Лубовского - М.,1982.

5. Андреев А.А., Меркулов В.П. Современные телекоммуникационные системы в образовании //Педагогическая информатика. -1995. N1. - С. 55-63.

6.Арушанова А.Г. Обучение родному языку и развитие речевого общения детей. //Как помочь ребенку войти в современный мир? - М., 1995. - С.52-56.

7. Арушанова, А. Игра: формирование грамматического строя речи детей/ А. Арушанова // Дошкольное воспитание. -- 1995. -- N7. -С. 61-64.

8.Авганов С. Профессиональная подготовка будущего учителя иностранных языков на основе применения компьютерных технологий для общеобразовательных школ: автореф. дисс. док-ра пед [Матн]. наук. Душанбе, 2010. -48 с.

9. Адольф В.А. Профессиональная компетентность современного учителя: Монография. Красноярск: 1998. -310с.

10. Бабанский Ю.К. Оптимизация усебно-воспитательного процесса. Просвещение, 1982. -192с.

11. Бабанский Ю.К. По новому строить процесс образования и воспитания: педагогическая наука реформе школы //Интенсификация учебно-воспитательного процесса в школе. - М.: Просвещение, 1988. - С.37-51.

12. Бардо М.С., Коцик Б.Я., Лишин А.Н. Образовательная программа «Формирование компьютерной грамотности и навыков использования информационных технологий». М.: Валент, 1996. - 54с.

13. Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022. №443. -С.18.
14. Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025. Душанбе, 2019. -80с.
15. Барномаи тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ "Рангинкамон". Мураттибон Л. Иматова, Б. Маҷидова Т. Девоншоева ва дигарон. Душанбе, "Сифат" 2013. – 125с.
16. Барномаи таълимии омодагии пешазмактабии кӯдакони 5-7(6) сола. – Душанбе, 2010. 38с.
17. Белая К.Ю. Использование современных информационных технологии в ДОУ и роль воспитателя в освоении детьми начальнои компьютернои грамотности//Современное дошкольное образование. 2010. № 4.
18. Белоусова Л. Е. Удивительные истории. Конспекты занятий по развитию речи с использованием элементов ТРИЗ для детей старшего дошкольного возраста – СПб., «Детство-Пресс», 2000г.2. Большева Т. В. Учимся по сказке 64с.
19. Беляев Д.А., Беляева У.П., Принёва Е.В., Скрипкин И.Н. Художественно-эстетическое содержание видеоигр как интерактивного медиума экранной культуры // Контекст и рефлексия: философия о мире и человеке. 2020. Том 9. № 1А. С. 130-137. DOI: 10.34670/AR.2020.47.1.041
20. Белякова Г.П. Работа над словом и предложением с детьми старшего дошкольного возраста на занятиях по развитию речи. //Психолого педагогические вопросы развития речи в детском саду. – М., АПН СССР, 1987. - С.82-89.
21. Белякова Г.П. Формирование у старших дошкольников в детском саду элементарного осознания языковых явлений: Автореф. дис.... канд. пед. наук. - М., 1982. - 24 с.
22. Беспалько В.П. Слагаемые педагогической технологии. М.: Педагогика, 1989. -192 с.11.

23.Божович Л.И. Личность и ее формирование в детском возрасте.
- М.: Просвещение, 1968. - 464 с.
24. Боев Б. Особенности связи устной и письменной речи в различных условиях обчения.: Автореф.дис….канд.психол.наук. –Киев. –1989. –24 с.
25. Бодрова Е.В. Психологические аспекты понимания литературного текста старшими дошкольниками: Автореф.дис. ... канд.психол.наук. - М., 1984. - 24 с.
26.Божович Л.И. Личность и ее формирование в детском возрасте. М.: Питер, 2008.-398с.
27.Болотина Л.Р., Баранов С.П., Комарова Т.С. Дошкольная педагогика, Москва 2004. – 137с.
28.Бондаренко Н.В., Северова Т. С., Соколовский М.В., Толстых Г.Д. О концепции обучения информатике в школе //Информатика и образование. 1997. -№1. -С. 19.
29.Бондаренко А.К. теория дидактических игр и практика их использования в детском саду. Учебное пособие для студентов. – М: МГПИ им. В.И. Ленина, 1985.
30.Борисова, М. М. Использование интерактивной доски в ознакомлении дошкольников с Олимпийскими играми / М. М. Борисова, М. Е. Шишкина, Т. И. Сайганова // Современное дошкольное образование. Теория и практика. - 2012. - № 3. - С. 72-75.
31.Блонский, П.П. Избранные педагогические и психологические сочинения. Т.2. - М., 1979.
32.Валитова, И.Е. Психология развития ребенка дошкольного возраста- Мн., 1999.
33.Варенцова, Н.С. Развитие фонематического слуха у дошкольников - М., 1997.
34.Васильева Е.А. Роль педагога в формировании информационного пространства дошкольника / Е.А. Васильева // Управление дошкольными образовательными учреждениями. -2011. -№9. -96с.

35.Венгер, А.Л. О критериях готовности дошкольников к школьному обучению. - М.,1980.
36.Венгер, Л.А. Готов ли ваш ребенок к школе. - М.,1994.
37.Вербенец, А.М. Использование информационных технологий в процессе художественно-эстетического развития // Детский сад от А до Я, 2009, №4(40). - С. 4-25
38.Виноградова Н.А., Позднякова Н.В. Сюжетно-ролевые игры для старших дошкольников/Практическое пособие. Айрис-Пресс, 2008. -128с.
39.Возможности информационных и коммуникационных технологий в дошкольном образовании // http://iite.unesco. org/pics/publications/ ru/files/3214673.pdf
40.Возрастная и педагогическая психология/ под ред. А.В. Петровского - М., 1990.
41.Волокитин К.П. Современные информационные технологии в управлении качеством образования /К.П. Волокитин, В.В. Хабин // Информатика и образование. – 2000. – № 8. – 75 с.
42.Габдуллина З.М. Развитие навыков работы с компьютером у детей 4-7 лет. Волгоград: Учитель, 2010. — 139 с.
43.Гершунский Б.С. Компьютеризация в сфере образования: проблемы и перспективы. М.: Педагогика, 1987. - 264 с.
44.Волошкина, М. И. Современные программы для дошкольных образовательных учреждений/М. И. Волошкина // Начальная школа. -- 2000. -- №1. -С. 13-20.
45.Ворошнина Л.В. Пути совершенствования процессов обучения страших дошкольников творческому рассказыванию. Автореф.дис....канд.пед.наук. - М., 1978. -20 с.
46.Выготский, Л.С. Мышление и речь. - М.: Лабиринт, 1996.
Выготский, Л.С. Игра и её роль в психическом развитии ребенка./ Выготский Л. С.// Вопросы психологии. -1966. -№ 6.

47. Ғаниева Б. Мақсад ва вазифаҳои таълими ҳамгиро дар ташаккули маърифати хонандагони синфҳои ибтидоӣ. Мактаб ва ҷомеа, 4 (11) 2006, (литсейи №55 ш.Душанбе).
48. Гербова, В. В.Развитие речи на занятиях с использованием сюжетных картинок//журнал дошкольное воспитание. -1998. -№ 2. -с.21.
49. Гербова, В.В. Занятия по развитию речи в старшей группе детского сада: Пособие для воспитателя детского сада. - М.: Просвещение, 1984.
50. Горвиц Ю.М. Компьютер и дети / Горвиц Ю.М.// Помоги себе сам. - 1996. - №9. - с. 2.
51. Горвиц Ю.М. Кому работать с компьютером в детском саду /Ю. Горвиц // Дошкольное воспитание. – 1991. № 5. 69 с.
52. Горвиц Ю.М. Новые информационные технологии в дошкольном образовании /Ю.М. Горвиц, Л.Д. Чайнова, Н.Н. Поддьяков, Е.В. Готовимся к школе: Книга для родителей будущих первоклассников. - М.: Олимп, 1999.
53. Гурович Л.М., Панкратова М.Л. Обучение дошкольников 5-6 лет сочинению сказок //Оптимация учебно-воспитательного процесса в детском саду: Сб.научн.трудов Ленинг.пед.ин-та им. А.И.Герцена. – Л.,1985, - С.43-52
54.Гусарова, Н.Н. Беседы по картинке: Времена года. - СПб., 1998.
Диагностика готовности детей к обучению в школе/ сост. Г.Т. Дмитриев. - М.,1994.
55.Гусев В.А. Компьютерная грамотность и методическая подготовка учителя / Сборник статей «Высшее педагогическое образование: проблемы и перспективы» М.: 1991. -55 с.
56.Давидчук А.Н. Обучение и игра. Методическое пособие/А.Н. Давидчук. - М.:Мозайка-Синтез. 2006.-168с.
57.Давидчук А.Н. Развитие у дошкольников конструктивного творчества. Москва, 1976. 79с.
58.Давыдова Г.Н «Нетрадиционные техники рисования в детском саду» часть 1. – Скрипторий 2003, 2007. – 198 с.

59.Дадабоева М., Қурбонова Г., Худ бисоз, бо мо бисоз. Маводи таълимӣ. Душанбе 2009.
60.Дурова Н.В., Новикова В.П. Развивающие упражнения для подготовки детей к школе. - М.: Школьная Пресса, 2000.-80с.
61. 150 тестов, игр, упражнений для подготовки детей к школе. - М.: «Издательство АСТ», 2000.
62. Дошкольная педагогика /под ред. В.И.Логиновой (и др.). М.,1988.
63. Диагностика умственного развития дошкольников. /Под ред. Л.А.Венгера, В.В.Холмовской. - М.:Педагогика, 1978. - 248 с.
64. Ефименкова, Л.Н. Формирование речи у дошкольников. - М., 1985.
65. Ёров А.Б. Аҳамияти технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ба кӯдакони хурдсол// Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. -2020. №1 (1).-С.155-160.
66. Ёров А.Б. Заминаҳои педагогӣ-психологии истифодаи технологияҳои иттилоотиву иртиботӣ дар таълими кӯдакони синни томактабӣ// Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. -2020. №2 (2).-С.78-83.
67. Ёров А.Б. Нақши технологияҳои навини иттилоотиву иртиботӣ дар рушди низоми маориф// Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. -2018. №1.-С.102-104.
68. Журова, Л.Е., Эльконин, Д.Б. К вопросу о формировании фонематического восприятия у детей дошкольного возраста - М.: Просвещение, 1983.
69.Закон Республики Таджикистан «Об образовании». –Душанбе, 2013.
70.Закон Республики Таджикистан «О дошкольном воспитании и обучении». –Душанбе, 2013, 55 с.
71.Занятия по развитию речи в детском саду / под ред. Ушаковой О.С. - М.,2000.
72.Запорожец, А.В. Избранные психологические труды: В 2 т. - М., 1986.
73. Захарова И.Г. Информационные технологии в образовании: Учеб. Пособие для студ. Высш. Пед. Учеб. Заведений. -М., Издательский центр «Академия», 2003.-192с.

74. Иззатова Мухаббат Иноятовна. Становление и развитие дошкольных образовательных учреждений в Таджикистане (1924-2004 гг): диссертация ... доктора педагогических наук: - Душанбе, 2015.- 349 с.
75. Иматова Л.М. Развитие связной речи старших дошкольников при ознакомлении с художественной литературой. [Текст]: Дис. ...канд.пед.наук. – Душанбе , 2000. - 152 с.
76. Иматова Л. Методические основы развития связной речи детей старшего дошкольного возраста. - Душанбе, 2012. 134с.
77. Иматова Л. Педагогические условия обеспечения преемственности коммуникативной деятельности старших дошкольников и младших школьников. – Душанбе, 2013. - 223 с.
78. Иматова Л.М. Усулҳои таълим ва омӯзиши интерактивӣ. Дастури таълимӣ барои мураббиён ва омӯзгорон – Душанбе, 2010. 23с.
79. Калинина Т.В., Дмитриев Ю.А. Проблемы здоровьесбережения в процессе ознакомления детеи с компьютернои техникои в компьютерно-игровых комплексах ДОУ. // Здоровьесберегательное образование. - 2011. - №1 (13). - С. 56-61.
80. Калинина Т.В. Управление ДОУ. Новые информационные технологии в дошкольном детстве. - М, Сфера, 2008.
81. Каше, Г.А. Подготовка к школе детей с недостатками речи. - М., 1985.
82. Колесникова, Е.В. Развитие фонематического слуха у дошкольников. - М., 2002.
83. Кириенко С.Д., Микерина А.С. Применение информационных и коммуникационных технологий в практике дошкольных образовательных организаций. Вестник Челябинского государственного педагогического университета. 2018. № 3. С. 80-89. Речаи дастрасӣ ба суроғаи: https://elibrary.ru/item.asp?id=35395559
84. Комарова И.И., Туликов А.В. Информационно-коммуникационные технологии в дошкольном образовании/Под ред. Т.С. Комаровой. -М.: Мозайка-Синтез, 2013,-192с.

85. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. №94, Душанбе, 2006. С.15.
86.Консепсияи таҳсилоти муттасил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 2017-2023. ба карори Хукумати Чумхурии Точикистон аз “25” январи соли 2017, № 28
87.Концепция развития дошкольных учреждений в Республике Таджикистан. Душанбе.: -1994.-12 с.
88.Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 1994. Бо тағйиру иловаҳои 1999, 2003, 2016.Душанбе, 2016.-20с.
89. Короткова Э.П. Обучение детей дошкольного возраста рассказыванию. М.: Просвещение, 1982. 128 с.
90. Кравцова, Е.Е. Психологические проблемы готовности детей к обучению в школе. - М.,1993.
91. Кулагина, И.Ю. Возрастная психология (Развитие ребенка от рождения до 17 лет): Учебное пособие. - М.: Изд-во РОУ, 1996.
92.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”. (Моддаи 15) Душанбе, 2013.-с43.
93.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” Душанбе, 2011.-23с.
94.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ” (моддаҳои 14, 20, 24.) ш. Душанбе, с.2013, №12.7с.
95. Ладыженская Т.А. Об изучении связной речи детей, поступаюших в школу //Характеристики связной речи детей 6-7 лет. - М., 1979. - С.6-29.
96. Ладыженская Т.А. Определение уровня связной речи учащихся //Исследования по развитию связной речи учащихся. - М., 1974. -С. 12-27.
97. Леонова Н.Н. Художественное творчество. Освоение содержания образовательной области по программе «Детство». Планирование, конспекты. Первая младшая группа. – Изд.: Учитель, 2014. – 298 с.
98.Липская Н.М. Изучаю мир вокруг. - СПб.: Эксмо, 2014. - 56с.

99.Луканкин, Г.Л. Об информационно-категориальном подходе кобучению детей дошкольного и младшего школьного возраста//Начальная школа. - 2001.-№ 7. - С.99-105

100. Лисина, Н.И. Общение со взрослыми и психологическая подготовка детей к школе. - Кишенев, 1987.

101. Лисина, М.И. Общение, личность и психика ребенка./ Лисина М.И., Рузская А.Г. - М., 1997.

102. Лутфуллоев М., Иматова Л. Мое родное слово - Душанбе, 2005. - 80 с.

103. Лутфуллоев М. Основы начального обучения родному языку. - Душанбе,2007. - 462 с.

104. Любина, Г. О речевом поведении воспитателей // Дошкольное воспитание. - 1996. --№4. -С. 17-19.

105. Марупова Е.В. Ознакомление дошкольников с окружающим миром. - М.: Детство-Пресс, 2014. - 128с.

106. Маҷидова Б. Педагогикаи томактабӣ/ Китоби дарсӣ. Қисми 1. - Душанбе, 2011. 242с.

107. Маҷидова Б. Фаъолияти кӯдакон/китоби дарсӣ. Душанбе, 2015. 40с.

108. Маҷидова Б., Ғуломова Н. Шиносоии кӯдакон бо табиат. - Душанбе.: Маориф, 1992. - 49 с.

109. Маҷидова Б., Иматова Л. Истифодаи зарбулмасал ва маколҳои тоҷикӣ дар таълим ва тарбияи кӯдакон. -Душанбе.: - 1999. - 37 с.

110. Могилева В.Н. Психофизиологические особенности дошкольника и их учет в работе с компьютером /В.Н. Могилева. – М.: Академия, 2007. -259 с.

111. Моторин В. "Воспитательные возможности компьютерных игр". Дошкольное воспитание, 2000г., № 11. -С.27

112. Мухина, В.С. Психология детства и отрочества. Учебник для студентов психолого-педагогических факультетов вузов. - М.: Институт практической психологии, 1998.

113. Мухина, В.С. Шестилетний ребенок в школе. - М.,1986.

114. Мухина, В.С. Психология дошкольника/ Мухина В.С., Венгер Л.А.- М., 1995

115. Мухортова, А.В. Формирование информационной культуры дошкольника // Начальная школа плюс До и После. - 2003. - №10. - С.21- 24

116. Насруллоева Н. Омӯзиши забони модарӣ дар кӯдакистон. - Душанбе.: Маориф, 1991. - 75 с.

117. Немов, Р.С. Психология. / Немов Р.С. - М., 1994.

118. Николаева, С.Н. Воспитание начал экологической культуры в дошкольном детстве: Методика работы с детьми подготовительной группы детского сада. - М.: Новая школа, 1995.

119. Нищева, Н.В. Развивающие сказки. - СПб., 2002.

120. Новоселова С.Л. Проблемы информатизации дошкольного образования / Новоселова С.Л. // информатика и образование. - 2010. №2. - с. 91-92.

121. Новые педагогические и информационные технологии в системе образования 2006. -316с.

122. Новоторцева, Н. В. Развитие речи детей: Дидакт. материал по развитию речи у дошк. и мл. шк.-- Ярославль, 1996.

123. Новоторцева, Н.В. Обучение грамоте в детском саду. - Ярославль, 1998.

124. Обухова, Л.Ф. Концепция Жана Пиаже: за и против. - М., 1981

125. Общая психодиагностика / под ред. Бодалева А.А., Столина В.В. - М.,1987.

126. Общение детей в детском саду и семье/ под. ред. Т.А. Репиной, Р.Б. Стеркиной.- М., 1990 .

127. Общение и речь: Развитие речи у детей в общении со взрослым / под ред. М.И. Лисиной - М.: Педагогика, 1985.

128. Овчарова, Р.В. Справочная книга школьного психолога. - М.,1996.

129. Основы психодиагностики / под ред. Шмелева А.Г. - Ростов-на-Дону, 1996.

130. Оила ва кӯдакистон : чӣ тавр кӯдакро ба мактаб омода намуд. Маҷмӯаи мақолаҳо. Душанбе, 2006., 126с.
131. Особенности психического развития детей 6 - 7 летнего возраста/под ред. Д.Б.Эльконина, Л.А.Венгера. - М.,1988.
132. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26.12.2018 12:21, шаҳри Душанбе
133. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 22.12.2017, шаҳри Душанбе
134. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шаҳри Душанбе, аз 22 декабри соли 2016
135. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 24 апрели соли 2010.
136. Пешкова В.Е. Педагогика. Часть 5. Педагогические технологии в начальном образовании. Учебное пособие. Майкоп, 2010. – 288с.
137. Полат Е.С. Новые педагогические и информационные технологии в системе образования. Учеб. Пособие для студ. Пед. Вузов и системы повыш. Квалиф. Лед. Кадров /Е.С. Полат, М.Ю. Бухаркина, М.В. Моизеева, А.Е. Петров; Под ред. Е.С. Полат. -М. Издательский центр «Академия», 2002. -272с.
138. Полат Е.С. Современные педагогические и информационные технологии в системе образования/ И.С. Полат [Текст]М.2015,-234с.
139. Полат И.С. Развитие личности ребёнка от пяти до семи лет. Екатеринбург, 2010.-576с.
140. Раҳмонов З.Ф., Комилов Ф.С. Компютер ва иттилоот-Душанбе, маориф, 2015. -208с.
141. Подъяков, Н.М. Мышление дошкольника - М., 1972
142. Пожиленко, Е.А. Волшебный мир звуков и слов. - М., 2001.

143. Программа развития и обучения дошкольника: Учимся говорить в 4 года/ сост. Герасимова А. С. и др. -- СПб., 2000.
144. Психокоррекционная и развивающая работа с детьми /под ред. Дубровиной И.В.- М., 1999.
145. Психология воспитания: Пособие для методистов дошкольного и начального образования, преподавателей, психологов/под ред. В.А.Петровского - М.,1995.
146. Программа воспитания, обучения и развития детей дошкольного возраста «Рангинкамон» («Радуга»). /Под.ред. Л.Иматова, Б.Маджидова, Т.Девоншоева и др. Душанбе, 2013. 125с.
147. Рогов, Е. И. Настольная книга практического психолога в образовании. - М.,1996.
148. Рубинштейн, С.П. Основы общей психологии: в 2 т. - М., 1989.
149. Коноваленко, С.В. До школы 3 месяца!?» - М.,2000.
150. Салмина, Н.Г. Знак и символ в обучении. - М., 1988
151. Сайганова, Т. И. Методика использования информационно-коммуникационных технологий в работе с детьми дошкольного возраста //Дошкольник: методика и практика воспитания и обучения : журн. для занятий с детьми. - 2011. - № 5. - С. 23-24.
152. Смирнов, А.А. Избранные психологические труды: в 2 т. - М., 1987.
153. Смирнова, Е.О. Особенности общения с дошкольника / Смирнова Е.О.- М.,2000.
154. Сидорчук Т.А. Корзун А.К. Формирование связной речи дошкольников средствами ОТСМ-ТРИЗ. Методическое пособие для воспитателей.
155. Сидорчук Т.А. Лелюх С.В. Обучение дошкольников составлению логических рассказов по серии картинок (технология ТРИЗ), методическое пособие для воспитателей детских садов и родителей, изд . «Аркти», Москва, 2009.

156. Сохин Ф.А. Осознание речи дошкольниками и подготовки к обучению грамоте. / Вопросы психологии. 2011, №2.
157. 14. И. Сохин Ф.А. Психолого - педагогические проблемы развития речи дошкольника. / Вопросы психологии. 2013 г. №4.
158. Стандарти давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025. – Душанбе, 2019. 80с.
159. Стандарти инкишоф ва омӯзиши барвақтии кӯдак (аз таваллуд то 7(6) сола) (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). Душанбе, 2012.-83с.
160. Стандарти давлатии таҳсилот аз фанни «Забони тоҷикӣ»-и синфҳои ибтидоӣ. Рӯҳафзо. №14, декабри 2006.
161. Тихеева Е.И. Развитие речи детей. Москва, 2010 г.
162. Ткаченко, Т.А. В первый класс - без дефектов речи. - СПб., 1999.
163. Ткаченко Т.А. Обучение детей творческому рассказыванию по картинкам., изд. «Владос», 2005.
164. Ткаченко, Т.А. Если дошкольник плохо говорит. - СПб., 1997.
165. Ушакова, О. Развивайте речь дошкольника // журнал дошкольное воспитание. 1992. № 3 - 4- с. 4.
166. Ушакова, О. С. Развитие речи дошкольников - М.: Изд-во Института Психотерапии, 2001.
167. Ушакова О. Развитие словесного творчества детей 6-7 лет. / Дошкольное воспитание. 2012 г. №9.
168. Федоренко Л.П., Фомичева Г.А., Лотарев В.К. Методика развития речи детей дошкольного возраста. -М.: Просвещение, 1984. - 240 с.
169. Федоренко Л.П. Закономерности усвоения родной речи.-М. Просвещение, 1984, - 160 с.
170. Филичёва, Т.Б. Развитие речи дошкольника. - Екатеринбург,1996.
171. Фомичева, М.Ф. Воспитание у детей правильного произношения- М.: Издательство «Институт практической психологии», Воронеж: НПО «МОДЭК», 1997.

172. Флерина Е.А. Художественное слово в детском саду //Эстетическое воспитание дошкольника. - М.: Изд-во АПН РСФСР, 1961. - С.290-310
173. Фоппель, К. Как научить детей сотрудничать. Психологические игры и упражнения: практическое пособие /Фоппель К.- М., 1998.
174. Харламов, И.Ф. Педагогика: учебное пособие для ВУЗов./ Харламов И.Ф.- М., 2000.
175. Характеристика связной речи детей младшего школьного возраста: сбор. научн. трудов /Под ред. Т.А.Ладыженской. - М.: Изд. АПН СССР, 1981. - 80 с.
176. Хрестоматия по возрастной и педагогической психологии./ под ред. И.И. Ильясова - М., 1995.
177. Ҳаётова Р. Гӯшаи олами табиат дар боғчаи бачагон. Душанбе: Маориф, 1990. - 49 с.
178. Художественное творчество и ребенок. //Под ред. Ветлугиной. - М."Педагогика", 1972. - 286 с.
179. Чайнова, Л. Д. Развитие личности ребенка в компьютерно-игровой среде // Детский сад от А до Я. -- 2003. -- № 1. -- С.15-22.
180. Швайко, Г.С. Игры и игровые упражнения для развития речи. - М., 1983.
181. Эльконин, Д.Б. Диагностика учебной деятельности и интеллектуального развития детей. - М.,1981.
182. Эльконин, Д.Б. Психическое развитие в детских возрастах/ под редакцией 95. Д.И. Фельдштейна - М.: Издательство «Институт практической психологии», Воронеж: НПО «МОДЭК», 1997.
183. Эльконин, Д.Б. Развитие речи в дошкольном возрасте - М., 1990.

**Рӯйхати захираҳои интернетӣ**

184. Журнал «Воспитатель детского сада» https://www.vospitatelds.ru
185. Истифодаи тахтаи электронӣ дар муассисаи томактабӣ http://raguda.ru/ns/interaktivnaja-doska-dlja-detej-doshkolnogo.html// (охирин санаи дастрасӣ: 23.04.2022)
186. Методичка «Сундучок» для воспитателей, родителей и детей

https://vk.com/club_sunduk_ru

187. Петрова, Н.В. Информационная культура как фактор социализации ребенка дошкольного возраста // http://otvetila.ru/laboratornye /informatsionnaya-kultura-kak-faktor- sotsializatsii-rebenka-doshkoln/

188. . http://aboutstudy.ru/ Сайт Обучение.RU. Образование / Дошкольное.Образование / Методики.

189. http://dob.1september.ru /Газета «Дошкольное образование». 90.Российское образование. Федеральный портал http://www.edu.ru/ 91.Всё образование. Каталог ссылок http://catalog.alledu.ru/

190. В помощь учителю Федерация Интернет-образования http://som.fio.ru/ 93.Российский образовательный портал. Каталог справочно-информационных источников

191. В помощь учителю Федерация Интернет-образования http://som.fio.ru/ 93.Российский образовательный портал. Каталог справочно-информационных источников

192. http://www.school.edu.ru/catalog.asp?catalog no=1165.

193. http://edu.rin.ru/ Наука и образование.

194. Сайт компании «Кирилл и Мефодий» http://edu.km.ru./opyt/ 96.Новая методика обучения детей http://www.metodika.ru/

195. Сайт «7ya.ru» - все для детей и их родителей http://www.7ya.ru/pub/school/.ФИРО http://www.firo.ru/

196. Hayes, M., Whitebread, D. (eds.) (2006) ICT in the Early Years. Open University Press, England ICT in Pre-School: A `Benign Addition'? (2002)

# РУЙХАТИ ИНТИШОРОТИ РАҲИЛАИ НУРАҲМАДЗОДА

***I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи бонуфузи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия тавсияшуда нашр шудаанд:***

[1-М] Нураҳмадзода Р. Ташаккули маданияти муошҳирати хонандагони мактаб-интернатҳо дар корҳои беруназсинфӣ. /М.Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, №3, 2020, с.141-145.

[[2-М] Нураҳмадзода Р. Инкишофи нутқ ва аҳамияти он дар омӯзиши ибтидоии забони модарӣ. /М. Номаи донишгоҳ. - №2 (67). –Хуҷанд, 2021. С.189-194. (ҳаммуаллиф).

[3-М] Нураҳмадзода Р.Ташкили дарс-саёҳат дар раванди таълими забони тоҷикӣ ва аҳамияти он дар ташаккули салоҳиятҳои муоширатии хонандагон. /М.Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, №1(37), 2022, с.99-103.

[4-М] Нураҳмадзода Р. Инкишофи нутқи мураттаби кӯдакон мавриди шиносоӣ бо ҷойҳои таърихии пойтахти кишвар. /М.Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, № 2(37), 2023, с.124-129.

***II. Маводе, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд:***

[5-М] Нурахмадзода Р. Особенности развития речевых навыков учащихся начальной школы. VII Международная научно-практическая конференция «наука и образование в современном мире: вызовы XXI века. Нур-Султан, Казахстан, 10.2020. - С.45-49.

[6-М] Нурахмадзода Р. Татбиқи технологияи инноватсионӣ дар раванди таълим – омили муҳими ташаккули салоҳиятҳои коммуникативии хонандагон // Маводи конференсияи илмӣ – байналмилалӣ «Таҳқиқоти педагогӣ: мушкилот ва дурнамои он дар замони муосир». – Душанбе. 29.04.2021. - С.37-42.

[7-М] Нурахмадзода Р. Преемственность в речевом развитии детей дошкольного и младшего школьного возраста //Международная научная конференция: проблемы, задачи и перспективы Брайтон, Великобритания/ 21-22.04.2021 с.126-132.

[8-М] Нурахмадзода Р. Ҳамкории равонию педагогии мураббия ва волидон дар омода кардани кӯдакон ба таълим дар мактаб. // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ- амалии "Нақши донишҳои психологӣ дар пойдории муносибатҳои оилавӣ". – Душанбе. 12.03. 2022. - С.201-205.

[9-М] Нурахмадзода Р. Инкишофи нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни томактабӣ мавриди шиносоӣ бо муҳити атроф. //Маводи конфреренсияи байналмилалии «Масъалаҳои мубрами назария ва амалияи тадқиқоти педагогӣ: дурнамои инкишофи он дар замони муосир». – Душанбе, 19.10.2023. С.254-257.

## Саёҳати Роҳи Абрешим

Доманакӯҳ. Кӯдакон ва Вафодор дар пайраҳаи домони кӯҳ қадам мезананд.

**Манижа** (аз экран):- Ассалом, бачаҳо!
**Бежан** (ҳамчунин): -Салом!
**Вафодор:** (аз паси буттае баромада):- Бежан, мо кучо меравем?
**Манижа:** - Ба тамошои кӯҳсор.
**Бежан:** - Манижа, ба кӯҳсор ҳамеша вақт ёфта рафтан мумкин. Мехоҳам як
боракак ба саёҳати Роҳи Абрешим равем.
**Вафодор** (ҳайрон шуда): - Ин боз чӣ хел роҳ будаст? Яке афсона набошад?
**Бежан:** - Ин афсона не, ҳақиқат аст! Ба ман падарам гуфтанд: як замон Роҳи
Абрешим будаст, вай аз Тоҷикистони мо ҳам мегузаштааст...
**Манижа**: - Ҳа, Бежан рост мегӯяд, ман ҳам дар телевизор тамошо карда будам.
Ин роҳ абрешимин будаст, одамон аз рӯйи абрешим қадам зада, ба
сайру тамошо мерафтаанд...
**Вафодор:** - Наход?! Ин қадар абрешимро кӣ харидаст, кӣ бофтаст?
**Манижа:** - Кӣ мешуд? Бобоҳо ва  бибиҳоямон!
**Вафодор:** - Дар кучо бофта бошанд? Дар замонҳои қадим корхона набуд-ку?!
**Манижа:** (Хаёлманд мешавад) - Саволҳои аҷиб додӣ, Вафодор. Биёед, худамонро
азоб дода, нашинему аз Симурғ пурсем.
**Бачаҳо** (ба тарафи осмон ва баробар): - Сиииимуууууурғ!
Симурғ парида меояд.

**Симурғ**: - Ассалом, дӯстрӯякони ман! Ба саёҳат баромадед?
**Вафодор:** - Мо ба кӯҳсор рафтанӣ будем. Бежан гуфт, ки ба тамошои Роҳи
Абрешим равем. Ҳамин хел роҳ ҳаст? Ин афсона нест?
**Симурғ**: -Не, афсона нест!

**Бежан (**ба Вафодор): -Фаҳмидӣ, гапи мо рост баромад!
**Вафодор:** - Ин қадар абрешимро одамон аз куҷо ёфтанд?
**Симурғ** (хандида): - Ин роҳ абрешимин набуд, номи роҳ Абрешим буд. Дар
замонҳои қадим одамон аз як мамлакат ба мамлакати дигар ба шутурҳо
намаку пашму пахта, ё абрешим бор карда мебурданд. Аз ҳамин сабаб
онро Роҳи Абрешим гуфтанд.
**Вафодор:** - Барои чӣ Роҳи пахта, Роҳи намак нею Роҳи Абрешим гуфтанд?
**Симурғ:** - Барои он ки абрешим матои қиматбаҳою камёфт буд. Фақат дар Чин
мебофтанд. Аз он ҷо ба ҳар ҷо бурда мефурӯхтанд.
**Манижа** (хурсандона): - Симурғ, ин роҳ аз Тоҷикистони мо ҳам мегузашт-а?
**Симурғ:** - Дуруст, Манижа. Аз Чин сар шуда, аз Қирғизистон, Тоҷикистон,
Ӯзбекистон, Туркманистон гузашта, ба Эрону Туркия мерасид. Яъне, он
қитъаи Осиёро бо Аврупо пайваст мекард.
**Бежан:** - Симурғ, биё, ҳамин роҳро ба мо нишон деҳ!
**Вафодор:** - Ав-ав, аҷаб кори хуб мешуд!
**Симурғ:** - Аммо ин роҳи дуру дароз аст. Чанд ҳазор километр. Агар пиёда равед, ду сол қадам мезанед, (расми одаме, ки пиёда қадам мезанад), агар мошинсавор равед, қариб як сол лозим аст, (расми моишни сабукрав, ки босуръат меравад), бо ҳавопаймо – қариб як шабу як рӯз парвоз мекунед (расми ҳавопаймо, ки дар парвоз аст).
**Манижа:** - Агар бо Симурғи тезпарвоз равем-чӣ!

Бачаҳо хурсанд мешаванд. Симурғ болу пар мезанад.

**Симурғ:** - Ин тавр бошад, саёҳатро аз замони қадим сар мекунем. Он вақтҳо одамон бо шутуру аспу маркаб сафар мекарданд.

Симурғ бол меафшонад.
Як шутур пайдо мешавад.
Бежану Манижа дар каҷоваи он менишинанд, яъне савори шутур мешаванд. Шутури онҳо ба корвоне ҳамроҳ мешавад. Вафодор дар

атрофи корвон давутоз дорад. Сорбоне пешопеши корвон аст. Садои зангӯла ба гӯш мерасад.

**Манижа:** - Бежан, мо ба куҷо меравем?
**Бежан:** - Аз Симурғ пурс, Манижа. Ман ҳам намедонам. (Ба болои сараш менигарад).
Ана, Симурғ!
**Симурғ: -** Мо ба Чин меравем. Ин шутурҳои қаторро **корвон** мегӯянд. Дар шутури
якум соҳиби корвон нишастааст. Ӯро **сорбон** мегӯянд, яъне роҳбалад.
Ана, дар шутури ҳамсоя як савдогари чинӣ, яъне вай аз давлати Чин аст, нишастааст.

Бачаҳо ба шутури дарпасбуда менигаранд. Дар вай марди Чинӣ нишастааст.

**Марди чинӣ** (бо табассум ба тарафи бачаҳо): - Ни Хао ма. Во цзяо Пенг. (Салом, номи
ман – Пенг)
**Бежан** (хаёлмандона): - Манижа, вай чӣ гуфт?
**Манижа:** - Ба фикрам вай салом гуфт. Биё, мо ҳам салом мегӯем! (Бежану Манижа
баробар): - Ассалом!
**Бежан: -** Симурғ, инҳо ба куҷо мераванд?
**Манижа: -** Барои чӣ мераванд?
**Симурғ:** - Инҳо аз Чин абрешим оварда, ба ивазаш аз кӯҳи Хоҷамуъмин намак,
аз Хатлону Хуҷанду Самарқанду Бухоро пахтаю пашму асп мебаранд.
**Манижа: -** Акнун мо ҳам ба Чин меравем?
**Симурғ:** - Бале, ба Чин хоҳем рафт.
**Вафодор:** - Оҳо-о-о, Симруғ, бо шутур мо соли дигар ба Чин мерасем. Ягон нақлиёти дигар нест?
**Симурғ:** - Ҳаст! Шумо, ки акнун чӣ будани Роҳи Абрешимро фаҳмидед, марҳамат
(ба тарафе ишоракунон), аз шутур фароеду ба пуфаки ҳавоӣ савор шавед!

Дар сари теппае ду нафар мард, яке хориҷӣ пуфаки рангоранг дуруст мекунанд. Бачаҳо онҳоро дида хурсандӣ мекунанд. Шутур менишинад. Бачаҳо аз каҷовахо фаромада, ба тарафи сайёҳон мераванд. Бо онҳо шинос мешаванд.

**Манижа: -** Ассалом! Ман, Манижа, ин – Бежан.
**Вафодор:** - Ав-ав! Ман – Вафодор.
**Марди якум:** - Салом, бачаҳо! Мо сайёҳем. Номи ман - Эраҷ. Ин кас ҳамсафари
ман - Ҷек. Мо бо ин пуфак ними дунёро саёҳат кардем.
Ҳоло ба Чин сафар дорем. Агар бо мо саёҳат кардан хоҳед, марҳамат,
савор шавед!
**Бежан:** - Ташаккур ба шумо! Бо ҷону дил!

Бачаҳо ба сабади пуфак савор мешаванд. Симурғ бо онҳо хайрухуш мекунад.

**Эраҷ** (аз ҷузвдонаш харита ва компас бароварда): - Мо бо компасу дурбин ва харита
саёҳат мекунем. Ин чизҳо барои сайёҳ мисли обу ҳаво зарурананд. Бе онҳо
сайёҳ метавонад раҳгум занад.
**Манижа:** - Амакҷон, мо бо Роҳи Абрешим сафар кардан мехоҳем. Шумо зид
нестед?
**Ҷек:** - Вери гуд! Бисёр хуб! Бигзор гуфтаи шумо шавад! Рафтем!
**Манижа: -** Пасттар парвоз кунем беҳтар аст. Тамошо хуб мешавад.
**Бежан:** - Шумо саёҳатро аз куҷо сар кардед?
**Ҷек:** - Мо аз Истамбул ба Теҳрон парвоз кардем. (Харита намудор мешавад.) Аз он ҷо ба Бухорою Самарқанд аз он ҷо ба Суғд, Душанбе, Хатлон ва Бадахшон омадем.

(Пуфаки ҳавоӣ босуръат аз болои ин шаҳрҳо мегузарад. Харита равшан нишон дода мешавад. Чун ба шаҳре расиданд, рамз ё бинои таърихии он шаҳр нишон дода мешавад. Аз Самарқанд ба Тоҷикистон (парчам, ҳайкали Исмоили Сомонӣ, биноҳои нав...), ба он ҷое меоянд, ки Бежану Манижа ҳамроҳ шуданд муҳимаш хати Роҳи Абрешим ба бачаҳо нишон дода шавад).
Дар ин муддат мусиқии тоҷикӣ садо медиҳад...

**Эраҷ:** - Ана, ин кӯҳҳои Бадахшони мо. Боми Ҷаҳон! Инаш, кӯли Сарез.
**Ҷек:** - Ҳозир мо дар болои саҳроҳои Мурғобем! Ана, подаи қутос, ана, бачаҳои қирғиз бозӣ мекунанд.
**Манижа:** - Магар ба Қирғизистон расидем?
**Эраҷ:** - Не, наздик омадем. Акнун аз сарҳад мегузарем.
**Бежан:** - Чӣ хел роҳи тамошобоб!
**Эраҷ:** - Лекин дар замони қадим, тақрибан 2 ҳазор сол пеш, ин роҳ бисёр душворгузару пурхатар буд. Корвони шутур аз биёбон мегузашт, (Шутурҳо дар биёбон, шамол, бӯрон, чанг, ташнагӣ, марде беҳол қадам мезанад...), аз миёни кӯҳҳо мегузашт (Корвон дар роҳи ағба, барф, азоби ағбабаройӣ...). Ба корвон дуздону роҳзанҳо ҳамла мекарданд. (Корвон дар хатар: роҳзанҳо ҳуштаккашону фарёдзанон ба тарафи корвон медаванд.)

**Манижа:** - Имрӯз роҳ бехатару ҳамвору зебост! Ҳамин тавр не, амаки Ҷек?
**Ҷек:** - Бале, Манижа, имрӯз Роҳи Абрешим ҳамвору бехатар аст. Одамон мошинсавор (дар роҳ мошинҳои сабукраву боркаш пасупеш мераванд) аз як мамлакат ба дигараш сафар мекунанд. На дузд ҳаст, на роҳзан.
**Бежан:** - Амаки Ҷек, биёед, пасттар фароем. Подаи говҳои ваҳширо бинем!
**Ҷек:** - Инҳо говҳои ваҳшӣ не, инҳо қутосанд. Дар ҷойҳои хунук зиндагӣ мекунанд.

Мусиқӣ. Пуфак паст фаромада, аз миёни қутосҳо мегузарад. Сагҳои чӯпонӣ аз паси пуфак медаванд. Вафодор ба тарафи онҳо аккос мезанад.

**Эраҷ:** - Ана, Қирғизистон!

Садои мусиқии қирғизӣ ба гӯш мерасад. Манзараҳои Ҷумҳурии Қирғизистон: дашт, рама, юрт, бачаҳо, марде аспсавор, мусобиқаи аспдавонӣ дар дашт, як деҳаи қирғизӣ, Иссиққӯл, Бишкек...
Мусиқӣ пайваста ба гӯш мерасад. Дар як ҷо пуфак дар назди юрте мешинад. Ҳама мефароянд.
Аз куҷое ду саги қирғизӣ давида меоянд ва бо Вафодор шинос мешаванд. Вафодор бо сагҳои чӯпонӣ бозикунон дур меравад...
Ду писараки қирғиз аз юрт мебароянд ва наздик меоянд. Дар ин ҷо Манижаю Бежан ба онҳо салому пурсупос ва гуфтугӯ мекунанд. Ҳамааш таҳти оҳанги миллии қирғизӣ.

Сайёҳон бо онҳо хайрухушкунон боз дар фазо парвоз мекунанд...

**Ҷек:** - Ана, Чин!

Мусиқии чинӣ ба гӯш мерасад. Манзара ва ҷойҳои таърихии Чин: Девори Бузурги Чин намудор мешавад.

**Бежан:** - Амаки Эраҷ, барои чӣ дар сари кӯҳу пушта ин қадар девори дароз сохтаанд?
**Эраҷ:** - Бачаҳо, ин Девори Бузурги Чин, яке аз ҳафт муъҷизоти олам аст. Дар замонҳои қадим, барои муҳофизати сарзамини Чин аз душманон сохта буданд.

...хона ва биноҳи аҷибсохти қадима, баъд шолизор, деҳқонони чинӣ, кулоҳҳои хасини чатрмонанд, деҳоти Чин, шаҳрҳо, биноҳои баландошёна, Пекин...
Пуфак ба канори шаҳри Пекин, дар сари баландӣ менишинад.

**Ҷек:** - Ана, мо ба Пекин, пойтахти Чин расидем! Роҳи Абрешим ба охир расид.
Шаҳрро тамошо мекунему ақиб мегардем: шумо ба Тоҷикистон, ман ба ватани худам!
**Манижа:** - Ман дер боз орзуи дидани Роҳи Абрешимро доштам!
**Бежан:** - Ман ҳам. Акнун ба мақсадамон расидем! Ташаккур ба шумо, амаки Ҷеку амаки Эраҷ!
**Эраҷ:** - Бо бачаҳои далеру ҷасур саёҳат кардан ҳамеша аҷибу шавқовар аст! Саёҳат хотирмон буд.
**Бежан** (бо хавотир ва тааҷҷуб): - Манижа, Вафодор канӣ?
**Манижа:** - Воҳ! Вафодор нест (Оҳанги гиря мекунад). Вафодор куҷо шуда бошад?
**Эраҷ:** - Хавотир нашавед. Вафодори шумо дар Қирғизистон монд. Сагҳои чӯпониро дида, аз юрт дур рафт. Мо ӯро фаромӯш кардем.
**Ҷек:** - Гиря накунед, дар бозгашт ёфта мегирем! Вафодор гум намешавад...

Бачаҳо ором ва хотирҷамъ мешаванд. Ногоҳ дар фазо Симурғ пайдо мешавад, ки Вафодорро бардошта меовард. Ҳама аз пуфак фаромада, шоду мамнун ба тарафи шаҳр қадам мезананд.

**Бежан:** (Якбора бозистода ва ба ақиб рӯ меорад)- Манижа, мо тамошобинонро фаромӯш
накунем! Онҳо ҳамеша ҳамроҳи моянд! Бачаҳо, саёҳат хубу хуш гузашт.
Ҳамин тавр не?
**Садои тамошобинон:** - Бале, аҷоиб гузашт! Ташаккур ба шумо!
**Манижа** (ба тамошобинон): -Ба шумо ҳам ташаккур! То боздид, ҳамсолони азиз!
**Ҷек:** - Гуд бай!

Аз паси парда садои “Хайр, бачаҳо!” шунида мешавад. Ҳама ба боло менигаранд.

**Бежан:** - Симурғ!
**Манижа:** -Ташаккур ба ту, Симурғ!

Симурғ парида, нопадид мешавад.

## Машғулият

### Шинос намудани кӯдакон ба  харитаи сиёсии ҷаҳон

**Мақсад:** Шинос намудани кӯдакон ба харитаи ҷаҳон, васеъ намудани тасаввуроти онҳо дар бораи кишварҳо, халқу миллатҳое, ки дар рӯи замин арзи вуҷуд доранд.

**Маводи таълим**: Харитаи сиёсии ҷаҳон, расмҳо, лӯхтакҳо, бозичаҳо.

### Нақшаи намунавии машғулият

Мураббия дар як гӯша (дар болои мизи корӣ) глобусро мегузорад ва харитаи сиёсии ҷаҳонро дар девор овехта мемонад.





1. Бо кӯдакон саволу ҷавоб мекунад: хонаи мо дар кадом кӯча, деҳа, шаҳр, кишвар ҷойгир аст, дар он киҳо зиндагӣ мекунанд, (кӯдакон, бародару хоҳар, бобою бибӣ), хешовандон, падар, модар, ҳамсояҳо, ки шояд дар қатори онҳо намояндагони халқу миллатҳои гуногун-ӯзбекҳо, русҳо, туркманҳо, қирғизу афғонҳо ҳастанд, нишони кӯдакистон кадом аст, кадом кишварҳои дуру наздики хориҷиро медонед, онҳо аз рӯи чӣ (кадом нишона - забон, либос, ном, хӯрок, афсонаю ривоятҳо, бозичаҳо) фарқ мекунанд.

2. Ҷавобҳои кӯдаконро таҳлил намуда, мураббия қайд мекунад, ки шумо хеле чизҳои хубро медонед. Офарин! Дар рӯи замин халқу миллатҳои зиёд дар кишварҳои худ зиндагӣ мекунанд, вале шумо намедонед, ки дар ин кишварҳо халқу миллатҳо чӣ қадар зиёд ҳастанд. (зиёда аз 200 кишвар, 2000 халқияту миллатҳо- эзоҳ барои мураббия). Ном ва ҷойгиршавии ҳамаи кишварҳо дар ана ҳамин харитаи ҷаҳон тасвир ёфтаанд. Нигоҳ кунед ба харитаи ҷаҳон. Мо ин кишварҳоро дар гурӯҳамон нишаста аз харита дида метавонем.

3. Мураббия ба бачаҳо имконият медиҳад, ки ба назди глобус омада онро давр занонда бинанд, харитаи ҷаҳонро аз назар гузаронанд, ба ҳамдигар чизеро нишон диҳанд, байни ҳамдигар андешаронӣ намоянд. Ин амал имконият медиҳад, ки кӯдакон бо маърифати маводи таълимӣ омода гарданд.

4. Баъди 3-5 дақиқа диққати бачагонро ба худ ҷалб намуда, мураббия нақл мекунад: “Харита” -ин расми ҷой, маконест, ки дар он замин ва об – дарё, баҳру уқёнусҳо тасвир ёфтааст. Нигоҳ кунед, ҷое ки ранги кабуд, аст он ҷойи об, дарё, баҳр, уқёнус ном дорад. Замин бошад яъне хушкӣ бо рангҳои сабз, зард, ҷигарранг тасвир гардидааст.

Дар рӯйи замин алафҳо, дарахтон ва боғҳо месабзанд. Ин макон ранги сабзро гирифтааст. Биёбон, даштҳо ранги зард доранд. Ранги ҷигарӣ ин кухҳо мебошанд. Шояд шумо аз ман бипурсед, ки харитаро аввалин бор кӣ ва кай эҷод кардааст? Охир, мо дар ҷойи исти худ тамоми рӯи заминро дида наметавонем? Бачаҳо харита ё худ тасвири тамоми Замини мо, ки онро Сайёраи мо низ меноманд, дар замонҳои қадим аз тарафи одамони донишманд, боақл, зиндагидида тартиб дода шудаанд. Он қатори расмҳо, ки дар поёни харита мебинед,акси парчами ҳамаи давлатҳои дар харита тасвиршуда мебошанд. Чи тавре ки Тоҷикистони мо рамзҳои давлатӣ-муқаддасоти худ,яъне Суруди миллӣ, Нишон ва Парчами худро дорад, дигар кишварҳо низ рамзҳои давлатии худро доранд. Кӯдакону калонсолони он кишварҳо мисли мо тоҷикистониҳо

рамзҳои давлатии худро медонанд ва эҳтиром мекунанд. Баъди машғулият шумо метавонед расми парчамҳои кишварҳои дунёро аз назар гузаронида, расми парчами Тоҷикистонро шинохта ба якдигар нишон диҳем.

5. Биёед акнун маслиҳат мекунем, ки мо харитаи ҷаҳонро дар куҷо овезон карда монем, то шумо тавонед онро ҳар рӯз тамошо кунед, аз он Тоҷикистони азизи худро муайян намоед, Парчами кишваратонро шинохта, аз он фахр намоед.

## Машғулият: Курраи замин
## (глобус)

**Мақсад:** Шинос намудани кӯдакон ба глобус ва шавқманд намудани кӯдакон ба донистагирии таърихи пайдоиши он. Васеъ намудани фаҳмиш ва тасаввурот доир ба мавҷудияти хушкӣ ва об дар рӯйи замин.Тарбия намудани эҳтироми халқу миллатҳо ва ҳисси инсондӯстӣ нисбати онҳо.

**Маводи таълим: глобус**

**Нақшаи намунавии рафти машғулият:**

1. Суҳбат дар бораи фасли тобистон: кӣ, кай ба сайру саёҳат, истироҳату фароғат рафтааст.
2. Нақли мураббия: "Бачаҳо! Одамон дар замонҳои қадим ба роҳҳои дур, кишварҳои ҳамсоя рафта, саёҳат менамуданд. Сайру тамошо ва сафар карданро дӯст медоштанд. Он вақтҳо мисли ҳозира автомобил, поезд, самолётҳо набуданд. Ба хотир биёред, ки дар афсонаҳо одамон ба чӣ савор шуда ба саёҳат мерафтанд? Асп, шутур, хар. Қатори шутурҳоро корвон меномиданд ва дар онҳо молу чизи худро бор карда ба савдогарию саёҳат ва сафар мерафтанд, вале дар бораи на ҳамаи кишварҳо маълумот доштанд".

Одамоне, ки дар соҳили дарёву баҳрҳо зиндагӣ мекарданд, аввал киштиҳои хурд, баъд киштиҳои калон сохта ба баҳру уқёнусҳо ба сафар мебаромаданд. Одамоне, ки дар киштиҳо ба сафар мебаромаданд, онҳоро баҳрнаворд меномиданд. Вале онҳо дастгоҳ барои муайян карадани вақт ва самти ҳаракат надоштанд. Баъзан якчанд рӯзу шаб, ҳатто ҳафтаю моҳҳо дар баҳр шино кардан зарур мегардид. Баҳрнавардон вақтро аз рӯйи рӯзу шаб ва ситораҳо, вақт ва самти ҳаракати киштии худро муайян мекарданд. Дар вақти осмонро пӯшидани абрҳо ситораҳоро дидан мушкил мегардид ва онҳоро фақат шабона дидан мумкин буд. Ин то ихтирои қутбнамо (компас) давом кардааст.

Нигоҳ кунед, одамон ҳамин гулобусро бо он мақсад сохтанд, ки дар он сайёраи мо яъне замини мо тасвир ёфтааст. Мо ба гулобус нигоҳ карда дида метавонем, ки замини мо чӣ гуна аст. Нигоҳ кунед (гулобусро нишон дода) замини мо куррашакл, доирашакл, кулулашакл буда, он аз хушкӣ (замин) ва обу баҳру уқёнусҳо иборат аст.

Бинед, ақли одам тавонист Замин-саёраи мо ки хеле калону бузург аст, дар шакли курра, кулула дар глобус ҷой диҳад ва мо онро дар рӯи миз гузошта, мушоҳида намоем. Медонед бачаҳо, ҳаҷми гулобус гуногун шуда метавонад. Глобуси калонтарин дар Фаронса ҷой дорад, ки ҳамаи мою шумо даромада ҷойгир шуда метавонем (дарозии он 13метр- маълумот барои мураббия) ва вазнаш ба вазни автобус баробар аст.

Шумо мехоҳед ман нишон диҳам , ки ватани мо Тоҷикистон дар глобус дар куҷо ҷоигир шудааст? Ана нигоҳ кунед (глобусро давр занонда) дар ин ҷо Тоҷикистони мо тасвир ёфтааст, мо низ мисли дигар кишварҳо дар глобус ҷойи худро дорем. Бояд бо дигар кишварҳову мардуми он, махсусан, бо кӯдакон дӯстӣ дошта бошем, ҳамдигарро иззату эҳтиром намоем.

4. Аз имрӯз сар карда ин гулобус дар гуруҳи мо мемонад. Акнун мо бояд маслиҳат намоем, ки онро дар куҷо гузорем то мо ҳама онро ҳар рӯз дида тавонем.

5. Бо маслиҳату машварат ҷойи глобус аниқ карда ва гузошта мешавад.

3.Саволу ҷавоб аз рӯйи нақли мураббия:

- дар замони қадим одамон чӣ тавр ва бо чӣ ба сафар мерафтанд?
- киҳо киштиҳои хурду калон сохтаанд?
- баҳрнавардҳо киҳо будаанд?
- баҳрнавардҳо вакт ва самти ҳаракати киштиро чӣ тавр муайян мекарданд?
- барои чӣ одамон глобусро сохтанд?
- глобус чӣ гуна шакл дорад?
- дар глобус чиҳо нишон дода шудааст?
- глобуси калонтарини дунё дар кадом кишвар будааст?
- калонӣ, бузургӣ ва ҳаҷми онро аз рӯйи чӣ муайян кардан мумкин аст?
- кӣ ба ман – Тоҷикистонро дар глобус нишон медиҳад?
- боз кадом давлатҳоро медонед, ки онҳо дар глобус ҷойгир шуда метавонанд?
- оё мо глобусро дар гуруҳамон нигоҳ дошта метавонем?
- он ба шумо маъқул шуд?
- барои чӣ?

**Машғулият:**
**Саёҳат ба диёри дӯстон**

**Мақсад:** Мукаммал гардонидани донишу тасаввуроти кӯдакон доир ба фасли зимистон ва хусусияту зоҳиршавии нишонаҳои ин фасли сол дар кишварҳои сайёраи мо. Афзун гардонидани шавқу рағбати донистагирӣ ва тарбия намудани ҳисси эҳтиром нисбати халқҳои дигар. Ин машғулиятро баъди шинос намудан ба глобус, харитаи Тоҷикистон ва харитаи ҷаҳон дар шакли "Бозӣ- саёҳат" ташкил намудан мумкин аст.

**Маводҳо:** глобус, харитаи Тоҷикистон, харитаи ҷаҳон ва расмҳои гуногун.

Нақшаи тахминии ташакил ва гузаронидани "Бозии Саёҳат ба Африка"

1. Дар қисми аввал сӯҳбат дар бораи он, ки ҳозир кадом рӯзи ҳафта, моҳ, фасли сол аст ва боду ҳавои кишвар, олами паррандаҳо, ҳаёти ҳайвонҳои ваҳшӣ дар ин фасл чӣ гуна аст, чӣ тавр хӯрок меёбанд?.
2. Шумо ягон маротиба ба ҷойҳои дур сафар кардаед? Аз кадом намуди нақлиёт истифода бурдаед? Ба кӯдакон мурочиат карда мешавад: Дар фасли зимистон ба саёҳати кишварҳои дур, масалан Африқо, Россия, махсусан Сибир, Амрико рафтан мехоҳед? Барои ба саёҳати кишвари дур рафтан чӣ гуна тайёрӣ дидан лозим?
3. Барои ба Африко сафар кардан (аз харита ва глобус нишон дода) роҳи дуру дарозро ба воситаи тайёра тай намудан лозим меояд. Чунки бояд мо аз болои кӯҳҳои баланд, дарёву баҳрҳо гузашта, баъд ба Африқо ворид мегардем.

Тасаввур кунед, ки мо ба он ҷо омадем, вале он ҷо ба мисли шаҳри (деҳа, ноҳияи) мо хунук нест. Ба фикри шумо барои чӣ дар фасли зимистон низ дар Африка ҳаво хунуку сард нест? Дар кӯчаҳо бо одамоне дучор мегардем, ки онҳо либосҳои сабуку баҳорӣ пӯшида гаштаанду ранги пӯсти онҳо аз мо фарқ мекунад.

4. Тасаввур кунед, ки тайёра моро ба соҳили дарёи Нил фаровард ва мо бояд онро гузашта саёҳати худро давом диҳем. Ба фикри Шумо мо чӣ тавр аз дарёи Нил гузашта саёҳатамонро давом дода метавонем?

Баъд аз дарёи Нил гузаштан мо биёбони Сахараро дучор мегардем, ки дар он ягон нақлиёти хушкигард роҳ намегардад. Бояд мо аз кадом намуди нақлиёт, ки ба мардуми он ҷо дастрас аст, истифода барем? Дар ҳолати мушкилӣ кашидани кӯдакон расми уштур, корвони уштурҳоро нишон дода сӯҳбатро идома медиҳем.

5. Дар дашту биёбони Сахара ба кадом ҳайвонҳо дучор шудан мумкин? Мо бояд худамонро аз ташнагию гуруснагӣ чӣ тавр наҷот диҳем? Он ҷо падару модар, бибию бобои Шумо нестанд, ба Шумо бояд кӣ мадад расонад? Хайрият, як илоҷ карда азобу уқубатҳои роҳро паси сар карда уштурсавор аз биёбони Сахара гузаштем. Вале дар роҳи мо ба ҷойи ягон шаҳру деҳа ҷангалзор пеш омад. Ба фикри шумо, дар ин ҷангалҳо кадом ҳайвонҳои ваҳшию дарранда зиндагӣ мекунанд?.

6. Дар ҳолати барои ба саволҳо ҷавоб додан мушкилӣ кашидани бачаҳо, амалу хусусияти ҳайвонҳо тасвир карда мешавад. Аз ҷумла кенгру пӯсти зебои рах- рах дорад", дар халтаи шикамаш бачаашро бардошта мегардад, Аз шикофи дарахтон асал меҷӯяд. Чашмони хушрӯй дораду тез медавад. Дар Ҳиндустон (дар киноҳо дидаед?), онҳоро одамон ром намуда дар корҳои худ истифода мебаранд. Як қисми онҳо хонагӣ шуданд ва ғайра.

7. Тарзи дигари идомаи саёҳатро низ истифода бурдан мумкин аст. Масалан, мизу курсиҳоро дар шакли ҷойгиршавии ҷои нишаст дар тайёра гузошта, мураббия дар даст баландгӯяк (ягон ашёи ба он монанд) ҳамроҳи бачаҳо ба якчанд кишвари Африко ба саёҳат мераванд. Ӯ расмҳои дарёи Нил, биёбони Сахара ва ҳайвонҳои ваҳширо нишон медиҳад. Ба яке аз шаҳрҳо фуруд омада онро тамошо мекунанд ва боз ба ватани худ ба тайёра бармегарданд.

Баъди саёҳат бозии "Майдони муъҷизот"-ро ташкил намуда, ба меҳвар ва атрофи майдон расми ҳайвонҳои маскуни Африқо гузошта мешавад. Аз кӯдак хоҳиш карда мешавад, ки ақрабак дар назди кадом ҳайвоне қарор гирад, дар бораи он нақл тартиб диҳад. Барои иштироки фаъолона ва ҷавобҳои саҳеҳ мукофот ва амали руҳбаландкунӣ истифода мегардад.

Чунин машғулиятро дар шакли "Бозӣ- саёҳат" ба шаҳру вилоятҳои Тоҷикистон, Федератсияи Россия, Ҳиндустон, Хитой ва дигар кишварҳо ташкил намуда бо олами набототу ҳайвонот, шуғли мардуми онҳо, бойгариҳои моддию фарҳангӣ, ёдгориҳои таърихию меъморӣ, шинос намудан мумкин аст. Ҳама вақт дар охири машғулият бояд таъкид намуд, ки дар ҳамаи кишварҳо одамон бо ҳам дӯстона, аҳлу тифоқ зиндагонӣ ва кор мекунанд. Кӯдакони онҳо низ наздикони худро дӯст медоранд, эҳтиром менамоянд, баҳри беҳдошти ояндаи ватани хеш кӯшиш менамоянд.